

Пауло КОЭЛЙО

# КИМИЁГАР

## (Роман)

### Сарсухан ба нашри русӣ

Нусхае аз нашри якуми романи «Кимиёгар»-ро, ки нашриёти «София» ба табъ расонидааст, ба даст гирифта, аз самими дил шодмон гаштам. Дар Русия дарозои солҳои тӯлонӣ хонандагони ташаббуспеша ҷаҳд менамуданд, ки ин китобро мустақилона мунташир бикунанд ва бо чунин ният онро дар Интернет ҷой медоданд, дар сурати китобчаҳои худсохт ба ҳамдигар додуситад менамуданд, фотонусха мебардоштанд, ки китоби алҳол ба дастгирифтаи Шумо тарҷума аз чунин муҷаллад будааст. Лекин бо вуҷуди ин ҳама ҷаҳду талошҳо бо сабабҳои мухталиф то ҳол ташкили савдои босаводонаи «Кимиёгар» дар бозори китоби ин кишвар даст надода буд.

Инак, нашриёте пайдо гашт, ки ба нашри ин асар ҷасорат зоҳир намуда, дар бозори китоби Русия тамоми мушкилотро паси сар карда, ба интишори касбии «Кимиёгар» машғул бишавад. Мафҳуми муҳимтарине, ки асоси қиссаи ҷаҳонгардии Сантягои чӯпонро ташкил медиҳад, мафҳуми «Тақдири Худ» аст. Тақдири Худ чист? Ин пешомад- дидании олии мо, роҳи бароямон дар ин ҷо, дар Замин муҳайёкардаи Худованд аст. Ҳар боре, ки амалеро бо шодиву нишот ва аз таҳти дил ба ҷо меоварем, ин гувоҳӣ бар он медиҳад, ки мо пайравӣ ба Тақдири Хеш менамоем. Вале на ба ҳама матонат кифоягӣ менамояд, ки маҳз бо ҳамин роҳ гом зада, ба мулоқот ва қирон ба орзуи якумра муяссар бишаванд. Чаро, охир, ҳамагон ба орзую омоли хеш намерасанд?

Барои ин чаҳор садд халал мерасонаду монеъ мешавад. Нахустин он аст, ки ба одам ҳанӯз аз овони тифлӣ таъкид менамояд: он чизе, ки дар ҳаёт беш аз ҳама мехоҳад, қатъиян иҷронопазир ва дастнорас аст. Тифлак бо чунин андеша ба камол мерасад ва дарозои ҳар соли сипаришуда дар ниҳоди ӯ, яъне андар руҳаш хурофоту тарс бештар реша ронда, қалбашро эҳсоси гунаҳгорӣ лабрез месозад. Ва бо ҳамин минвол боре лаҳзае фаро мерасад, ки пайгирӣ намудани Тақдири Худ таҳти ин бори вазнин гӯиё хокпӯш шуда мемонад ва одам мепиндорад, ки ҳиссиёти дидании олии хештанро пурра бохтааст. Ҳарчанд дар батни руҳи ӯ, мисли пешина, ин ҳис, албатта, боқист.

# ПАЁМИ СУҒД

№2

2009



# МУНДАРИЧА

## НАЗМ

АҲМАДҶОНИ РАҲМАТЗОД. *Соқинома* ....2

АМИНҶОН ШАРИФОВ. *Бояд зиндагонӣ кард (Силсилаи шеърҳо)* ...10

## НАСР

ХОВАРИ ПӮЛОД. *Сабзхазон (Қисса)*....14

## САД БАЙТИ ОЛӢ

ХОҶА ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ. *Тоири гулшани қудс*....38

## РАҲОВАРД

АБДУЛМАННОНИ НАСРИДДИН. *Анҷумани устодони забон ва адабиёти форсӣ*....46

## БУЗУРГДОШТ

АЛЛОМА ШИБЛИИ НӮЪМОНӢ. *Симои Имоми Аъзам Абӯҳанифа*...49

## АЗ АДАБИЁТИ ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН

ПАУЛО КОЭЛЙО. *Кимиёгар (Роман) Тарҷумаи Солеҳи Зарифзод*......61

## ТАЪРИХИ НИЁГОН

КАРИМ АБДУЛОВ. *Чаҳор додар аз Кӯшдевор*....81

## ТАҚРИЗ ВА КИТОБИЁТ

АҲМАДҶОН ДАВРОНОВ, НЕЪМАТҶОН ФАЙЗУЛЛОЕВ *Садои дили шоир*....98

Агар ба одам, ҳарчӣ ҳам бошад, мардонагию матонат кифоягӣ бикунаду орзуи хештанро аз қаъри равонаш кашида баромада, барои пиёда кардани он аз мубориза рӯй натобад, варо имтиҳоне дигар, ишқ пеш меояд. Вай медонад, ки дар ҳаёт ба чӣ чизе расидан ва ё ноил гаштанӣ буд, лекин аз он ҳарос мекашад, ки аз баҳри ҳама чиз гузашт карда, бо ин ба наздикони худ дарду ғусса меоварад. Ин чунин маъно хоҳад дошт: одам намефаҳмад, ки ишқ барои ба пеш рафтан садде нест, баръакс дар ин ҷода ёвари кас мешавад. Ва он фарде, ки барҳақ барои ӯ некӣ мехоҳад, ҳамеша ҳамрайъаш шуда, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ӯро бифаҳмад ва дар тай сохтани роҳ дастгиру мададгораш бошад.

Гоҳе одам дарк менамояд, ки дар раҳпаймоӣ ишқ сад неву ёвар будааст, мушкилии сеюм пешорӯяш арзи ҳастӣ менамояд: тарси ноомаду бохтҳо. Он касе, ки барои пиёда сохтани орзуву ормонаш ҷаҳд менамояд, дар сурати даст надодани коре сахттару бештар аз дигарон азоб мекашад, зеро ҳақ надорад, ки ба «Шавад-обӣ, нашавад-лалмӣ» барин ҳикматҳо рӯй оварда, ҷони хеш халос бисозад. Маҳз дар чунин ҳолат вай ба орзурасиро беҳад мехоҳад ва мефаҳмад, ки дар ин ҷода буду шуди хештан ба гарав гузоштааст. Ӯ бо камоли хирад дарк менамояд, ки роҳи муқарраркардаи Тақдири Худ ба сони роҳҳои дигар душвору мушкилгузар асту тафриқа он қадар аст, ки «дили ту низ паймояндаи он роҳ мебошад». Бад-ин хотир Сарбози Олам бояд дорои таҳаммулу бардошт буда бошад, ки дар лаҳзаҳои сахттарини зиндагӣ кор биёяд ва набояд фаромӯш бисозад, ки тамоми Чархи Гардун дар кӯмаки ӯ мешавад, то ки хоҳишаш ба ҷо биёяд, бигзор, ҳатто, бо роҳу равиши барояш тасаввурнопазир бошад ҳам.

Шумо мепурсед: бохтҳо заруранд магар?

Заруранд ва ё на, рух медиҳанд онҳо. Гоҳе, ки одам барои пиёда сохтани орзуву омоли хеш акнун гомҳои нахустин мениҳад, ба ҷурми камтаҷрибагӣ, ба хатоҳои зиёде роҳ медиҳад. Вале қадру маънои ҳастӣ маҳз дар он аст, ки ҳафт бор пешпо хӯрда, бияфтиву дар карати ҳаштум маҳкам барҷо биистӣ.

«Агар барои ин нисбати дигарон бештар сахтӣ медида бошӣ, дар чунин маврид аз паси Тақдири Худ пайгирӣ кардан чӣ лозим?»- мепурсед Шумо. Барои он ки вақте ноомаду бохтҳо паси сар мешаванд - охири охирон онҳо ҳатман паси сар мегарданд - мо эҳсоси хушбахтии комилро дарк мекардагӣ мешавем ва ба худи худ бештар бовар мекунем. Азеро андар жарфои дил бовар дорем, ки арзандаем, бо мо чизе рух дода бошад, ғайримуқаррарӣ ва фавқулодда. Ҳар рӯз ва ҳар соати

умри мо ин лаҳзаи Набарди Пуршараф аст. Раво - раво мо хушнудона истиқбол гирифтан ва лаззат бардоштан аз ҳар сонияи зиндагиро ёд мегирем. Ғаму ғуссаи шадидро, ки нохост бар сарамон фурӯ меояд, зудтар даргузар менамоем, нисбати оне, ки сабук будаву таҳаммулаш бароямон осонтар идома меёфт: чунин андӯҳ метавонад солҳо тӯл бикашад ва ба оҳистагиву бароямон ноаён мисли кирм руҳамонро ба хӯрдан меоғозад, то ҳамон даме, ки ҳиссиёти ҷудонопазири талхе дар дил сахт макон гирифта, ҳаётамонро то нафаси вопасин шӯру сияҳ месозад.

Инак, гоҳе, ки инсон орзую омоли хешро аз қаъри дил берун овардаву солҳо бо нерӯи меҳри худ парвариш дод, ҳама обилаву озармҳои дилашро, ки дар ҷабҳаи набарди шадиду заҳматталаби пиёдасозии ормон аз теғу гурзҳои рӯзгораш ба бор омада буданд, нодида вонамуд месозад, баногоҳ мушоҳида кардан мегирад, ки он чизеро, ки дергоҳ мехост, басе наздик омадааст ва баъди саҳле амалӣ шуданист - шояд худи фардо. Маҳз дар ҳамин давра ӯро садди охирин дом густурда, мунтазираш мешавад: тарси пеш аз иҷро шудани орзуи якумра.

Чунон ки Оскар Уайлд нигошта буд, «Ҳамеша одамон ҳамон чизеро вайрон карда, барбод медиҳанд, ки беш аз ҳама дӯст медошта бошанд». Ва ин барҳақ чунин аст. Худи идроки он ки хостаи якумраи одам ҳамин ҳозир амалӣ мешавад, дили ӯро бо эҳсоси гунаҳгорӣ пур месозад. Ба гирду атрофи хеш нигариста, ӯ мебинад, ки ба бисёриҳо пиёда кардани ормонҳояшон насиб нашудааст. Дар ин ҳол меандешад, ки вай низ ба меваи орзуи деринааш арзанда нест. Одам барои орзую омоли хеш чӣ рӯзҳои сахтро аз сар гузаронид, дарёи ғам даркашид ва чӣ қурбониҳое, ки кард, ҳамаро фаромӯш месозад. Ба камина муяссар шуда буд, бо одамоне вохӯрам, ки аз паи Тақдири Худ бо дилу ҷон гом ниҳода, аз мақсуди дилхоҳ дар масофаи ду қадам қарор ёфта будаанду дар лаҳзаи ҳалкунандаи охирин нодониҳои зиёде кардаанд, ки дар натиҷа ба муродашон агар гӯё даст ба он дароз бикунӣ, мерасид- нарасида монданд.

Аз ҳамааш маҳз ин садд маккортарин аст, зеро он гӯё бо як навъ пардаи қудсӣ - даст кашидан аз шодмонии корнамой ва меваҳои гуворои зафар - фаро гирифта шудааст. Ва фақат ҳамон вақте одам дарк менамояд, ки ба он чизи барояш чунин боэҳтирос мубориза бурдааш арзанда аст, ӯ ба ҳақ мерасад, яъне ба инояти бемисоли Худованд шарафёб мегардад ва бароят маънои будубошаш дар ин ҷо, дар Замин ошкор мешавад. Романи «Кимиёгар» перомуни ин ҳама дар шакли рамзӣ қисса мекунад.

## САРСУХАНИ МУАЛЛИФ

Аз вазифаи хеш медонам, хонандаро огоҳ бикунам, ки «Кимиёгар» асари рамзист ва маҳз бо ҳамин аз «Рӯзномаи муғ», ки дар он, ҳатто, ягон вожаи хаёлӣ нест, фарқ мекунад.

Ёздаҳ соли умри худро ба омӯзиши кимиёгарӣ бахшидам. Барои ҳар он касе, ки дар ҷодаи муғӣ (соҳирӣ-тарҷумон) қадамҳои нахустин гузоштааст, аллакай имкони ба тилло табдил додани ҳама навъи фулузот ва ё дарёфти Иксири ҳаёт худ ҷаззобу назарфиреб хоҳад буд. Иқрор менамоям, ки, бахусус, иксир фикру зикри маро бештар банд карда буд, зеро то даме, ки ҳастии Худоро нафаҳмидаму дарк накардам, хаёли боре абадан хотима ёфтани ҳама чиз маро сахт азоб медод. Ба ҳамин хотир чун огаҳӣ ёфтам, ки илоҷи офаридани моеъе будааст, ки метавонистааст, ҳастии заминии моро ба солҳои сол афзун бинамояд, қарор додам, тамоми умрамро ба тайёр намудани он бубахшам.

Ин дар ибтидои солҳои ҳафтодум, дар арафаи дигаргуниҳои амиқ, дар замоне буд, ки оиди илмҳои симиё ҳанӯз корҳои ҷиддие ба сомон нарасида. Бар мисоли яке аз қаҳрамонҳои китоби мазкур ман буду шуди маблағи ночизамро ба харидани китобҳои оиди кимиёгарӣ, ки дар хориҷа интишор шуда буданд, ҳамчунин тамоми вақтамро ба омӯзиши забони дандоншикани рамзии онҳо сарф мекардам. Ба ман муяссар гардид, дар Рио-де-Жанейро чанд тан олимонро ёбам, ки бо Эҷоди Бузург ҷиддан машғул ҳастанд. Лекин эшон аз мулоқотам сар битофтанд. Банда бо ҳамон анҷуманҳое низ шиносо гардидам, ки намояндагонаш хештанро кимиёгар эълом дошта, соҳиби лабораторияҳои муҷаҳҳаз будаву омодаи ба ҳар касе ошкор сохтани асрори санъати худ буданд - фақат, албатта, бар ивази маблағҳои гӯшношунид; алҳол бароям комилан маълум аст, ки дар асл онҳо аз соҳае, ки хештанро донандааш мешумурданд, ба куллӣ огаҳӣ надоштанд.

Ҷаҳду талоши банда бар абас мерафт. Ба ман аз ҳама он чизҳое, ки адабиёти кимиёгарӣ тавассути забони таҳдор дар ҳар қадам бо гуна-гуна рамзҳо - хуршеду моҳ, аждару шерҳо - талқин менамуданд, ақаллан сари мӯе даст надод. Ва пайваста дар гумон мешудам, ки на ба он самте равонаам, ки мақбул бошад: охир, аллакай худи рамзӣ будани забон баҳри ташреҳоти нодуруст ҷодаи фарохтарин хоҳад кушод. Соли 1973 аз он ки дар ҷадалҳоям, ҳатто, як ваҷаб пеш рафтан насибам нагашт, маъюсу ноумед шуда, ба амали беҳад сабукфикронае роҳ додам. Дар он айём Идораи маорифи музофоти Мату - Гроссу аз камина дархост намуд, ки оиди санъати театрӣ дарс бигӯям ва ман қарор додам, дар театр-студияи студентӣ бо

ширкати шогирдони донишҷӯям намоишномаеро дар мавзӯи «Лавҳи Зумуррадӣ» ба саҳна гузорам. Ин кор бароям бесамар нарафт ва ҳамин гуна таҷрибаҳо якҷоя бо кӯшишҳои дар арсаи муғӣ мақом пайдо намудан оқибат ба он бурда расонданд, ки пас аз як сол камина дар мисоли хештан ба ҳаққонияти андарзи «Ришта ҳар қадар калоба шавад ҳам, оқибат ба охир мерасад» бовар бикунам.

Дарозои шаш соли оянда ҳар он чӣ бо тасаввуф ва тахаюлот марбут бошад, писханди шаккоконаамро бармеангехту бас. Дар ҳамин бадарғагии ботинӣ банда барои худ чанд хулосаи муҳим баровардам: мо ин ё он ҳақиқатро танҳо баъди оне мепазирем, ки дар ибтидо онро бо дилу ҷон рад карда бошем; аз тақдири хештан гурехтаң лозим нест - халосӣ аз он нахоҳад буд; Худованд бар ивази гуноҳ сахт ҷазо медиҳаду ҳамзамон раҳмати Ӯ бепоён аст.

Соли 1981 ба ҳаётам Рама - Омӯзгор ворид гардид, ки тақдираш карда будааст, маро ба шуғли пешинаам баргардонад. Бар иловаи донишҳое, ки аз устод мегирифтам, боз дубора таваккал намуда, ба омӯзиши кимиёгарӣ пардохтам. Боре, шабона, пас аз хатми машғулияти телепатӣ, аз эшон суол кардам, ки чаро кимиёгарон ин қадар дандоншикан ва номафҳум сухан меронанд.

-Се тоифаи кимиёгарон мавҷуданд, - посух дод ӯ. Гурӯҳе ба номуайянбаёнӣ майл доранд, чунки худҳошон аз шуғлашон огаҳ нестанд. Дигарон шуғли хешро медонанд ва ҳамзамон медонанд, ки забони кимиёгарӣ ба ақлу хирад нею ба дил равона карда шудааст.

-Сеюмиҳо чӣ?- пурсон шудам ман.

-Ин тоифа касонеанд, ки оиди кимиёгарӣ, ҳатто, чизе нашунида бошанд ҳам, тамоми ҳаёти худро масраф сохта, Санги Фалсафиро кашф карда тавонистанд.

Пас аз чунин таълимот Омӯзгори ман, ки ба тоифаи дуюм тааллуқ дошт, қарор дод, оиди кимиёгарӣ бароям дарс бигӯяд. Дере нагузашта банда фаҳмидам, ки забони рамзии борҳо бероҳаам кардаву ғашангезам шудаи кимиёгарӣ - ин ягона роҳи дарк намудани Рӯҳи Олам будааст ва ё чунонки Юнг «беҳушии ҷамоавӣ» ном кардааст. Ман Пайроҳаи Худ ва Аломатҳои Худованд - он нишонаҳои ҳақиқатро кашф кардам, ки то ин дам фаросатам ба ҷурми басе содда буданашон аз пазируфтани онҳо рӯй метофт. Камина фаҳмидам, ки вазифаи расидан ба Офариниши Бузург рисолати як тӯдаҳаки баргузидагон нест: он ба ҷумлаи инсонияти маскуни ин сайёра фиристода шудааст. Албатта, Офариниши Бузург на ҳамеша пешорӯи мо дар сурати тухме ва зарфаке моеъ падид меояд, вале ҳар кадоме аз мо, бешак, қодир будаем, Рӯҳи Оламро барои хештан кашф карда, ба он ғӯтавар бишавем.

Мана, барои чӣ «Кимиёгар» китоби рамзист ва дар саҳифаҳои он банда нафақат он чизҳоеро, ки оиди ин масъала азхуд кардаам, ба қалам додаам, гузашта аз ин кӯшидаам, ки ба нависандагони бузург- Ҳеминҳуэй, Блейк, Борхес (лаҳзаи шабеҳ дар яке аз ҳикоятҳои ӯ вуҷуд дорад, ки воқеот дар Эрони асримиёнагӣ сурат мегиранд), Малбу Тагану сипосгузорӣ карда бошам, ки эшон тавонистаанд, Забони Ягонаро пеша бикунанд.

Дар хотимаи сарсухани шояд, басе тӯлонӣ ва дар шарҳи он ки Омӯзгори ман ба тоифаи сеюми кимиёгарон киҳоеро мансуб медонист, мехоҳам, қиссаеро оварам, ки боре худи ӯ дар лаборатория нақлам карда буд.

Боре Дӯшизаи Покдоман дар даст Масеҳои тифл бар замин фуруд омад ва ба ибодатхонае қадами муборак гузошт. Роҳибони аз ташриф сарбасаморасида саф кашиданд: паси ҳам аз рада баромада, ба Модархудо наздик мешуданд ва ба шарафи шон санъати худ намоиш медоданд: яке шеъри эҷодкарда замзама менамуд, дигарӣ дониши амиқи ҳазми Инҷил зоҳир месохт, сеюмӣ ҷумла авлиёҳоро бехато номбар мекард. Ба ҳамин минвол ҳар кадоме аз бародарон ба андозаи нерӯ ва истеъдоди хеш Дӯшизаи Покдоман ва Масеҳои тифлро таҳният менамуданд.

Миёни эшон вопасин роҳибаке назарногир ва ғарибшамоил буд, ки бечора, ҳатто, наметавонист, сураҳоеро аз Китоби Муқаддас азёд бихонад. Волидони ӯ мардуми бесавод - аҷубабозони харҷогард будаанд ва нури чашмашонро фақат ба ҳаводиҳии саққоҳо ва намоиши ҳар гуна ҷодугариҳои авомона омӯхта тавонистаанд.

Гоҳе, ки навбат ба ӯ расид, роҳибон хостанд, ба маърака хотима бахшанд, зеро аҷубабози мискин ба Дӯшизаи Покдоман наметавонист, сухане арзанда бигӯяд, вале барои бадному беобрӯ сохтани ибодатгоҳ, бешубҳа, хидмати хирсона аз дасташ меомад. Лекин роҳибак бо тамоми дилу ҷон зарурати ногузири ба Дӯшиза ва Тифл бахшидани заррае хушҳолиро аз худ эҳсос мекард.

Ҳамин буд, ки ӯ аз нигоҳҳои айбҷӯёнаи бародарон изокашон аз ҷайб чанд дона афлесунро берун овард ва онҳоро боло ҳаво додаву дубора доштан гирифт, яъне кореро мекард, ки аз ӯҳдааш баромада метавонист - аҷубабозӣ.

Ва танҳо дар ҳамин лаҳза дар лабони Масеҳо табассум падид омад ва ӯ қарсак бизад. Ва Дӯшизаи Покдоман писари худро ба аҷубабози ҳақир бовар карда, дароз бинмуд, то рӯи даст гирифта бошад.

БА Ж. ЭҲДО МЕГАРДАД

-Ба Кимиёгар, ки асрори Офариниши Бузургро дарк бинмуд.

Дар дарозои роҳашон Ӯ ба деҳае омад; ин ҷо зане бо номи Марфа Варо ба хонаи худ қабул кард;

Ӯро хоҳаре буд, бо номи Мария, ки пеши пои Исо нишаст ва ба суханони Ӯ гӯш медод.

Марфа бошад, дар хусуси зиёфати калон тараддуд мекард ва наздик омада, гуфт: Худоё! Оё Туро ғаме нест, ки дар хидмат хоҳар маро танҳо гузоштааст? Ба ӯ бигӯй, ки ба ман мадад бикунад.

Исо бошад, дар ҷавоб ба ӯ бигуфт: Марфа! Марфа! Ту барои чизҳои зиёде мекӯшиву тараддуд дорӣ, валек лозим танҳо як чиз аст; Мария бошад, қисмати некашро баргузид, ки аз ӯ баргардонида гирифта нахоҳад шуд.

*Инҷили Луко, 10:38-42*

## ОҒОЗ

Кимиёгар китоберо ба даст гирифт, ки кадоме аз ҳамсафарон оварда буд. Китоб муқова надошта бошад ҳам, муаллифашро дарёфт кард - Оскар Уайлд. Онро варақзанон ба қиссаи Наргис бархӯрд.

Афсонаи ҷавоне, ки тамоми рӯз ба акси худ дар оби руд мафтун шуда менишаст, ба Кимиёгар маълум буд: Наргис то ба дараҷае ба тамошои ҷамолаш дода шуд, ки оқибат ба об нагунсор шуда, ғарқа гардид. Дар соҳил гуле бирӯид, ки ба хотири ҷавон номаш ба ин гул доданд.

Лекин Оскар Уайлд ин қиссаро дигаргуна нақл мекард.

«Вақте Наргис вафот кард, париҳои ҷангал мушоҳида намуданд, ки оби ширин аз оби дидагони рӯдак шӯр шудааст.

-Аз чӣ боис мегирйӣ?- пурсиданд париён.

-Ба ёди Наргис менолам,- ҷавоб гуфт рӯд.

-Аҷоибате надорад,- гуфтанд париҳо. Охир, ҳар боре, ки ӯ аз ҷангал даргузар мешуд, мо аз пасаш медавидем, ту бошӣ, ягона касе ҳастӣ, ки ҳусну ҷамолашро аз наздик рӯ ба рӯ медидӣ.

-Ӯ зебо буд? - баъди ин пурсон шуд рӯд.

-Охир, дар ин бобат ба ҷуз ту боз кӣ бештар метавонист, ҳукм бикунад? Ҳайрон гаштанд париёни бешагӣ. Магар ӯ рӯзҳояшро

аз саҳар то шом дар соҳили ту нишаставу ба обат саҷда карда намегузаронд?

Рӯдак дурударoз мӯҳри хомӯшӣ бар лаб зад ва ниҳоят гуфт:

-Ман ба ёди Наргис мегирям, ҳарчанд ки ҳеҷ гоҳ соҳибҷамолиашро мушоҳида накарда будам. Мегирям ман аз он ки чун ҳар боре ба канорам омада, ба обам сар мехамонд, дар умқи чашмонаш ҳусну ҷамоли ман аксандозӣ мекард».

«Чӣ хел қиссаи аҷибу ғариб», - ангошт Кимиёгар.

## ҚИСМИ ЯКУМ

Ҷавонро Сантяго меномиданд. Гоҳе ки ӯ гӯспандонашро ба калисои нимвайронаи фаромӯшгашта ҳай карда даровард, аллакай шабҳангом фаро мерасид. Гунбази калисо кайҳо фурӯ рафта, хоку туроб шудаву дар он ҷое, ки як вақтҳо хонаи либоси роҳибон буд, тутанҷири бузурге нашъунумӯ дошт.

Сантяго қарор дод, ки он ҷо шабро хоҳад гузаронд ва гӯспандонро аз дари фарсуда дарун ронда, даромадро бо тахтапораҳо банд намуд, то ки чорво баромада натавонад. Дар ин атроф гургҳо набуданд, лекин гӯспандон баъзан пароканда мешуданд ва лозим меомад, ки рӯзи тамом дар суроғи ягон меш ё барраи раҳгумзада масраф бишавад.

Сантяго рӯи фарш пӯстинча густурда, китоберо, ки анқариб хонда, тамом карда буд, зери сар гузошта, дароз кашид. Пеш аз он ки хобаш бибарад, аз дил гузаронд, ки китоби ғафстарро ба худ гирифтан лозим аст - онҳоро ҳам дуру дароз мехонӣ, ҳам ба сифати болин соз ҳастанд. Гоҳе, ки бедор шуд, ҳанӯз торик буд ва болои сар аз роғаи боми боқимонда ситораҳо чашмак мезаданд.

«Кошки боз камтари дигар хобидан мумкин мебуд»,- фикр кард Сантяго.

Вай дубора ҳамон хоберо дид, ки ҳафтаи гузашта дида буду нотамом бимонд ва боз натавонист, ки онро то охир бубинад.

Аз ҷой бархосту як қулт май нӯшид. Чӯбдаст гирифта, ба хезондани гӯспандони хоболуд пардохт. Вале аксари онҳо ҳамон лаҳзае бедор гашта, бар по хостанд, ки ӯ чашм аз хоб кушода буд. Ким-чӣ гуна робитаи асрорангезе байни ваю гӯспандон, ки ду сол инҷониб ҳамроҳашон дар суроғи обу алаф аз ҷое ба ҷое мерафт, вуҷуд дошт. «Ба манончунон хӯ гирифтаанд, ки ҳамаи одатамро медонанд,- зери лаб гуфт ӯ. Ҳатто, аз реҷаи рӯзам бохабаранд».

ӯ дар ин хусус боз чанде андеша ронда, ангошт, ки шояд масъала тамоман баръакс буда бошад - худи вай одати гӯспандонро омӯхта, ба ҷадвалашон мутобиқ шуданро ёд гирифтагист.

Лекин гардани бархе гӯспандон бо вуҷуди алоҳида номҳояшонро бар забон овардан, ба нихтаю хилаҳои Сантяго нигоҳ накарда, ба бархостан ёрӣ намедод. Умуман ӯ комилан боварӣ дошт, ки ҳар чизеро, ки барояшон бигӯяд, онҳо нағз мефаҳманд ва аз ин рӯ пораҳои аз китоби хондааш маъқулшударо ба гӯспандон бо овози баланд хонда медод ва ё ҳикоятҳо мекард, ки ҳаёти чӯпонӣ танҳой асту шодмонӣ дар он басе кам, ё ба онҳо навигариҳоеро мерасонд, ки дар шаҳру деҳоти даргузаршудаашон ба гӯшаш мерасиданд.

Воқеан, ҷавон вақтҳои охир фақат дар як хусус дар бораи духтарак, зебосанами савдогари дар он шаҳр маскунбуда, ки мебоист пас аз чаҳор рӯз ҳамон ҷо биравад, гап мезаду бас. Вайро ҳамагӣ як бор, соли гузашта дида буд. Дӯкондори бо пашмина ва пашм савдо мекардагӣ дӯст медошт, ки мӯи гӯспандонро пеши назари худаш тарошида бошанд ана, ҳамин хелаш бефиребу найранг мешавад. Ин дӯконро ба Сантяго кадоме аз дӯстонаш нишон доду ӯ гӯспандон ҳамон сӯ ронд.

-«Пашм фурӯхтанӣ ҳастам», - гуфта буд он вақт ба дӯкондор. Назди пештахта мардумон бисёр буданд ва хӯҷаин аз чӯпон хоҳиш намуд, ки то чоштгоҳ бардошт кунад. Сантяго розӣ шуда, ба пиёдароҳа нишаст ва аз тӯрбаи китфӣ китоб ба даст гирифт.

-Аҷоиб, намедонистам, ки чӯпонҳо ҳам китоб мехонда бошанд,- ногоҳ овози занона аз шафаташ ба гӯш расид.

Сар боло карда, духтареро дид ӯ - симои ҳақиқии андалусизан: мӯйҳои дароз, сип-сиёҳ, тахту ҳамвор, чашмон бошад, мисоли дидагони мағрибиҳо, ки дар замонаш Испанро зери даст карда буданд.

-Хондан ба чӯпонҳо лозим нест: гӯспандон аз китобҳо дида бештар дониш медиҳанд, - ба ӯ посух бидод Сантяго.

Ба ҳамин минвол якто ину якто он хуб гапашон тафсиду сӯҳбаташон расо ду соат тӯл кашид. Духтарак нақл кард, ки фарзанди дӯкондор асту ҳаёташ дилгиркунанда, рӯзҳо ба сони ду қатрае об якрангу монанд сипарӣ мешаванд. Сантяго бошад, ба ӯ дар бораи марғзорҳои Андалус, дидаву шунидаҳояш дар шаҳрҳои калони сари роҳ ҳикоятҳо бигуфт. Ӯ аз ҳузури ҳамсӯҳбати дилҷӯ хурсанд буд - то кай, охир, бо гӯспандон гапзанон мекунад кас.

-Хонданро ту дар куҷо ёд гирифтӣ?- пурсид духтарак.

-Дар он ҷое, ки ҳама ёд мегиранд,- ҷавоб дод ҷавон. - Дар мактаб.

-Соҳибмаълумот, ки шуда бошӣ, пас чаро аз паи гӯспандон мегардӣ?

Ба ҷои посух Сантяго аз дигар хусус ҳарф зад: бовар дошт, ки аздусар духтар ӯро фаҳмида наметавонад. Ӯ дар бораи тамоми саёҳатҳояш қиссаҳо кард ва чашмони мағрибидухтар дам калон-калон боз мешуданду дам аз ҳайрат танг мегаштанд. Вақт ноаён мегузашт ва Сантяго мехост, ки ин рӯз ҳеҷ гоҳ ба поён нарасад, мехост, ки одамон дӯкондорро қалъасон иҳота бикунанду пашмтарошиpo ягон се рӯз мунтазир шуданаш рост ояд. Он чӣ ин лаҳзаҳо эҳсос мекард, аз ин пеш боре ҳам дар дилаш макон накарда буд; мехост, дар ин ҷо якумр бимонад. Бо ин духтараки сияҳмӯ асло рӯзҳо мисоли ду қатра об монанд намешуданд.

Лекин ҳамин вақт падараш аз дӯкон берун омада, аз пода чаҳор гӯспандро барои пашмтарошӣ ҷудо кард. Сипас он чӣ бояд, пулашро доду гуфт:

-Баъди як сол биё.

Мана, акнун то мӯҳлати муқаррарӣ ҳамагӣ чаҳор рӯз мондааст. Ҷавон аз фарорасии мулоқот шодӣ мекарду ҳамзамон хавотирӣ мекашид: рафту духтар ӯро фаромӯш карда бошад чӣ? Охир, миёни шаҳри онҳоро чӯпонҳои бисёре бо подаашон убур мекунанд.

-Хайр, бигзор,- гуфт ӯ ба гӯспандонаш. - Ҳамин ҳам гап шуду... Дар шаҳрҳои дигар ҳам духтарон ёфт мешаванд.

Вале ӯ дар қаъри дил медонист, ки ҳамин гап дар ҳақиқат гап аст, гапи басе муҳим. Ҳам барои чӯпонҳо, ҳам маллоҳон ва ҳам барои савдогарони ҷаҳонгард мудом фақат як шаҳри дилҷӯ мешавад, шаҳри он дилбаре, ки барояш меарзад, ки шодию сурури озодона тайзании ҷаҳонро ба қурбонӣ бидиҳӣ.

Рӯз тамоман равшан шуда буд ва Сантяго подаро ба он ҷонибе ронд, ки хуршед аз он сӯ боло мешавад.

«Ба гӯспандон нағз,- фикр кард ӯ. -Ягон масъаларо ҳал карданашон лозим нест. Шояд боис ҳамин бошад, ки онҳо пайваста ба ман ҷафс мешаванд».

Агар обу алаф дар зери по бошад, ба онҳо умуман ҳеҷ чиз лозим нест. Ва то он даме, ки вай чарогоҳҳои Андалусро медонад, гӯспандон беҳтарин дӯстонаш хоҳанд буд. Бигзор, рӯзҳо аз ҳамдигар фарқ накунанд, бигзор аз сапедадам то офтобшинам вақт беохир тӯл кашад, бигзор, онҳо дар давоми умри кӯтоҳи

хеш китобаке нахонда бошанд, забонеро надонанд, ки дар шаҳру деҳот мардумон тавассути он ба ҳам навигариҳо нақл менамоянд - то даме, ки обу алаф басандаашон аст, онҳо хушбахт хоҳанд буд. Бар ивази ин ҳама бошад, эшон ба одамон пашмашон, подаҳои худ ва дам ба дам гўшти хештанро ҳотамвор мебахшанд.

«Агар тифоқо ман имрўз махлуқи ваҳшие мешудаму якеро аз паси дигаре дарронидан мегирифтам, онҳо танҳо баъди қир кардани қариб тамоми подаашон аз ҳақиқати ҳол бохабар мешуданд,- меандешид Сантяго. - Онҳо аз инстинкти худ дида бештар ба ман бовар мекунанд ва ин танҳо ба хотири он ки эшонро ба ҷое мебарам, ки хўрокашонро ёфта метавонанд».

Вай худаш ҳайрон мешуд, ки имрўз чӣ хаёлҳое ба майна роҳ меёбанд. Ин шояд аз он бошад, ки дар калисо, дар он ҷое, ки дар либосхона тутанҷир қаду бар кашидааст ва дар он маконе, ки хобида, шабро гузаронид, бори лаънату нафрин ҳамаро пахш кардааст? Дар аввал хобе дид, ки боре аллакай дида буд, мана, акнун бошад, ба ҳамроҳони доимии боэътимодаш ситезаю гирифт дар дилаш ҷўш мезанад. Ў як қулт маи аз таҳтўли бегоҳӣ бозмондаро нўшида, пўстинчаро ба тан бештар печонд. Медонад, ки ҳамагӣ баъди чанд соат, вақте офтоб ба қиём мерасад, чунон гармие сар мешавад, ки аз биёбонҳо гузаронидани пода номумкин мегардад. Дар ин ҳангом тамоми Испан ба хоб меравад. Тафси ҳаво фақат қарибии шомгоҳон паст мегардад. То ин лаҳза зарур аст, ки тамоми рўз пўстинчаи вазнинро сари китф бардошта гардад. Хайр, чӣ илоҷ, маҳз ҳамин касро аз хунукии саҳаргоҳон наҷот медиҳад, охир.

«Ба инҷиқиҳои табиат омода будан беҳтар»,- фикр мекард Сантяго ва аз пўстинча барои ин қадар вазнину гармакак буданаш мамнун мешуд. Хуллас, пўстинча чӣ гуна вазифа дошта бошад, Сантяго ҳам рисолати худашро дорад. Ҷаҳонгардӣ вазифаи ҳаётии ўст ва дар бадали ду соли саёҳат дар пуштаю водиҳои Андалус вай тамоми шаҳру деҳотро дидааст. Сантяго ният дошт, ки ин карат ба духтари дўкондор бифаҳмонад, ки чӣ гуна шуда, ки чўпони оддӣ соҳиби маълумот аст.

Гап ба сари он аст, ки то шонздаҳсола шудан ў дар семинария мехонд. Волидони вай орзу мекарданд, ки оянда рўҳонӣ - мояи ифтихори оилаи оддии деҳотӣ бишавад. Онҳо сахт заҳмат мекашиданд ва он ҳама ранҷашон, мисоли гўспандон, фақат ба хотири қутти лоямут буд.

Сантяго дар семинария забонҳои лотинию испанӣ ва илоҳиётро меомўхт. Лекин майлони аз бачагӣ хуруҷкардаи ҷаҳоншиносиаш

бар кӯшиши бозшинохти Худо ва ё аз болои омӯзиши мӯшикофонаи маъсияту гуноҳҳои одамӣ зафар бинмуд. Ва ӯ боре, ҳангоми ба дидорбинии падару модар рафтан ҷасорат ғун карда, ба эшон гуфт, ки рӯҳонӣ будан намехоҳад. Саёҳату ҷаҳонгардӣ кардан мехоҳад ӯ.

- Писарам,- дар ҷавоби ин гуфт падар, -ба деҳаи мо киҳое, ки омада нарафтанд. Мардум аз тамоми ақсои олам ба ин ҷо барои ҷустани ягон навигарӣ мебиёянд, вале чуноне, ки буданд, ҳамчунон монда, бармегарданд. Онҳо бо нияти дидани қалъа ба кӯҳ мехазанд ва дармеёбанд, ки гузашта аз ҳозира дида беҳтар будааст. Мӯи сарашон нуқрафом ва ё пӯсти баданашон сиёҳ буданаш мумкину лекин аз ҳамқишлоқиҳои мо ягон фарқият надоштанд.

-Вале ман, охир, намедонам-ку, ки дар он кишварҳои зодгоҳи ун мардум чӣ қалъаю кӯшкҳое бошанд, - эрод гирифт Сантяго.

-Он одамон ҳангоми дидани замини мою занони мо мегӯянд, ки дар ин ҷо доиман мондан мехоҳанд,- идома дод падар.

-Ман заминҳои дигарро дидан, ба занони дигар назар кардан мехоҳам. Охир, ин одамон ҳеҷ гоҳ дар макони мо намемонанд.

-Барои ҷаҳонгардӣ пули калон лозим. Аз зумраи мо барин бенавоҳо бошад, фақат чӯпонҳо дар як ҷой наменишинанд.

-Чӣ илоҷ, ин хел бошад, чӯпон мешавам,- гуфт Сантяго.

Падар ҷавобе надода, саҳарӣ ба ӯ ҳамёнеро бо се дона тангаи тилло дароз бинмуд:

-Тифоқо дар саҳро ёфта будам. Ҳисоб кун, ки аз осмон афтидааст. Барои худ подаи гӯсфандон бихару по ба ҷаҳонгардӣ неҳ, пай задан гир, то он даме, ки бифаҳмӣ: қалъаи мо аз ҳама мӯҳташамтарин асту дар ягон ҷои дигар аз занони мо зеботар занон нахоҳанд буд.

Ва гоҳе, ки ӯ писарро бар паноҳи Худованд супурда, фотиҳааш медод, аз дидагони падар баръало мехонд, ки ба солхӯрдагӣ нигоҳ накарда, варо ҳам олампаймои сӯи худ мекашад; пиракӣ хештанро ба шириниҳои ҳаёти муқимӣ - хӯрду хӯроки фаровон ва сарпаноҳ - тасаллӣ доданӣ шавад ҳам, ҷӯши ин ҷозибаро дар дил фурӯ нишонда наметавонист.

Дар осмон шафақи лолагун дамида, ба оҳистагӣ хуршеди оламгир дидарабой намуд. Сантяго гуфтаи падарро ба хотир оварда, табъаш болида гардид: вай аллакай қалъаву кӯшкҳои зиёд ва зебосанамҳои бисёреро дидааст, вале нафаре аз эшон ба оне баробар шуда наметавонад, ки пас аз ду рӯз боз ба дидораш хоҳад расид. Ӯ соҳиби подаи гӯспандон асту пӯстинчаи

чармӣ дорад ва ҳамеша китоб дар бағалаш ҳасту метавонад ҳар лаҳза онро ба дигараш иваз бинамояд. Ва аз ҳама муҳимаш он аст, ки орзуи якумраи ӯ ҷомаи амал мепӯшад: саёҳат мекунад ӯ. Ва ҳангоме, ки водию майдонҳои Андалус ба дилаш заданд, кай хоҳад, метавонад, ки гӯспандонашро фурӯхта, баҳрнавардиро пеша бикунад. Ва агар баҳрпаймоӣ ҳам ба дил зада монад, дар он вақт ӯ аллакай шаҳрҳои дигар, занҳои дигарро медонистагӣ ва дигар роҳу усулҳои ба саодат расиданро мефаҳмидагӣ мешавад.

«Намедонам, дар семинария дарёфтани Худо ба ман чӣ хел муяссар шуда метавонист»,- Сантяго тулӯи меҳри сипеҳрро тамошокунон аз дил гузаронд.

Ҳини саёҳатҳояш ӯ доимо ба роҳҳои нопаймудаю ношинос рафтанро меписандид. Ва даст надода буд, ки дар ин калисо ҳам боре шабро гузаронида бошад, ҳарчанд, ки гузораш ба ин музофот борҳо афтодааст. Олам бузургу адонопазир аст ва агар Сантяго мехост, ки ақаллан як даме роҳҷӯиро ба ихтиёри худи гӯспандонаш вогузор кунад, дар роҳ, албатта, ягон чизи завқангез дучор мешавад. Ҳаминаш ҳаст, ки худи онҳо сарфаҳм намераванд, ки ҳар рӯз роҳе навро ёфтаанд, намефаҳманд, ки чарогоҳ дигар асту фасли сол дигар шудааст: дар майнаи гӯспандон ғайр аз ҳавои нафс боқӣ чизе нест.

«Шояд мо ҳам чунин бошем,- меангошт чӯпон. -Охир, худи ман ҳам аз он даме, ки бо духтари дӯкондор шинос шудам, ҳатто, боре дар бораи занҳои дигар андеша накардаам».

Вай ба осмон назар андохта, тахмин зад - маълум, ки то чоштгоҳ ба Тариф рафта мерасад. Он ҷо китобро ба дигари ғафстараш иваз кардан лозим, кӯзаро аз май пур бояд кард, риш тарошида, мӯйҳоро ба ифоқа овардан даркор, то ки ба мулоқоти духтари пашминафурӯш он чӣ бояд омода шуда бошад. Дар бораи он ки ягон чӯпони дигар метавонист, дар мулоқоти ёри дилҷӯ аз ӯ пешдастӣ мекарда бошад, мекӯшид, фикр нанмояд.

«Зиндагӣ бо ҳаминаш аҷиб аст, ки дар он хобҳо метавонанд, ба ҳақиқат табдил ёбанд»,- осмонро мушоҳида кардаву қадам тезонида меандешид Сантяго.

Вай ба хотир овард, ки дар Тариф пиразане будааст, дар таъбири хоб беҳамто. Ана, бигзор, ҳикоя кунад, ки ҳамон ҳодисаи ба хоби ӯ аллакай ду маротиба даромадагӣ чӣ маъние доштааст.

Пиразан меҳмонро ба хонаи дарун, ки аз ошхона тавассути пардаи аз марҷонҳои ҳарранга таҳияшуда ҷудо мешуд, гирифта даровард. Дар хона як дона мизу ду адад курсӣ меистоду дар девор мусаввараи Дили Масеҳо ҳамоил буд.

Соҳибхона Сантягоро ба курсие ҷо карда, худ рӯбарӯяш нишаст ва дастонашро бо ду дасти худ гирифта, аввал бо садои нимшунаво дуое бархонд.

Аз афташ, дуои лӯлиёна буд. Ба чӯпон лӯлиён тез-тез дучор меомаданд, онҳо гӯспандпой намекарда бошанд ҳам, ҷаҳонгардӣ пешаашон буд. Одамон бошад, мегуфтанд, ки гӯё онҳо бо макру фиреб умр ба сар мебурдаанд, аз дилашон ба иблис ҷо дода будаанду кӯдаконро медуздидаанд ва минбаъд он бечораҳо дар табори эшон ғуломи хизматгор шуда мемондаанд. Худи Сантяго дар кӯдакӣ беҳад метарсид, ки лӯлиҳо варо дуздида меравванд ва ҳоло, ки пиразан аз дастонаш гирифт, ҳамон тарси айёми тифлӣ дубора дар ниҳодаш бедор гардид.

«Ин ҷо, охир, чизи муқаддас Дили Масеҳо ҳаст»,- фикр кард ӯ ва ҷаҳд намуд, ки ором шуда, ларзиши ғайриихтиёрашро паст биншонад. Вай намехост, ки пиразан аз ҳоли зораш огаҳӣ ёбад. Барои тасаннои худ даруни дил дуои «Падари мо»-ро хондан гирифт.

-Бисёр аҷоиб,- чашм аз хатҳои дасти ӯ наканда, ғур-ғур кард зол ва боз хомӯшӣ ихтиёр намуд.

Ҷавон бештар аз пешина бетоқат гардид. Ларзиши ниҳонӣ ба дастонаш гузашт ва ӯ ҳадаҳа дасташро кашида гирифт.

-Ман на барои он омадаам, ки ту ба дастонам нигариста фолбинӣ кунӣ,- гуфт ӯ ва ба пушаймоншавӣ оғозид, ки беҳуда остонаи дари ин хонаро зер кардааст: беҳтар нест, ки ҳарчанд пул гӯянд, дода, аз ин ҷо ҳарчӣ тезтар баромада равад. Он тарафаш ҳамагӣ хобе будааст, ки ду бор ба як ранг дидаанд, хайр, чӣ?

-Медонам. Ту барои он омадӣ, ки таъбири хобатро гуфта диҳам,- ҷавоб дод лӯлизан. -Хобҳо ин забон, забонест, ки бо он Худованд бо мо гуфтугӯ менамояд. Агар он аз ҷумлаи яке аз забонҳои ҷаҳонӣ мебуд, ман аз ин забон метавонистам, тарҷумаат кунам. Лекин агар ба ту Худованд бо забони дили ту мурочиат карда бошад, гуфтаҳои Ӯ танҳо ба худи худат фаҳмо мешаваду бас. Модом, ки барои маслиҳат омадӣ, ман аздусар пули хизматамро аз ту мегирам.

«Аз афташ, ба дом афтодам»,- фикр кард Сантяго, вале акнун имкони қафо гаштан набуд. Барои чӯпон таваккал одати муқаррарист: дам ба пода гургҳо дармеафтанд, дам хушксолӣ ба ҷон мерасонад. Ҳамин таваккал аст, ки ба рӯзгори ӯ маззаву маъно мебахшад.

-Ман як хобро ду бор дидам, - гуфт ӯ. -Якранг бо тамоми ҷузъиёташон. Ман гӯё дар марғзор гӯспандонамро чаро медодааму ногаҳон тифлаке пайдо шуда, бо чорпоҳои ман бозӣ карданӣ

мешудааст. Ман тобу тоқат надорам, ки ягон кас ба гӯспандонам наздик бишавад: аз бегонагон ҳаросон мешаванд онҳо. Танҳо хурдсолонро онҳо натарсида, ба худ наздик шудан мемонанд-намедонам, ки барои чӣ ин хел. Намефаҳмам, ҳамин гӯспандон синну солро чӣ тариқа муайян мекарда бошанд.

-Давоми хобата гӯ,- ба даҳонаш зад пиразан. -Ман дег болои алав мондаам. Пулат-ку казой не, агар аз вақти ман пурсӣ, вай ҷудо ҳам қимат.

-Тифлак бо гӯспандон бозӣ мекарду бозӣ мекард,- изокашон идома дод Сантяго,- ва баъд ногаҳон аз дастам гирифта, маро назди аҳромҳои Миср бурда расонд.

Ӯ таваққуф бинамуд, зеро шубҳа мекард, ки оё чӣ будани инро лӯлизан медониста бошад ё не. Вале зол мӯҳри хомӯшӣ бар лаб зада буд.

-Назди аҳромҳои мисрӣ бурд,- оҳиста ва ҳар кадом вожаро ҷудо-ҷудо такрор кард ӯ. -Ва дар он ҷо ба ман чунин гуфт: «Агар дубора ба ин ҷо бирасӣ, ганҷинаи пинҳониро кофта меёбӣ». Акнун вай мехост, ки ҷои ганҷинаро ба ман нишон диҳад, аз хоб бедор шудам. Дар хоби дуюм ҳам айнан ҳамин хел.

Пиразан дурударoз лаб фурӯ баст, сипас дубора дастони Сантягоро гирифта, ба кафҳояш синча намуд.

-Ҳозир ман аз ту бар ивази фолам ягон мирӣ ҳам намегирам,- оқибат изҳор кард ӯ. -Лекин агар ганҷинаро биёбӣ, даҳякаш азони ман.

Аз хурсандӣ ҷавонро ханда гирифт - ганҷинаи хобдидааш маблағаки ночизашро дар дастони ӯ боздошт. Пиразан ҳақиқатан ҳам лӯлӣ барин: мегӯянд, ки на ҳамаи боигарии лӯлӣ дар хонааш мешудааст.

-Хайр, набошад таъбири хобамро гӯй,- илтимос намуд ӯ.

-Аввал қасам бихӯр. Қасам хӯр, ки даҳяки ганҷинаро ба ман медиҳӣ, ана, баъд таъбирашро мегӯям.

Қасам хӯрдан рост омад. Лекин пиразан талаб намуд, ки ӯ савгандашро ба сурати Дили Муқаддаси Масеҳо нигоҳ карда, такрор бинамояд.

-Ин хоб ба Забони Ягона аст,- гуфт вай. -Ман мекӯшам, ки онро, ҳарчанд беҳад мушкил бошад ҳам, маънидод кунам. Ана, барои ҳамин заҳмати сахт ман аз ту даҳяки ганҷинаро талаб менамоям. Акнун гӯш кун: ту бояд дар Миср шавӣ ва аҳроми худро кофта, биёбӣ. Ман худам дар бораи ин чиз калимае нашунидаам, лекин модоме ки кӯдак онҳоро ба ту нишон дод, маълум мешавад, ки

онҳо дар ҳақиқат ҳам ҳастанд. Ҳоло бароюю роҳ пеш гир - ту дар он ҷо ганҷинаи худро меёбию бою бадавлат мешавӣ.

Дар аввал Сантяго ҳайрон шуду баъдтар ба ҳасрат хӯрдан даромад. О, барои чунин сафсата чӣ зарур буд, ки пиразанро биҷӯяд. Хайрият, ки барои ин аз вай пул нагирифтанд.

-Туро гуфта вақтамро беҳуда барбод додам, - гуфт ӯ.

-Ман-ку огоҳ кардам: маънидод кардани хоби ту мушкили мушкил. Ҳар чиз чӣ андоза ғайриоддӣ бошад, ҳамон қадар ба назар оддиву содда метобад, лекин моҳияти онро фаҳмидан танҳо ба ҳакимони доно муяссар мешаваду халос. Азбаски ҳаким нашудам, ба ман лозим омад, ки санъатҳои дигар, масалан, ба даст нигариста, фол диданро биёмӯзам.

-Охир, ман ба Миср чӣ хел рафта мерасам?

-Ана, ҳаминаш акнун кори ман нест. Ман фақат таъбири хобҳоро гуфта метавонам, ба ҳақиқат мубаддал кардани онҳо бошад, аз дастам намеояд. Тавонам, ман ҳамин хел гадо барин аз духтаронам садақа талабида, рӯз мегузаронидам магар?

-Агар то Миср расида натавонам чӣ?

-Хайр, рафта нарасӣ, аз музди фолбиниам маҳрум мемонам. Бароям ин ҳол бори якум нест. Акнун роҳатро гир, ки байни ману ту дигар гуфтание намонд.

Аз назди лӯлизан Сантяго басе дилтангу маъюс баромада, аҳд намуд, ки минбаъд ба хоб ҳеҷ бовар нахоҳад кард. Ин лаҳза ба хотир овард, ки акнун аз паи корҳои дигар ҳам шудан лозим аст: ба дӯконе рафта хӯрданиҳо гирифта, китобашро ба китобе дигар - ғафстараш бадал кард ва дар майдон ба хараке нишастан ихтиёр кард, ки маззаи шароби навро бичашад. Рӯзи гармо буд ва май сеҳрангезона оташи дили ҷавонро паст сохт.

Ӯ гӯспандонашро дар канори шаҳрак дар оғили дӯсти нави худ ҷой карда буд. Сантяго дар ҳама гӯшаю канораи ин музофот дӯстон пайдо карда буд - мана, аз чӣ сабаб сайру саёҳатро дӯст медошт ӯ. Дӯсти нав, ки пайдо намудӣ, асло шарт нест, ки ҳар рӯз дидорбиниаш кунӣ. Вақте ки гирди ту мудом ҳамон як одамон бошанд - чунон ки дар семинария ғолибан ҳамин хел аст - худ ба худу ноаён онҳо ба ҳаётат ворид шуда мемонанд. Дохил, ки шуданд, баъди чанд муддат шон мехоҳанд, ҳаётатро дигаргун созанд. Агар ту нахоҳӣ, ончунон шавӣ, ки онҳо диданат мехоҳанд, хафа мешаванд. Охир, ҳар шахс дар рӯи олам чӣ гуна зистанро комилан аниқ медонад.

Аҷоиб, ки ҳеҷ кадоме аз онҳо ҳаёти шахсии худро ба низом даровардa наметавонанд, гӯё ҳамагон кӯри худу бинои кас

шудаанд. Ин ҳамон лӯлизан барин, ки хобҳоро таъбир карда метавонаду аз ӯҳдаи ба ҳақиқат табдил додани онҳо намебарояд.

Сантяго қарор дод, ки то пасттар фуромадани офтоб бардошт карда, баъд гӯспандонашро ба чаро барорад. То расидан ба дидори ҷонбахши духтари пашминафурӯш боз ду рӯз ҳаст. Ҳоло бошад, китоберо ба даст гирифт, ки дар китобхонаи рӯҳонии маҳаллӣ иваз карда буд. Китоб ғафс буд ва аллакай дар саҳифаи аввалаш маъракаи ҷанозаи ким-киҳое тасвир меёфт, ба болои алла - залла гуфтагӣ барин номи қаҳрамонҳояш чунон мураккаб, ки ба талаффузашон забон намечаспад. «Агар ягон бор китоб бинависам, дар ҳар саҳифа қаҳрамонҳоям нав ба нав хоҳанд шуд,- андешид ҷавон, - то ки хонандагонам дарди сар нашаванд, ки кадомеро ном чӣ гуна буд».

Вай тасвири пуробуранги даруни барф гӯр кардани мурдаи бечораро (ба шиддати офтоб нигоҳ накарда Сантяго аз хунукӣ ба ларза афтод) бо шавқ хонда, акнун саргарми мутолиа шуда буд, ки ба харак мӯйсафеде омада нишасту ӯро ба гап кашиданӣ шуд:

-Ҳамаи онҳо ба чӣ коре машғуланд?- ба мардумони дар майдон ҷунбуҷӯлдошта ишоракунон пурсид ӯ.

-Кор мекунанд,- хушкакак ҷавоб гардонида, ҷавон вонамуд кард, ки банди китобхонист.

Дар амал бошад, ӯ дар он хусус фикр мекард, ки дар ҳузури духтари пашминафурӯш чӣ гуна пашми чор сар гӯспандро метарошад ва он нозанин мебинад, ки вай ба чӣ корҳо қодир аст. Сантяго дар майнааш ин саҳнаро борҳо тасвир мекард ва ҳар бор ба барнодухтари моту мабҳутшуда шарҳ медод, ки гӯспандонро аз ҷониби думашон сар карда, тарафи сар тарошидан бояд. Вай ҳамчунин дар хотирааш воқеаҳои аҷоибу ғароиберо маҳфуз медошт, ки мебоист ҳини пашмтарошӣ нақл карда, дилоромашро аз дилгиршавӣ эмин бидорад. Он ҳама ҳангомаҳоро дар китобҳо хонда буд, вале омодагӣ медид, воқеаҳоро чунон нақл намояд, ки гӯё тамомашонро худаш аз сар гузаронидааст. Гумон аст, ки ягон вақт духтарак ба ҳақиқати ҳол сарфаҳм биравад: хонда наметавонад-ку, охир.

Лекин мӯйсафед одами якрав баромад. Вай аз ташна монданаш хабар дода, изҳор кард, ки ягон қулт май нӯшидан мехоҳад. Сантяго қумқумаашро дароз намуда, зимнан умедвор буд, ки бо ҳамин аз вай ҷонашро халос хоҳад кард.

Аммо тушбераи шумурдааш хом баромад, зеро мӯйсафед нияти идома додани сӯҳбат дошт. Қумқумаро баргардонида, пурсид, ки ба хондани чӣ китобе машғул аст ҷавон. Дар ниҳоди

Сантяго хоҳише пайдо шуд, ки хезаду ба хараки дигар бинишинад, лекин падараш доимо ба ӯ таълим медод, ки бо калонсолон хушмуомила бошад, аз ҳамин рӯ гап назада китобро ба ҳамшафаташ дароз намуд: мумкин вай чӣ тавр дуруст талаффуз кардани номи китобро медониста бошад. Агар пиракӣ бесавод бошад, барои дар ҳолати ноҳинҷор намондан худаш ҷоғашро мегундорад.

- Ҳм...- гуфта мӯйсафед онро дар даст чарх гардонида, гӯё чунин чизи ғароиброо бори нахуст медида бошад, ба ҳама ҷояш назар кард.- Китоби нағз, дар бораи чизҳои муҳимтарину фақат беҳад дилгиркунанда.

Ба ҳайрат афтод Сантяго: маълум мешавад, ки мӯйсафед на танҳо савод дорад, балки зиёда аз ин маҳз ҳамин китобро хонда будааст. Хайр, агар ин дар ҳақиқат дилгиркунанда бошад, ҳоло барои ба дигараш иваз кардан вақт ҳаст.

-Ин дар бораи он чизе нақл мекунад, ки қариб тамоми китобҳои дигар кардаанд,- идома дод мӯйсафед. - Дар бораи он ки одамӣ дар интихоби тақдири худ оҷиз будааст. Ҳамаи ин китобҳо фақат ба хотири он навишта шудаанд, ки ҳама мардум ба бузургтарин дурӯғи олам бовар бикунанд.

-Дурӯғи дар олам аз ҳама дурӯғтарин кадом аст?- дар ҳайрат монд Сантяго.

-Гӯё ким-чанд лаҳзае ҳаёти мо аз итоатамон мебаромадаасту ба он тақдир раҳнамой мекардааст. Дурӯғи маҳз.

-Ба гумонам, инро фаҳмидани ман душвор,- гуфт Сантяго.- Масалан, маро рӯҳонӣ карданӣ буданд, вале ман хестаму аз паи чӯпонӣ рафтам.

-Нағз кардӣ,- сар ҷунбонд мӯйсафед. -Ту-ку ҷаҳонгардиро дӯст медорӣ.

«Худи андешаҳои маро мехондагӣ барин»,- фикр кард ҷавон.

Дар ин фосила мӯйсафед китоби ғафсро ба майли хотир варақгардон мекард, гӯё, ки онро тамоман баргардонида доданӣ набошад. Танҳо ҳамин вақт Сантяго тахмин кард, ки дар тани мӯйсафед бурнус - абои арабӣ буд, воқеан, дар ин ягон ҷои ҳайратовар набуд: Тарифро аз соҳилҳои африқой ҳамагӣ халиҷаки камбаре ҷудо мекарду бас, ки онро дар соатҳои башумор шино карда, гузашта мешуд. Дар шаҳрак арабҳо тез-тез пайдо мешаванд- чизҳои заруриро харида, дар давоми рӯз намози аҷоиби худро якчанд бор ба ҷо мееоваранд.

-Шумо аз куҷо мешавед?- пурсид аз мӯйсафед.

-Аз ҳар ҷо.

-Ин хел шуданаш мумкин не,- эрод гирифт ҷавон. -Ягон кас аз ҳар кучо буда наметавонад. Масалан, ман чӯпонам, дар тамоми олам пай мезанам, лекин хуни нофам рехтагӣ макон - як ҷо - шаҳракеө, ки болои кӯҳи ҳамшафаташ қалъаи қадимае мавҷуд аст. Ана, дар ҳамон шаҳрак ба дунё омадаам.

-Ҳа, агар ин хел бошад, ман дар Салим таваллуд шудаам.

Сантяго намедонист, ки Салим куҷост, вале барои шарманда нашудан таҳпурсӣ накард. Ӯ ба майдон назар равона намуд, ки дар он равуокунандагон дар тараддуд буданд.

-Хайр, дар Салим аҳвол чӣ хел?

-Пешина барин.

Чизеро фаҳмидан илоҷ надошт. Ҳаминаш рӯшан буд, ки ин шаҳр дар Андалус нест, вагарна ӯ онро медонист.

-Дар он шумо ба чӣ кор машғулед?

-Ба чӣ кор машғулам?- мӯйсафед қоҳ-қоҳзанон хандид. - Ман ҳукмронӣ мекунам. Шоҳи Салим - ман.

«Чӣ хел сафсатаҳое мегӯянд баъзан мардум,- андешид ҷавон. Барои ҳамин ҳам бо гӯспандони безабон сӯҳбат кардан авлотар аст, ки ғамашон аз обу алаф зиёда нест. Ё беҳтараш китоб хонӣ - онҳо воқеаҳои гӯшношунидро нақл мекунанд ва боз маҳз ҳамон вақте ки ба шуниданаш муштоқ шуда бошӣ. Лекин бо одамон мушкил: лӯппӣ карда чизе аз даҳон ҳаво медиҳанд, ту бошӣ, худи бинита ба замин молидагӣ барин таги по шуда мешинию дар ҷавоб чӣ гуфтанатро намедонӣ».

-Номи ман Мелхисиддиқ,- нармакак гуфт мӯйсафед. - Чанд сар гӯспанд дорӣ?

-Басанда,- аниқ нагуфт Сантяго.

-Наход? Агар ту ҳисоб кунӣ, ки гӯспандҳоят басандаанд, пас ёрдами ман лозим набудааст.

Ҷавон тамоман ранҷид. Ӯ ягон хел кӯмак напурсидааст, охир. Ин мӯйсафед аввал шароб талаб кард, пас ба китоб чашм давондан хост. Баъди ин ҳама бо вай боз гап ҳам занӣ?

-Китобро диҳед,- гуфт ӯ. - Вақти ба роҳ баромаданам шуд.

-Ба ман даҳяки подаатро диҳӣ, то ганҷина расиданро ба ту ёд медиҳам.

Ногаҳон барои ҷавон ҳамааш рӯшан шуд. Пиразани лӯлӣ аз ӯ чизе нагирифт, аз ин мебарояд, ки мӯйсафед, ғолибан, шавҳари вай аст, ин ҳам лӯлӣ. Махсус аз тарафи зол фиристода шудааст, ки бағалашро бо чормағзи пуч пур карда, ҳарчӣ бештар пул кашида гирад.

Мўйсафед, пеш аз он ки Сантяго ақаллан ягон калима аз даҳон барорад, шохчае гирифта, дар рўи рег ба кашидани ким - чиҳое сар кард. Ҳангоми ба замин хам шудан дар сандуқи дилаш як чиз ончунон баланд ҷило дод, ки ҷавон чанд лаҳза қобилияти биной гум карда монд. Лекин мўйсафед, бархилофи пиронсолӣ, басе чусту чолок домани хирқааш бар китф партофт ва гоҳе, ки биноии Сантяго барқарор гардид, зери пои худаш навиштаҷоти мўйсафедро бидид.

Дар рўи реги чорсўи шаҳракро фаро гирифта ў ному насаби падару модари худ ва таърихи тамоми умри хештанро то ҳамин дам бихонд - бозиҳои айёми кўдакӣ ва шабҳои сарди семинариягиро бихонд. Ў номи духтари дўкондори пашминафурўшро хонда, бори нахуст насаби дилоромашро фаҳмид. Ў он чизҳоеро бихонд, ки дар умри сараш ягон бор ба ягон кас нақл накарда буд: боре чӣ гуна напурсида милтиқи падарро гирифта буд, то ки оҳу сайд бикунад ва чӣ гуна дар ҳаёташ бори аввал ва ҳамагӣ як маротиба бо зан хуфтухоб дошт.

«Шоҳи шаҳри Салим ҳастам ман»,- ба хотир овард ў.

-Чаро шоҳ бо чўпон гап мезанад?- шармгинона ва беҷуръатона пурсид Сантяго.

-Ин ҷо сабаб чандинто, лекин аз ҳама асосиаш он аст, ки ту аз паи Тақдири худ рафта метавонӣ.

-Ин чи хел Тақдир будааст?- пурсид ҷавон.

-Тамоми одамон ҳини ҷавонӣ Тақдири хештанро медонанд. Ва дар ҳамин айёми умр ҳама чиз аниқ ва иҷрошаванда аст. Онҳо аз орзу кардан наметарсанд ва аз паи амали дилхосташон ҷаҳду ҷадал менамоянд. Лекин бо мурури замон нерўи номаълуми пурасрор ононро раво-раво бовар кунонидан мегирад, ки ҷомаи амалӣ пўшондани Тақдирашон номумкин аст.

Суханони мўйсафед ба Сантяго чандон кора накарданд, вале «нерўи номаълуми пурасрор» мароқашро бедор намуд - агар духтари дўкондор ин гапҳоро аз ў шунавад, аз ҳайронӣ даҳон воз карда мемонад.

-Ин нерў ба назар бадхоҳ менамояд, лекин дар ҳақиқат он ба инсон чӣ тариқа ба Қисмат расиданро нишон медиҳад. Вай руҳ ва иродаи ўро ба ин омода месозад. Дар ин Чархи Гардун як ҳақиқати бузурге вуҷуд дорад: новобаста ба он ки ту кӣ ҳастию чикорай, агар ягон чизро сидқан бо тамоми вуҷуд бихоҳӣ, ба мурод мерасӣ, зеро чунин хоҳиш дар дили Олам тавлид ёфтааст. Ва, ана, ҳамин аст рисолати ту дар рўи Замин.

-Ҳатто, агар ман буду шуд бихоҳам, ки дар ақсои олам бигардам ва ё духтари дўкондорро ба занӣ бигирам?

-Ё ганҷинаро кофта биёбӣ. Руҳи Олам аз хушбахтии одамӣ сер мешавад. Аз хушбахтӣ, лекин аз ғаму андўҳ, рашку ҳасад ҳам. Одам рисолати яккаю ягона дорад: пайгирӣ намудани Тақдири худ то ба охир. Дар он, яъне Тақдир ҳама чиз фаро омада. Ва дар хотир дор, вақте ту ягон чизро бихоҳӣ, тамоми Гардун мусоидат бар он мекунад, ки хоҳишат ба ҷо ояд.

Онҳо муддате ба майдони чорсў ва раҳгузарон дида дўхта монданд. Хомўширо нахуст мўйсафед вайрон намуд:

-Хайр, барои чӣ ту, охир, гўспандпойӣ карданӣ шудӣ?

-Чунки ҷаҳонгардиро дўст медорам.

Мўйсафед ба савдогари охтелпак-маккаи бирён, ки дар кунҷи майдон болои аробачаи сурхе нағзакак ҷо гирифта, ҷавлон зада менишаст, ишора намуд.

-Вай ҳам ҳангоми наврасӣ орзуи ҷаҳонгардӣ дошт. Лекин дертар охтелпакфурўшӣ, даста-даста ғундоштану пинҳон кардани пулро беҳтар донист. Сонитар, вақте ки пир мешавад, як моҳи умрашро дар Африқо* мегузаронад. Ба ў қобилияте дода нашудааст, бифаҳмад, ки барои одам баҳри амалӣ кардани орзуяш ҳамеша ҳама чиз ҳаст.

-Беҳтар буд, ки вай аз паи чўпонӣ мерафт, - гуфт Сантяго.

-Ҳамин фикрро карда буд вай. Вале сонитар қарор дод, ки ба савдо машғул шуданаш беҳтар. Савдогарон болои сар сарпаноҳ доранд, чўпонон бошанд, дар дашти холӣ шаб мегузаронанд. Падару модарони арўсшавандагон ҳам беҳтар меҳисобанд, ки домодашон савдогар бошад, на чўпон.

Сантяго духтари пашминафурўшро ба ёд оварда, дилаш сих зад. Мумкин, дар он шаҳраке, ки вай зиндагӣ дорад, савдогаре бо аробачаи сурх гаштугузор дошта бошад.

-Аз ин мебарояд, ки мулоҳизаҳои одамон нисбати савдогарону чўпонон аз Роҳи худ дида авлотар будааст.

Мўйсафед китобро боз варақгардон намуд ва аз афташ, ба хониш фурў рафт. Сантяго анча мунтазир шуд ва оқибат қарор дод, ки вайро аз хондан боздорад - охир, аз ин пештар мўйсафед ба китобхонии ў халал мерасонд-ку:

-Дар ин бора чаро шумо маҳз бо ман гуфтугў доред?

-Чунки ту кўшидӣ, ки аз паи Тақдири худ равӣ. Вале акнун бошад, аз баҳри он баромаданӣ ҳастӣ.

-Шумо магар ҳамеша дар чунин лаҳзаҳо пайдо мешавед?

*Зиёрати Макка дар назар аст.

-Ҳамеша. Зиёда аз ин метавонам, бо афту шамоили дигар пайдо шавам. Баъзан дар шакли қарордоди дуруст, баъзан дар симои мулоҳизаи пурбарор. Гоҳе дар дақиқаҳои ҳалкунанда ман роҳҳои аз мушкилӣ растанро луқма медиҳам. Ҳамаашро аз ёд гуфтан осон не. Вале, одатан мардум пайдошавии маро эҳсос намекунанд.

Ва мӯйсафед ҳикоят кард, ки ҳафтаи гузашта ба вай лозим омадааст, ки пеши назари як шахси кӯшишгар дар симои санг падид ояд. Як вақтҳо ин одам аз баҳри ҳама чиз баромада, аз паи зумуррадҷӯй шудааст. Вай дар соҳили дарё панҷ сол меҳнат карда, ба хотири дарёфтани ақаллан як дона зумуррад 999 999 адад сангро лахту пора кардааст. Оқибат ноумед шуда, қарор дод, ки даст аз орзуи худ бишӯяд, ҳол он ки пора кардани ҳамагӣ як дона санг монда буд, ки вай зумуррради худро ёбад. Он гоҳ мӯйсафед қарор дод, ки ба кор ҳамроҳ шавад ва ба кӯшишгар, ки ин қадар истодагирона бо Роҳи худ мерафт, дасти мадад дароз бикунад. Вай ба санг табдил ёфта, ба таги пои кӯшишгар ғелида омадааст, лекин кӯшишгари аз меҳнати пурмашаққати панҷсолаи бесамар ноумеду дарқаҳршуда барои аз сари роҳаш дур кардани он сангро лағад задааст. Аммо ба зарбааш ҳамчунон қувва шинондааст, ки санг парида рафта, ба дигараш бархӯрда, онро лахту пора сохтааст ва аз мағзи он зумуррради беназире аз нурҳои офтоб муҷалло шудааст.

-Ба назари мардум чунин менамояд, ки маънои зиндагиашонро хеле бармаҳал фаҳмида бошанд,- гуфт мӯйсафед ва Сантяго дар дидагони ӯ нишони ғамгинӣ бидид. - Шояд аз ҳамин бошад, ки онҳо аз нияташон низ бармаҳал рӯй метобанд. Олам ҳамин хел сохта шудааст.

Ин дам ҷавон ба ёд овард, ин сӯҳбаташон аз ганҷина оғоз шуда буд.

-Ганҷинаҳоро рӯду дарёҳо рӯи замин мебароранд ва худашон дар мағзи замин гӯр мекунанд, - гуфт мӯйсафед. -Агар дар бораи ганҷинаи худат бештар фаҳмидан хоҳӣ, ҳар даҳумин гӯспанди подаатро ба ман деҳ.

-Беҳтар нест, ки даҳяки ҳамон чизи меёфтагиамро диҳам?

-Аз хирмани холӣ сад ман шолӣ ваъда кардан чунин маънӣ дорад, ки худи ҳуқуқи соҳибиатро таҳти хатар қарор диҳӣ,- бо мазаммат изҳор кард мӯйсафед.

Он гоҳ Сантяго гуфт, ки даҳяки подаашро ба лӯлизан ваъда кардааст.

-Лӯлиҳо чӣ хел ба даст овардани дилхосташонро нағз медонанд,- нафас рост намуд мӯйсафед. - Ҳарчӣ ҳам набошад, дониста

моний, нағз, ки дар олам ҳар чиз арзиши худро дорад. Маҳз ба дарки ҳамин мардумро омӯзонидан мехоҳанд Сарбозони Олам,- вай китобро ба Сантяго дароз кард. -Фардо айнан дар ҳамин вақт ту даҳяки гӯспандонатро бароям ҳай карда меорӣ. Ана, баъди он чӣ хел дарёфт кардани ганҷинаро нақл менамоям.

Ва дар гардише нопадид шуд вай.

Сантяго дубора машғули китобхонӣ шудан хост, лекин қироат даст намедод - ҳавоси парешонашро ҷамъ карда наметавонист. Ӯ аз сӯҳбат бо мӯйсафед ба ҷӯш омада буд, зеро мефаҳмид, ки вай ҳақиқатро мегуфт. Ҷавон ба назди аробачаи сурх омада, каме охтелпак харид ва меандешид, ки ба савдогар гапҳои нисбати вай гуфтаи мӯйсафедро расонад, вале қарор дод, ки гуфтан намеарзад.

«Баъзан чизи бударо чӣ хеле, ки ҳаст, мондан беҳтар»,- фикр кард ӯ. - Агар гӯй, савдогари ба дӯкончаи чархдори сурхаш одаткарда се шабу се рӯз фикр мекунад, ки аз баҳри ҳама чиз бирояд ё не. «Вайро аз ин азоб халос мекунам».

Ва Сантяго дар кӯчаҳо ба куҷо чашмаш фуроянд, рафтан гирифт, то даме, ки ба бандар, назди кулбачаи тирезадор қарор наёфт. Он ҷо барои ба киштиҳои ба Африқо шино мекардагӣ чипта мефурӯхтанд. Охир, маҳз дар Африқост-ку Миср.

-Ба шумо чӣ даркор?- пурсид чиптафурӯш.

-Шояд фардо аз шумо чипта бихарам,- гуфта Сантяго аз он ҷо дур шуд.

Агар ҳамагӣ як сар гӯспандро фурӯшӣ, ту аллакай дар Африқо мешавӣ. Ин андеша ӯро ба ташвиш овард. Чиптафурӯш бошад, ба ёвараш гуфт:

-Боз як орзупарасти дигар. Саёҳат карданию дар кисааш як пули сиёҳ не.

Ҳини назди тирезаи кулбаяки чиптафӯшӣ истодан ба ёди Сантяго гӯспандонаш омаданд ва ӯ хост, ҳарчӣ тезтар назди онҳо биравад. Ӯ расо ду сол санъати чӯпониро азхуд кард ва дар ин ҷода мумтоз гашт - ҳам пашми гӯспандро тарошида, ҳам барои ба дунё овардани барраҷаҳо ба онон мадад карда ва ҳам аз гургҳо ҳифзаш карда метавонист. Тамоми чарогоҳҳои Андалусро ба сони панҷ панҷааш медонисту ҳам нархи аниқи ҳар сар гӯспандашро.

Ба оғили дӯсташ, ки он ҷо гӯспандон ӯро интизор буданд, бо роҳи дарозтарин равона гардид. Дар ин шаҳр низ қалъаи худаш буд ва ҷавон қарор дод, ки ба пушта боло шуда, сари девори қалъа бинишинад. Аз он ҷо Африқо дида мешуд. Ким - кай

кадом касе ба ӯ нақл карда буд, ки як замонҳо аз Африқо мағрибиҳо бо киштиҳояшон омада, қариб тамоми Испанро зери даст карда будаанд. Сантяго мағрибиҳоро чашми дидан надошт: эҳтимол, ҳамин мағрибиҳо лӯлиҳоро ҳам ба ин ҷо оварда бошанд.

Аз болои девор тамоми шаҳрак, якҷоя бо чорсӯи назди бозораш, ки чанде пеш ӯ бо мӯйсафед он ҷо нишаста, сӯҳбат мекарданд, рӯи каф барин менамуд.

«Лаънат ба ҳамон соате, ки вай бо ман вохӯрд»,- аз дил гузаронд ҷавон. -Охир, кифоя буд, ки лӯлизан таъбири хобашро гуфта бошад. Ба чӯпон будани вай-ку на лӯлизанак ва на мӯйсафед аҳамияте надоданду парвое накарданд. Ҳа-дия ин одамони яккаю танҳо ва аз ҳамин сабаб ваҳшигашта - сарфаҳм намераванд, ки подабоне ёфт намешавад, ки ба гӯспандони худ бо тамоми дилу ҷон меҳр бастаю хӯ нагирифта бошад. Сантяго ҳам ҳар кадомро то ҳар тори пашмашон медонист: инаш - қисир, ана, онаш пас аз моҳе баррача меоварад, ҳӯ-ӯ, онҳояшон аз ҳама муғамбир. Ӯ онҳоро ҳам аз пашм халос карда метавонисту ҳам сар зада. Агар қарори рафтан бикунад, онҳо бе вай аз зиқӣ торс мекафанд ва гумгаштаҳо барин шуда мемонанд.

Шамол хест. Ин шамолро медонист ӯ - одамон онро «левантӣ» меномиданд, чунки маҳз он бодбони киштиҳои мағрибиҳои аз Левант, қисми шарқии баҳри Миёназамин ба Андалус шино мекардагиро варамонида, бод медод. Ҷавон то замони ба Тариф омадан хабар надошт, ки соҳилҳои африқой ба ин сон наздик будаанд. Ҳамсоягии пурхатар - мағрибиҳо метавонанд, аз нав зер карда оянд. Шамол боз шиддат гирифт. «Охир, миёни гӯспандону ганҷина ду пора шуда наметавонам-ку»,- андешид Сантяго. Аз ду якеро интихоб бояд кард: он чизеро, ки сахт одат кардай ва ё он чизеро, ки туро сӯяш мекашад. Воқеан, боз духтари дӯкондор ҳам ҳаст, лекин гӯспандҳо авлотар, зеро онҳо побанди Сантяго мебошанд, зебосанам бошад - не. Ақаллан дар ёд дошта бошад, гӯй чӣ? Ҷавон мӯътақид буд: агар ӯ ба назди дилхоҳаш баъди ду рӯз наравад ҳам, духтар намефаҳмиду эҳсос намекард, чунки барояш ҳамаи рӯзҳо якранг метофтанд.

***(Давом дорад)***

*Тарҷумаи Солеҳи Зарифзод*

# ПАЁМИ СУҒД

№3
2009



# МУНДАРИЧА


НАВРӮЗНОМА

УРФИИ ШЕРОЗӢ. *Наврӯзнома* ....................2

НАЗМ

ОЗАРАХШ. *Пайнома (Силсилаи шеърҳо)* ....................4

АЗ ШОИРОНИ МУОСИРИ ЭРОН

САИД МАҲДИИ ТАБОТАБОӢ. *Пур аз атри ту шуд танҳоии ман (Силсилаи шеърҳо)* ....................9

НАСР

ДОДОҶОН РАҶАБӢ. *Қасд. Баргаштабахтони дилам (Ду новелла)*....14

САД БАЙТИ ОЛӢ

ФАРЗОНА. *Шеър меъроҷ аст* ....................46

БУЗУРГДОШТ

АЛЛОМА ШИБЛИИ НӮЪМОНӢ. *Симои Имоми Аъзам Абӯҳанифа* .......54

ЁДДОШТҲО

АТАХОН САЙФУЛЛОЕВ. *Алломаи Машриқзамин* ....................66

АЗ АДАБИЁТИ ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН

ПАУЛО КОЭЛЙО. *Кимиёгар (Роман) Тарҷумаи Солеҳи Зарифзод* .......80

ТАҚРИЗ ВА КИТОБИЁТ

НУРАЛӢ НУРЗОД. *Зери борони шукуфарези нигоҳ* ....................96

Пауло КОЭЛЙО

# КИМИЁГАР[1]

## (Роман)

Вақте ки як рӯз ба дигараш монанд бошад, одамон он хушиҳоеро, ки баъди тулӯи офтоб дар ҳаёташон рух медиҳанд, дидаю дарк карда наметавонистагӣ шуда мемонанд.

«Ман падару модарам ва қалъаи дар шафати деҳаамон будагиро партофта омадам, - фикр мекард ӯ. -Онҳо дар ҷудоию фироқ зистанро одат карданду ман ҳам. Аз ин мебарояд, ки ба набудани ман гӯспандҳо низ одат мекунанд». Майдони чорсӯро аз баландӣ боз наззора кард ӯ. Савдои охтелпак дар авҷ буд; дар хараке, ки нишаста ваю мӯйсафед сӯҳбат доштанд, акнун ҷуфти дилдодаҳо саргарми бӯсобӯсӣ парвои фалакашон набуд.

«Савдогар...»- андешид Сантяго, вале фикрашро ба охир расонида натавонист - рост ба рӯяш ҷараёни нави шамоли «левантӣ» омада зад.

Шамол нафақат бодбонҳои мағрибиёни истилогарро дам медод, балки ҳамроҳи хеш бӯи рӯҳангези биёбон, бӯи занони чодарпӯш, бӯи арақи тан ва орзую ормонҳои нафаронеро меовард, ки замоне ба ҷустуҷӯи чизи номафҳуме, ба ҷустуҷӯи тилло ва воқеаҳои аҷиб қадам ба ин сарзамин гузошта буданд. Вай бӯи аҳромҳоро низ меовард. Ҷавон ба шамоли озодгард ҳавас карду эҳсос намуд, ки ба он монанд шуда метавонад. Пеши роҳи ӯ касе намеистад, ғайри худаш. Гӯспандон, духтари пашминафурӯш, марғзорони Андалус - инҳо ҳама зинаеанд барои расидан ба Роҳи худ.

Рӯзи дигар ӯ ба чорсӯ сари вақт омад ва шаш сар гӯспанд пешопешаш.

-Аҷоиб корҳое, - гуфт ӯ ба мӯйсафед, - як ошнои ман тамоми подаро бе қилуқол харида, гуфт, ки ҳамаи умр дар орзуи чӯпон шудан буд. Аломатҳои хайриятӣ.

-Доимо ҳамин хел мешавад,- гуфт мӯйсафед. -Инро Оғози Нек мегӯянд. Агар ту, барои мисол, дар умрат бори аввал сари қартабозӣ менишастӣ, бешакку шубҳа, мебурдӣ. Ба навкорон ҳамеша омад мекунад.

-Ҷаро ин хел мешавад?

-Барои он ки ҳаёт, зиндагӣ мехоҳад, ки ту аз паи Тақдири худ равӣ, ба ин хотир ҳавасу иштиҳоятро бо маззаи омаду ғалаба метезонаду ангез медиҳад.

[1] Аввалаш дар шумораи гузашта.

Баъди ин мӯйсафед ба муоинаи гӯспандон пардохт ва дарёфт, ки яке аз гӯспандон мелангад. Ҷавон фаҳмонд, ки ин аҳамият надорад, зеро ҳамон ланг аз ҳама донотарини пода асту болокориаш аз ҳама бештар пашм медиҳад.

-Хуб, акнун ганҷинаро дар куҷо ҷустан даркор?- пурсид ӯ.

-Дар Миср, назди аҳромҳо.

Сантяго саргаранг шуда монд. Лӯлизанак ҳам айнан чунин гуфта буд, вале бар иваз чизе нагирифт.

-Ту ба он ҷо роҳро аз рӯи он аломатҳое меёбӣ, ки Худованд дар ин олам таваъссути онҳо роҳи касро нишон медиҳад. Фақат хонда тавонистан зарур, ки чӣ чизҳое маҳз барои ту навишта шудаанд.

Сантяго ба ҷавоб додан маврид наёфт, зеро байни ӯву мӯйсафед шабпараке чарх мегашт. Ба хотир овард, ки айёми наврасӣ аз бобояш шунида буд, ки гӯё шабпарак аломати омади кор будааст. Ба ҳамин монанд, чир-чирак, калтакалос ва барги юнуҷқаи чоргӯша нишонаи пешомади нек маҳсуб мешудаанд.

-Худди худаш,- дар ҷавоби андешаҳои ӯ гуфт мӯйсафед. Ҳамааш чунонки бобоят гуфта буд. Инҳо нишонаҳоеанд, ки ба шарофати онҳо гумроҳ нахоҳӣ шуд.

Бо ин суханҳо вай аз сари сина чодар кушод ва Сантягои ақлу ҳушбохта ҷилои дина ӯро аз биной маҳрумкардаро ба ёд овард. Ҳоҷати ҳайронӣ не - мӯйсафед аз тиллои холис чороинае дошт, ки бо сангҳои пурбаҳо зиннат ёфта буд. Ҳа-а, вай, бешакку шубҳа, шоҳ буду бадали либос карданаш эҳтимол аз он сабаб буд, ки аз чанги роҳзанҳо эмин гашта тавонад.

-Ма, бигир,- гуфта мӯйсафед аз чороинааш ду дона санги гаронбаҳо - яке сафеду дигаре сиёҳ - ҷудо карда, ба Сантяго дароз намуд. Инҳо Урим ва Туммим ном доранд. Сафедаш маънои «ҳа» дораду сиёҳаш «не». Ҳангоме, ки ба аломатҳо сарфаҳм намеравӣ, ҳаминҳо мададат мекунанд. Пурсӣ - ҷавоб медиҳанд. Лекин то тавонӣ,- идома дод вай, - қарореро худат қабул кун. Ту аллакай медонӣ, ки ганҷина дар наздикии аҳромҳост, ин шаш сар гӯспандро ман барои он мегирам, ки ба ту дар қабули қарорат кӯмак намудам.

Ҷавон сангҳоро дар тӯрбааш пинҳон кард. Аз ҳозир ва оянда ҳамагуна қарорро танҳо худаш қабул карданаш лозим меояд.

-Аз ёд набарор, ки ҳама чиз дар олам як чизи том, яклухт аст. Забони аломатҳоро аз ёд набарор. Ва аз ҳама муҳим - аз ёд набарор, ки ту бояд то охир аз паи Тақдири худ биравӣ. Акнун ман ба ту як қиссаи кӯтоҳакакеро нақл мекунам:

Савдогаре писарашро барои дониста омадани чӣ будани бахт назди донои доноён фиристод. Ҷавон чил шабу чил рӯз дар биёбон роҳ гашт, то дар қуллаи кӯҳе кӯшки оличаноберо дучор омад. Ана, дар ҳамон ҷо Донои суроғкардааш сукунат дошт.

Қӯшк, бархилофи чашмдошти ҷавон, макони бекасу холӣ нею аз одамӣ лабрез будааст: савдогарон молу маноли худро бонгу фарёдзанон ба харидорон пешкаш мекарданду дар кунҷаку канорҳо бархе мардум саргарми сӯҳбат буданд, дастаи хурдакаки навозандагон оҳанги руҳнавозеро маҳин-маҳин танинандоз менамуд, дар миёнаи толори бузург мизе воқеъ буд, ки болояш тамоми хӯрданиҳои дар ин кишвар мавҷудро фаровон гузошта буданд.

Доно бо таҳаммул меҳмононро ягон-ягон муоина менамуд ва ба ҷавон лозим омад, ки навбаташро ду соат мунтазир бишавад.

Оқибат Доно ба гапи ӯ гӯш дода, бо чӣ мақсаде омаданашро фаҳмид, лекин гуфт, ки ҳоли ҳозир барои ба ӯ ошкор кардани асрори бахт вақт надорад. Бигзор, ҷавон кӯшкро тамошо карда, пас аз ду соат биёяд.

«Ман аз ту як хоҳиш ҳам дорам,- гуфт вай ва ба ҷавон қошуқчаи андарунаш ду қатра рӯғандоштаро дароз намуд. - Ин қошуқчаро бо худ бигир ва эҳтиёт бош, ки рӯғанро нарезонӣ».

Ҷавон аз қошуқча чашм наканда, машғули бо зинапояҳои кӯшк буро-фуро гардид ва пас аз ду соат назди Доно ҳозир шуд.

«Хуб,- нармак пурсид вай,- қолинҳои форсии ошхона ба ту маъқул шуданд? Дарахтону гулҳои боғи мумтозтарин ҳунармандон дарозои даҳ сол таҳиякарда чӣ? Қадимтарин дастхатҳо ва китобҳои бузурги мунаққаши китобхонаам писандат омаданд?»

Ҷавони мулзамшуда мункир омад, ки ягонтои ин чизҳоро надидааст, чунки тамоми ҳушу ёдаш ба он ду қатра рӯғани ба ӯ боваркардаи соҳиб банд будааст.

«Бирав, ҳамаи аҷоиботи қасри маро дида биё, - он гоҳ гуфтааст Доно. - Ба одаме бовар кардан нашояд, ки дар куҷо ва чӣ хел зиндагӣ ба сар бурданашро надонӣ».

Қошуқча дар даст ҷавон боз бар долону толорҳо қадам ниҳод. Ӯ ин карат банду мубтало, ки набуд, чизу чораҳои нодиру чашмнодидро, ки хонаҳоро оро медоданд, хуб тамошо кард. Боғи биҳиштмисол ва кӯҳҳои кӯшк фарогирифтаро бо ҳавас дидан кард, ба латофати гулҳо ва моҳирона ҷой гиронидани мусаввараю ҳайкалчаҳо баҳо дод. Пас назди Доно баргашта, ҳамаи чизҳои дидаашро як ба як нақл кард.

«Канӣ, он ду қатра рӯғане, ки бечурм ба ман бозгардониданатро хоҳиш карда будам?»- пурсид Доно.

Ин замон ҷавон дид, ки рӯған рехтааст.

«Ана, ягона маслиҳати ба ту медодагиам ҳамин аст, - гуфт ба ӯ донои доноён. - Асрори бахт дар он аст, ки аз ҷӣ ин қадар ҷаззобу пурмӯъҷиза ва дилкашу беназир будани оламро бубинӣ ва ҳамзамон ҳеҷ гоҳе ду қатра рӯғани қошуқчаро аз ёд набарорӣ».

Сантяго қиссаро шунида, дуру дароз хомӯш монд. Ӯ фаҳмид, ки мӯйсафед барояш чӣ гуфтан мехост. Чӯпон саёҳатро дӯст медорад, вале ҳеҷ гоҳ гӯспандонашро аз хотир намебарорад.

Шоҳ Мелҳисиддиқ ба Сантяго синчакунон дастони худ ба ҳам пайваст ва бо ҳаракати аҷибе болои сари ҷавон чарх занонд. Пас гӯспандон пешопеш ба роҳи худ равон шуд.

Дар шаҳраки хурдакаки Тариф қалъаи кӯҳнае қомат афрохтааст, ки онро мағрибиҳо бунёд карда будаанд. Агар кас ба манора барояд, пеши назар майдони регистон кушода мегардад, каппаи савдогари охтелпак ва тасмае аз соҳилҳои африқой бараъло менамоянд. Ва дар ин рӯз болои девори қалъа рӯй ба шамоли шарқӣ дошта, Мелҳисиддиқ, шоҳи Салим менишаст. Гӯспандон аз ҷунин дигаргуниҳои сарнавишти худ хавотир гашта, каме дуртар аз соҳиби навашон ба ҳам ҷафс шуда, тӯб зада меистоданд. Мисли пешина талабу хоҳиши асосиашон обу алаф буд.

Мелҳисиддиқ ба киштии начандон калоне, ки ба шино омода меистод, нигоҳ дӯхта, дар он хусус фикр мекард, ки ин ҷавонро дигар ҳеҷ гоҳ нахоҳад дид, монанди он ки Иброҳими Халилуллоҳро ҳам баъди ба вай даҳяк доданаш ягон бори дигар надида буд. Соҳибони умри абадиро орзуву хоҳиш набояд. Чунки барои эшон дар ин ҷо Роҳи худашон нест. Бо вуҷуди ин Мелҳисиддиқ номаълумакак дар қаъри дилаш мехост, ки ба Сантяго ном ҷавон барору омад ёр бошанд.

«Ҳайфо, ки ӯ худи ҳозир, ҳатто, чӣ ном доштанамро фаромӯш мекунад,- меандешид вай. - Номамро барояш такрор кардан лозим будааст. То ки ӯ маро ба ёд оварда, пиракии ношиносро «Мелҳисиддиқ, шоҳи Салим»- гӯён ном бигирад.

Вай чашм бар осмон дӯхта, бо хиҷолат хитоб кард:

-Худоё Худовандо, медонам, ки ин ҳама аз рӯи Каломи Ту ҳаяли умр аст - ташвиши рӯзгор. Вале шоҳи пир ҳам баъзан аз кирдори худ бо шахсияташ ифтихор карда метавонад.

«Макони аҷоиб аст ин Африқо»,- фикр мекард Сантяго.

Ӯ дар ошхоначае менишаст - аз ҷумлаи онҳое, ки дар кӯчаҳои танги ин шаҳр бисёр ба назараш мерасиданд. Якчанд нафар яке ба дигаре дарозкунон чилими бузургеро ба навбат мекашиданд. Дар давоми ин соатҳо ӯ ҷуфти мардонеро дид, ки аз дасти

ҳамдигар гирифта* мерафтанд, занони чодарпӯшро бидид, руҳониёнеро бидид, ки ба манораҳои баланд баромада, аз он ҷо аз ёд ким-кадом калимаҳоро бо тамоми овоз мехонданд, ҳамаи дигарон бошанд, баробари шунидани бонг бар зону афтода, пешона бар замин мемолиданд.

«Кишвари саратсинҳо.* Ва ин урфу одаташон»,- гуфт ӯ худ ба худ.

Дар бачагӣ дар калисои деҳаашон ӯ мусаввараи Яъқуби Муқаддасро дида буд - мағлубкунандаи мағрибиҳо: болои аспи сафед, шамшери болокарда дар даст тасвир шуда, зери пояш одамони бадафте сар ба замин соида мехобиданд, онҳо шабеҳ ба тоифае буданд, ки акнун дар ошхона паҳлӯи Сантяго менишастанд. Ҷавон дилгиру ноҳинҷор гардид - хештанро басе танҳо эҳсос намуд.

Ба балокориаш, дар гирумони шинокунӣ вай як нуктаро тамоман ба эътибор нагирифта буд, ки бечунучаро метавонист, роҳи сӯи ганҷинаро ба муддатҳои тӯлонӣ ба рӯяш бандад. Дар ин мамлакат ҳама ба арабӣ ҳарф мезаданд.

Ба ӯ соҳиби ошхона наздик омад ва Сантяго бо имову ишора фаҳмонд, ки ба вай ҳамон чизеро биёварад, ки паси мизҳои ҳамсоя дигарон нишаста меошомиданд. Он чои талхаке будааст. Ҷавон ба ҷои он ошомидани як қулт майро беҳтар медонист.

Воқеан, ҳамаи ин аҳамият надошт - дар хусуси ганҷина ва илоҷи то ба он расида рафтанро фикр кардан лозим. Ӯ аз фурӯши гӯспандон пули нағзакак кор карда буд, онҳо дар ҷайбаш буданд ва аллакай нерӯи соҳиронаи хешро маълум мекарданд - бо онҳо одам худро он қадар танҳо эҳсос намекардааст. Ба қарибӣ, ҳамагӣ баъди чанд рӯз ӯ аллакай дар канори аҳромҳо хоҳад шуд. Гумон буд, ки мӯйсафеди чороинаи аз тиллои холис доштагӣ барои ба даст овардани шаш сар гӯспанд ӯро фиреб диҳад.

Вай ба ӯ дар хусуси аломатҳо таъкид карда буд ва Сантяго дар тамоми дар халиҷ шино кардани киштӣ атрофи онҳо андеша менамуд. Вай мефаҳмид, ки сухан дар чӣ хусус меравад: дар паҳнои Андалус қадам зада, ҷавон ба аломатҳои заминию осмонӣ нигоҳ карда, аз оянда чӣ пеш омаданашро омӯхта буд. Парранда метавонист, огоҳ бикунад, ки дар ким-куҷое мор ниҳон аст;

---

* *Даст ба даст гаштани мардон ин одат дар баъзе мамолики Араб ва Ҳиндустон нишонаи эҳтиром ва дӯстӣ, на аломати бадрафторӣ.*
* *Саратсинҳо дар қадим арабҳоро мағрибиён чунин меномиданд.*

буттаҳо ба он далолат менамуданд, ки дар наздикиҳо рӯд ё дарёе ҳаст. Ӯро ба ҳамаи ин гӯспандон таълим дода буданд.

«Агар онҳоро Худованд раҳнамой мекарда бошад, пас Ӯ намегузорад, ки ман ҳам раҳгум занам», - фикр кард Сантяго ва каме осуда шуд. Ҳатто, акнун ба назараш чой на он қадар талх намуд.

-Ту кистӣ?- ногаҳон гуфтори испанӣ ба гӯшаш расид.

Сантяго нафаси сабукборонае кашид: ӯ перомуни аломатҳо хаёл мекард, ана, марҳамат, мужда расид. Овоздода ҷавони тахминан ҳамсинну солаш буд, либос ба таври аврупоӣ ба бар карда, фақат ранги пӯсташ далолат ба он менамуд, ки таҳҷоист.

-Забони испаниро аз куҷо медонӣ? - пурсид Сантяго.

-Дар ин ҷо онро қариб ҳама медонанд. Испан дар дусоатина роҳ.

-Бишин, ман мехоҳам, туро бо ягон чиз зиёфат кунам. Ба худат ва ман ҳам шароб бифармо. Чой ба ман маъқул не.

-Дар ин кишвар шароб наменӯшанд,- ҷавоб дод вай. -Шариат манъ мекунад.

Он гоҳ Сантяго ба вай маълум намуд, ки то назди аҳромҳо расиданаш зарур. Вай қариб дар хусуси ганҷина гап сар карда буд, лекин сари вақт забонашро дошт: чӣ фоида, ки араб аз ӯ барои роҳбаладиаш то аҳромҳо қисме аз бозёфташро талаб хоҳад кард. Сухани мӯйсафедро дар хотир дошт ӯ: ваъда намудан аз он чизе лозим нест, ки ҳанӯз тааллуқ ба ту надорад.

-Наметавонӣ, ки маро то аҳромҳо бибарӣ? Ман барои ин хизмат ба ту пул медодам.

-Ту ақаллан тасаввур карда метавонӣ, ки он дар куҷост?

Сантяго тахмин кард, ки хӯҷаини ошхона наздик омада, ба гуфтугузори онҳо бодиққатона гӯш медиҳад. Дар ҳузури вай ба гап задан дилаш намешуд, вале аз он метарсид, ки дар акси ҳол роҳбаладӣ ин қадар дарвақт пайдогаштаро аз даст доданаш мумкин.

-Ба ту рост меояд, ки тамоми биёбони Саҳараро миёнабур намоӣ,- гуфт вай. - Барои ин бошад, пули калон даркор мешавад. Ту пули басанда дорӣ?

Ин суол Сантягоро ба ҳайрат овард. Вале ӯ суханони мӯйсафедро дар хотир дошт: агар ту ягон чизро бихоҳӣ, тамоми Чархи Гардун мусоидат бар он мекунад, ки хоҳишат ба ҷо биёяд. Ва аз киса пулро бароварда, ба араб намоиш дод. Хӯҷаин боз наздиктар омада, ба ӯ чашм дӯхта истод, сипас бо он ҷавон чанд сухан бо арабӣ радду бадал намуданд. Ба Сантяго чунин намуд, ки хӯҷаин аз ким-чизе норозӣ аст.

-Рафтем аз ин ҷо,- гуфт ҷавон. -Вай намехоҳад, ки мо ин ҷо шишта бошем.

Сантяго бо мамнунӣ аз ҷо хест ва хост, ки пули чойро бидиҳад, лекин хӯҷаин аз дасташ гирифта, бо арабӣ ким-чиҳое мегуфт. Қуввати Сантяго кифоягӣ мекард, ки аз чанги вай зӯран халос шавад, вале ӯ дар кишвари бегона ҳузур дошт ва огоҳ набуд, ки дар чунин ҳолатҳо чӣ хел муомила бояд кард. Хушбахтона, шиноси нав хӯҷаинро тела дода, Сантягоро аз ошхона ба кӯча кашид.

-Вай аз ту пулатро кашида гирифтан мехост. Танчер ба дигар шаҳрҳои африқой монанд нест. Ин ҷо бандар, дар бандар бошад, ҳамеша қаллобон пур.

Ба вай бовар кардан мумкин. Ба ӯ дар вазъияти душвор дасти ёрӣ дароз кард. Сантяго пулро аз киса бароварда, дигарбора шумурда дид.

-Метавонем, худи фардо ҷониби аҳромҳо ба роҳ бароем,- гуфт араб. -Лекин аввал ду сар шутур харидан лозим.

Ва аз дасти Сантяго ҳамёнро гирифт вай.

Онҳо аз тангкӯчаҳои Танчер ба ҳаракат омаданд, ки дар ҳар қадамаш каппаю дӯконҳои аз ҳазору як майдаю чуйда лаболаб воқеъ буданд. Ва дар роҳ ба майдони бозор гузарашон фуромад, ки чандин ҳазор одам онро пур карда буданд - мардум мефурӯхтанд, мехариданд, байъу савдо мекарданд, баҳсу талош менамуданд. Кабудию меваҳо дар шафати ханҷарҳо ғарам - ғарам рехта шуда буду қолинҳо дар қарибии чилимҳои гуногун. Сантяго аз ҳамроҳаш чашм намеканд - вай тамоми пулашро гирифта буд. Ӯ мехост, онҳоро пас гардонида бигирад, лекин ҳисоб кард, ин аз дурандешӣ намешавад. Ба ӯ хислату анъанаҳои кишвари ҳоло ҳузурдоштааш маълум набуд. «Ҳеҷ гап не, - андешид ӯ. - Ман-ку бодиққатона аз паяш ҳастам ва ҳамин кифоя хоҳад буд, чунки ман аз вай пурқувваттарам».

Банохост байни тӯдаи молҳои рангбаранг ӯ шамшереро дида монд, ки дар умр аз он зеботарро надида буд: теғи нуқрагӣ, дастааш бо сангҳои пурбаҳо ва мино орою сайқал ёфтааст. Сантяго қарор дод, ки баъди аз Миср баргаштан ҳатман чунин шамшер хоҳад харид.

-Бипурс, ки он чанд пул меистад? - рӯ натофта аз ҳамсафараш дархост кард.

Дар ин лаҳза ӯ дарк кард, ки ба тамошои шамшер ғарқ шуда, ҳамагӣ ду сония самти эътиборашро дигар кардааст. Дилаш таҳ кашида рафт. Барои ба қафо нигоҳ кардан метарсид, зеро

аллакай медонист, ки пеши назар чӣ манзарае пайдо мешавад. Боз чанд лаҳза чашм аз шамшер наканд, лекин оқибат ҷасорат ғундошта, сарашро гардонид.

Дар атроф бозор ғавғо дошту тафс мебаровард, одамон бархе хомӯш буданду бархе мешӯриданд, байни ҳамдигар қолину ҷормағзҳо, лаганҳои мисию ғарами кабудиҳо мехобиданд, мардон аз дасти якдигар дошта мерафтанду занҳо чодар ба сар, дар ҳаво бӯю лаззати хӯрданиҳои тасаввурнопазир парвоз дошт - танҳо ҳамсафари навошнои ӯ гӯё буғ шуда, ба фазо нопадид шуда буд.

Дар аввалҳо Сантяго хештанро бовар мекунонд, ки онҳо дар ин маҳшаргоҳ тасодуфан ҳамдигарро гум кардаанд, бинобар ин қарор дод, ки дар ҷояш наҷунбида меистад - дидӣ, ки вай баргаштааст! Анча вақт гузашт; ба манораи баланд одаме баромада, ким-чиҳо гуфта бонг зад - ҳамон замон ҳамагон хам шуда, сар ба замин гузоштанд ва худашон низ ба қироат пардохтанд. Сонӣ, худи мӯрчаҳои сертараддуд барин молу манолашонро ғундошта, каппаю дӯконҳо бастан гирифтанд. Бозор дар як он хоппа-холӣ шуда монд.

Офтоб ҳам аз осмон нияти рафтан кард; Сантяго аз паси он дурудароз наззора намуд - то он даме, ки ба пушти биноҳои сафеди майдонро иҳотакарда аз назар ниҳон бишуд. Ӯ ба хотир овард, ки имрӯз ҳини тулӯъ кардани хуршед вай ҳанӯз дар иқлими дигар буд, чӯпонӣ мекард, дар ихтиёр шаст сар гӯспанд дошт ва дидорбиниро бо духтари пашминафурӯш бетоқатона интизор мешуд. Ҳанӯз субҳдам агар ӯ подаи худро ба чарогоҳ ронда бурдагӣ мебуд, барояш тамоми рӯйдодҳо пешакӣ маълум мебуд.

Акнун бошад, дар ғуруби офтоби худи ҳамон рӯз ӯ дар кишвари дигар, ки дар ин ҷо вай барои мамлакати бегона худ бегона аст ва, ҳатто, забонеро намедонад, ки мардуми маҳаллӣ бо он гап мезананд. Ӯ аллакай чӯпон не, аз ҳама чиз - ва пеш аз ҳама аз пул маҳрум шудааст, аз ин мебарояд, ки дигар баргаштаю ҳамаро аз нав сар карда наметавонад.

«Ва ҳамаи ин дар миёни тулӯъю ғуруби офтоб рӯй дод»,- андешид ҷавон. Ӯ ба ҳоли худ месӯхт ва талх-талх афсӯс мехӯрд, ки ҳаёташ ин тариқа ногаҳонӣ ва комилан хилофи мавҷудааш дигаргун шуда монд.

Аз гиристан шарм медошт. Ӯ, ҳатто, назди гӯспандонаш аз гиристан шарм мекард. Лекин майдони бозор аллакай холӣ буду ӯ тани танҳо монда, дур аз ватан.

Ва Сантяго гирист. Наход, Худованд нисбати шахсоне, ки ҳамагӣ ба хоби худ бовар кардаанд, ин қадар бераҳм бошад!

«Вақте ман гӯспандҳои худро боқӣ мекардам, хушбахт будаму хушбахтиро ба атрофам паҳн мекардам. Одамон хушҳол мешуданд, гоҳе, ки ба наздашон меомадам ва маро чун меҳмони азиз истиқбол мекарданд.

Акнун ман ғамгину бадбахтам. Ва намедонам, ки чӣ кор кунам. Ман бадқаҳр ва нобовар мешавам ва ба ҳама бо бадгумонӣ менигарам. Ман ба онҳо нафрат пайдо мекунам, ки ганҷинаро пайдо карда тавонистаанд, чунки ин ба ман муяссар нашудааст. Ман ба ҳамон каму ночизе, ки дорам, сахт часпида мегирифтагӣ мешавам, зеро барои дарки тамоми олам беҳад оҷизу нотавонам».

Ӯ тӯрбаи чӯпониашро кушод, то бингарад, ки дар он баногоҳ ягон хӯрдание монда бошад - ақаллан буридае нону нохун барин маска - лекин танҳо китоби ғафс, пӯстинча ва ду дона санги мӯйсафед додагӣ баромаду халос.

Ва ногоҳ сангҳоро дида Сантяго сабукӣ ҳис кард. Охир, ӯ ба ивази ду санги қимматбаҳои ҳадякардаи мӯйсафед шаш сар гӯспанд дода буд. Онҳоро, ҳатто, фурӯхтан кифоят мекунад, ки чипта харида, ба қафо баргардад.

«Лекин ин карат ман оқилтар мешавам»,- андешид ӯ ва сангҳоро аз тӯрба бароварда, дар киса пинҳон кард. Охир, ин ҷо шаҳри бандарӣ, дар бандар, чунонки он муттаҳами вайро ғораткарда дуруст таъкид намуд, ҳамеша қаллобон ҷӯш мезананд.

Фақат ҳамин ҳоло Сантяго дарк намуд, ки чаро соҳиби ошхона он қадар ба шӯр омада будааст - вай хӯни ҷигар шуда, ба ҷавон фаҳмондан мехостааст, ки баногоҳ ба он кисабур бовар накунад.

«Ман айнан ҳамон хелам, ки дигарон ҳастанд: эҳтимолро ба ҷои ҳақиқат қабул менамоям ва оламро на ба он шакле мебинам, ки феълан ҳаст, балки ба он шакле мебинам, ки ҳамин хел диданаш мехоҳам».

Ӯ дигарбора сангҳоро аз назар гузаронида, бо эҳтиёт онҳоро сила кард - ба даст гарм мерасиданд онҳо. Ана, ганҷинаи ҳаққонӣ, ки алҳол дар ӯ ҳаст. Ба онҳо, ки даст расонидӣ - дар дилат сабукӣ эҳсос мешавад. Сангҳо ба ёди Сантяго мӯйсафедро оварданд. Боз дар қалбаш суханони ӯ садо доданд: «Агар ту ягон чизро бихоҳӣ, тамоми Чархи Гардун мусоидат бар он мекунад, ки хоҳишат ба ҷо биёяд».

Вай мехост, бифаҳмад, ки ин рост аст оё. Ӯ дар миёнаи майдони холии бозор, бе ягон тин пул дар ҷайб меистод ва ин дафъа зарур набуд, ки барои ҷустани ҷои шабгузаронии гӯспандон майна об кунад. Вале сангҳои қимматбаҳо, бечунучаро, собит мекарданд, ки ӯ чанде пеш бо шоҳе мулоқот дошт, ки вай аз

тамоми ҳаёташ воқиф буд: ҳатто, дар хусуси милтиқи падарии бепурсиш гирифтааш ва зани нахустин бор ҳамхоба шудааш медонист.

«Сангҳо ба ту барои кушодани муаммо мадад мекунанд. Онҳо Урим ва Туммим ном доранд», -ба ёд овард ӯ.

Сантяго онҳоро аз нав аз киса бароварда, ба тӯрба гузошт ва қарор дод, ки бисанҷад. Мӯйсафед мегуфт, ки саволҳоро аниқу бурро додан лозим аст, чунки сангҳо ба онҳое ёрӣ мекунанд, ки эшон чӣ мехостанашонро аниқ медонанд. Ӯ пурсид, ки ҳайрхоҳии мӯйсафед то ҳол ба ӯ мерасад ё на ва дасташро аз тӯрба кашида баровард.

-Оре,- ҷавоб дод санги сафед.

-Ман ганҷинаро меёбам оё?- пурсид Сантяго.

Ӯ боз даст ба тӯрба андохта, сангҳоро омехта, акнун ҷавобро гирифта бароварданӣ буд, ки ҳарду санг аз сӯрохи тӯрба поён ғелиданд. Вай мушоҳида накарда буд, ки тӯрба сӯрох шудааст. Сантяго хам шуда, сангҳоро аз замин бардоштанӣ буд, то ки дубора пинҳонашон намояд, вале дар сараш фикри нав пайдо гардид: «Ба аломатҳо эътибор додан ва ба онҳо пайравӣ карданро ёд гир»,- мегуфт мӯйсафед.

Аломат! Сантягоро ханда гирифт. Сонӣ сангҳоро аз замин бардошта, ба тӯрба андохт. Вай дарбеҳ кардани тӯрбаро, ҳатто, ба ёд намеорад - сангҳо, агар хоҳанд, ҳар лаҳза ба берун ғелида метавонанд. Ӯ фаҳмид: чизҳое ҳастанд, ки напурсиданашон беҳтар-то ки барои аз тақдири худ гурехтан роҳи ҷаҳд накушоӣ. «Охир, ба мӯйсафед қавл додам, ки худам қарор қабул мекунам»,- гуфт ӯ худ ба худ.

Лекин сангҳо шаҳодат доданд, ки мӯйсафед чун пешина бо ӯст ва ин ба вай боварӣ бахшид. Ӯ аз нав майдони холиро аз назар гузаронид, вале ин дафъа на бо ноумедии пешина. Назди ӯ на олами бегона, балки олами нав доман густурда буд.

Охир, дар ниҳодаш ҳамеша ҳамин хоҳиш ҷӯш мезад - дарк кардани оламҳои нав. Агар ба ӯ то ба аҳромҳо расидан насиб накунад ҳам, аллакай он қадар зиёд дид, ки ягон чӯпони дигар надидааст.

«Агар онҳо медонистанд,- андешид ӯ, -ки ҳамагӣ дар дусоатина роҳ ҳама чиз тамоман дигар хел аст».

Олами нав дар пеши рӯяш дар симои майдони мурда доман кушод, лекин вай дида тавонист, ки дар он чӣ тавр ҳаёт ҷӯш мезанад ва инро ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад кард. Ӯ шамшерро ҳам ба ёд овард: албатта, барои тамошои дусониягӣ хеле гарон

музд додан лозим омад, лекин чунин чизро ӯ пештар ҳаргиз надида буд. Сантяго ногаҳон фаҳмид: метавонад, ба олам бо чашмони бадбахти қурбони қаллобу бадкидоргаштае бингарад, ҳамчунон метавонад, бо чашмони ҷӯяндаи ҷасури ганҷинаҳо ва саргузаштҳои ғароиб назар андозад.

-Ман ҷӯяндаи ҷасури ганҷинаҳо ва саргузаштҳои ғароиб ҳастам,- зерӣ лаб пичиррос зад ӯ ва ғарқи хоб шуд.

Ӯ бедор аз он шуд, ки касе ба паҳлӯяш нихта мекард. Бозор, ки дар миёнаҷои он Сантяго барои худ рахти хоб таҳия карда буд, дубора ҷон мегирифт.

Сантяго, чун одат дар сурағи гӯспандонаш ба атроф чашм давонида, нағзакак аз хоб раст ва ба ёд овард, ки вай кунун дар олами нав аст, аммо ин эҳсос варо ғамгин насохт, хушбахт буд ӯ. Дигар барои дарёфтани обу алаф саргардон намешавад - ба сурағи ганҷина меравад! Дар ҷайб як пули пучак ҳам надорад, лекин дилаш аз умеди зиндагӣ лабрез аст. Диншаб ӯ барои худ сарнавишти ҷӯяндаи саргузаштҳои ғароибро интихоб намуд: акнун вай аз зумраи онҳое мешавад, ки аз китобҳо дар бораашон хонда буд.

Ҷавон бо қадамҳои якка-якка майдонро давр зад. Савдогарон каппаю дӯконҳояшонро боз мекарданд ва ӯ ба қандалотфурӯш барои устувор кардани каппа ва паҳн кардани молаш ёрӣ расонд.

Қандалотфурӯш табассум мекард: вай хушҳол буд, медонист, ки ба чӣ хотир зиндагӣ дорад ва бо шавқу завқ ба истиқболи рӯзи навбатии корӣ омода мешуд. Табассуми вай ба ҷавон табассуми мӯйсафед - шоҳи пурасрор Мелҳисиддиқро хотиррасон менамуд.

«Вай қандалотро на барои он тайёр мекунад, ки ҷаҳонгардӣ пеша намояд ё ба духтари пашминафурӯш хонадор шавад. Маъқул аст ба вай машғулияташ», - андешид ҷавон ва ҳис намуд, ки мисоли мӯйсафед бо як нигоҳ муқаррар карда метавонад, ки ин ё он одам ба Роҳи худаш то чӣ андоза наздику дур аст.

«Ин кори осон аст - ва чаро ман пештар инро намефаҳмидам?»

Вақте астарро паҳн карда шуданд, фурӯшанда ба ӯ нахустин ширинкулчаи нав аз танӯр гирифтаашро дароз намуд. Сантяго онро бо ҳаловат хӯрда, миннатдорӣ кард ва ба роҳаш давом дод. Ва танҳо ҳамин дам дарк намуд, ки дарозои каппаро устувор кардан қандалотчӣ бо арабӣ ҳарф мезаду вай ба испанӣ ва аҷоиб, ки ҳарду якдигарро ба хубӣ мефаҳмиданд.

«Аз ин мебарояд, ки забоне мавҷуд аст, ки ба калима эҳтиёҷ надорад, - фикр кард ӯ. - Ман тавассути он бо гӯспандонам

муомила мекардам, ана, акнун бошад, бо одам ҳам таҷриба карда дидам».

Чунонки мўйсафед мегуфт: «Ҳама чиз ягонаи том аст».

Сантяго қарор дод, ки дар кўчаҳои Танчер саросема нашуда гардиш намояд, то ки аломатҳоро надида намонад. Ин бардошт талаб мекунад, вале бардошт ҳамон накўхислат аст, ки ҳар чўпон аввал онро азхуд менамояд. Ва ҷавон боз андешид, ки дар олами нав он чизҳое, ки гўспандонаш ба вай омўзонида буданд, кор хоҳанд омад.

«Ҳама чиз ягонаи том аст», - дигарбора ба хотири ў расиданд суханони Мелҳисиддиқ.

Савдогари булўр нигоҳ мекард, ки рўзи нав чи гуна зуҳур менамояд ва боз андўҳи ҳарбораро эҳсос кард, ки аз саҳар дилашро сиёҳ месохт. Мана, сӣ сол инҷониб вай дар ҳамин тангкўчаи пурнишеб дар дўкончааш, ки харидорон кам сар мехалониданд, ғусса хўрда менишинад. Акнун дар ҳаёташ ягон чизро дигар кардан дер шудааст; бо булўр савдо кардан - кори метавонистагиаш ҳамин. Замонҳое буд, ки дар дўкони вай савдогарони араб, геологҳои инглису фаронсавӣ ва сипоҳиёни олмонӣ тўб мезаданд - ҳама мардумони серпул буданд. Он даврҳо бо булўр савдо намудан кори серманфиат буд ва вай орзу мекард, ки агар бою бадавлат шавад, даврони пириаш пуробуранг ва аз ширкати занони моҳлиқо гарму гуворо хоҳад шуд.

Вале замонаҳо дигар шуданд ва баробари он шаҳр ҳам тағйир ёфт. Сеутаи дар шафати Танчер воқеъгашта тезтару бештар тараққӣ карду маркази савдо низ ба он ҷо кўчид. Савдогарони ҳамсоя нуқлу навояшонро ғундошта рафтанд, дар сари теппа танҳо чанд дўконча боқӣ монданду бас ва кам касон мехостанд, ки ба баландӣ хазида, ба моли ин нуқтаҳо мароқ зоҳир бикунанд.

Лекин Савдогари булўрро илоҷи дигар набуд. Сӣ соли расо вай фақат ба он машғул мешуд, ки булўр бихараду бифурўшад, акнун тағйир додани зиндагиаш дигар дер шуда буд.

Тамоми саҳар вай роҳгузарони камшуморро тамошо мекард. Ба ин амал солҳои дароз машғул шуда, вай реҷаи ҳар каси дар тангкўча пайдогаштаро медонист. Вале чанд дақиқа пеш аз вақти хўроки чошт назди пештахтаи дўкончааш аҷнабии ҷавоне қарор гирифт. Дар тан пўшоки хуб дошт, лекин Савдогари булўр бо чашмони кордидааш ҳамоно фаҳмид, ки ў бепул аст. Бо вуҷуди ин қарор дод, ки то рафтани мизоҷ хўроки чоштро ба таъхир андозад.

Эълони ба дар часпонида гувоҳӣ бар он медод, ки ин ҷо бо забонҳои хориҷӣ гуфтугӯ менамоянд. Сантяго тахмин кард, ки паси пештахта хӯҷаин пайдо гардид.

-Мехоҳед, ки тамоми ин ҷомҳоятонро шуста диҳам?- пурсид ҷавон. - Дар ин шаклу шамоил касе онҳоро аз шумо намехарад.

Соҳиб ҷавобе надод.

-Ба ивазаш шумо бароям ягон хӯрданӣ медиҳед.

Хӯҷаин ҳамоно ба ӯ хомӯшона нигоҳ карда меистод. Сантяго фаҳмид, ки қарор қабул кардан зарур. Дар тӯрбааш пӯстинчааш мавҷуд буд - дар биёбон лозим намешавад он. Пӯстинчаро гирифта, бо доманаш ҷомҳоро тоза кардан гирифт. Пас аз ним соат дар пештахта ҳама чиз ялаққос мезад ва ин дам ду нафар ташриф оварда, баъзе маснуоти булӯрӣ хариданд.

Сантяго корашро ба сомон расонида, аз соҳиб хӯрок хост.

-Канӣ, ҳамроҳам биё, - ҷавоб дод вай.

Ба дар огоҳномаи «Пӯшида - ба хотири хӯроки чошт»-ро овехта, вай Сантягоро ба қаҳвахонаи майдаҳаке бурд, ки дар қуллаи теппа воқеъ буд. Дар он ҷо онҳо паси мизи ягона нишастанд.

Савдогари булӯр хандид:

-Бароят ягон чизро тоза кардан ҳам зарур набуд. Қуръон мефармояд, ки гуруснаро сер кардан фарз аст.

-Набошад, барои чӣ шумо маро бознадоштед?

-Зеро, ки ҷомҳо ифлос буданд. Ба ҳардуямон лозим буд, ки мағзи сарҳоямонро аз ифлосӣ тоза намоем.

Вақте тановулро тамом карданд, вай гуфт:

-Ман мехоҳам, ки ту дар дӯкончаам кор кунӣ. Имрӯз то булӯрҳоро тоза кардани ту ду нафар харидор омаданд, ин аломати некист.

«Аз мардум дар бораи аломатҳо шунидан тез-тез ҳодис мешавад, - андешид чӯпон, - лекин худи онҳо намефаҳманд, ки дар чӣ хусус ҳарф мегӯянд. Худи ман ҳам, бехабар аз он, чандин сол бо гӯспандонам бо забони бесухан сӯҳбат мекардам».

-Хайр, чӣ гуфтӣ? - исрор намуд хӯҷаин. - Наздам ба кор меравӣ?

-То сапедадам ҳамаи молатонро шуста тамом мекунам,- ҷавоб дод ҷавон. -Шумо бар ивазаш барои то Миср расиданам пул медиҳед.

Савдогари пиракӣ боз хандид.

-Агар ту тамоми сол дар дӯкони ман булӯршӯӣ кунию ба болокориаш ба ҳар моли ба савдорафта фоизи баланд диҳам

ҳам, барои роҳкиро қарз гирифтан рост меояд. Байни Танчеру Миср ҳазор километр биёбони сӯзон.

Дақиқае ончунон хомӯшие фаро расид, ки гӯё тамоми шаҳр ба хоб рафта бошад. Бозорҳо, савдогарони моли хештанро тавсифкунанда, одамони ба манораҳо болошаванда ва намозхонҳо, шамшерҳои дастаашон кунгурадор ҳамагӣ аз чашм ниҳон шуданд. Умеду саргузаштҳои ғароиб, шоҳи пир ва Роҳи худ, ганҷина ва аҳромҳо нопадид гаштанд. Дар тамоми олам хомӯшӣ ҳукмрон шуд, зеро дили Сантяго ях баст. Ӯ на дарду на андӯҳ ва на ғаму на пушаймониро эҳсос накарда, бо нигоҳи шахшуда ба дари бозмондаи қаҳвахона менигарист ва бо тамоми вуҷуд фақат мурдан мехосту орзу мекард, ки ҳамааш худи ҳозир якбораю абадӣ ба охир расад.

Булӯрфурӯш ба ӯ абрувоншро дарҳам кашида назар медӯхт-охир, ҳамин пагоҳӣ, аз афташ, басе хушҳол менамуд. Ҳоло бошад, чеҳрааш аз абри сиёҳ ҳам тиратар; аз хушҳолиаш ному нишоне нест.

-Ман метавонам, ба ту пуле диҳам, ки ба ватанат баргашта тавонӣ, писарам, - гуфт савдогар.

Ҷавон посухе надод. Баъд аз ҷой хеста, либосашро тахт намуд ва тӯрба ба даст гирифт.

-Ман барои кор ба наздатон мемонам, - гуфт ӯ.

Ва чанд гоҳ лаб фурӯ баста, оқибат афзуд:

-Ба ман пул лозим, ки чанд сар гӯспанд харида тавонам.

## ҚИСМИ ДУЮМ

Сантяго дар дӯконча қариб як моҳ кор кард ва гуфтан нашояд, ки кори нав хуб маъқулаш шуда бошад. Савдогари булӯр рӯз-рӯз дар ҷояш нишаста, пайваста ғур-ғур мекард, ки ҷавон бо мол эҳтиёткоронатар муносибат намояд.

Вале аз баҳри ин кор баромадан зарур намеомад, зеро савдогар бадзафту серҷанҷол бошад ҳам, одами ҳалол баромад ва аз қавли додааш намегашт: Сантяго аз ҳар моли ба фурӯшрафта мунтазам фоиз, яъне фоидаи худро мегирифт ва, ҳатто, тавонист, ки каме маблағ ҷамъ бикунад. Вале боре субҳгоҳон ӯ пули андӯхтаашро шумурда, ҳисоб карда баромад, ки агар боз ҳамин қадари дигар маблағ ҷамъ бинамояд, барои харидани гӯспандчае камаш баъди як соли дигар қурбаш мерасидагӣ мешавад.

-Ҷаро пештахтачае сохта, бо намунаву тарҳи молҳо пештар бароварда намемонем? - гуфт ӯ ба хӯҷаин. - Мо онро барои

кашидани диққати харидорон назди даромади дӯкон мегузоштем.

-Пештар бе ягон пештахтаи сайёр ҳам зиндагиамон мегузашт,- ҷавоб дод вай. -Боз ягон беэҳтиёт дар кӯча ба пояш онро зада меғалтонаду булӯрҳои маро тут барин мерезонад.

-Ҳангоме, ки ман гӯспандҳоро ба ҷаро мебурдам, онҳо ҳам метавонистанд, ки ба море дучор омада, аз заҳри неши он қурбон шаванд. Охир, барои чӯпону гӯспандон худи ҳаёт фақат бо ҳамин ранг аст.

Савдогар дар ин мавриди хидмати мизоҷеро ба ҷо меовард, ки се адад ҷоми булӯрӣ хариданӣ буд. Акнун савдо авҷ мегирифт, гӯё он замоне баргашта бошад, ки ин тангкӯча одамонро аз тамоми Танчер сӯи худ мекашид.

-Рафти корҳо бад не,- гуфт вай баъди баромада рафтани харидор. - Ман нағз даромад карда истодаам ва ба наздикӣ бароят ҳамон қадар пул медиҳам, ки подаи нав харида метавонӣ. Боз ба ту чӣ намерасад, охир? Аз зиндагӣ барзиёд талаб кардан чӣ лозим?

-Барои он ки аз паи аломатҳо рафтан даркор, - ғайриихтиёр аз даҳони ҷавон баромад ва ӯ ҳамоно аз гуфтааш пушаймон шуд: савдогар-ку ягон маротиба бо шоҳ вонахӯрдааст.

«Ин Оғози Нек ном дорад, - суханҳои мӯйсафед бар ёдаш заданд. - Ба навкорон омад мекунад. Зеро ҳаёт мехоҳад, ки инсон аз паи Тақдири худ биравад».

Хӯҷаин бошад, дар ин фосила гуфтаи Сантягоро мулоҳиза мекард. Аниқ, ки фақат як худи ҳузури ӯ дар дӯконча аллакай аломати некӣ буд - пул ба хазина мерехт ва аз ин бачаяки испаниро ба кор гирифтанаш пушаймон шудагиаш не. Ҳарчанд, ки ӯ аз кораш дида маошро бисёртар мегирад - Савдогари булӯр бидуни назардошти он, ки савдо ба ин тариқа авҷ карданаш мумкин, дар аввал фоизи баланд ваъда карда буд. Ба савдогар чунин менамуд, ки соати ба сари гӯспандони худ баргаштани ӯ дур нест.

-Аҳромҳо ба ту чӣ даркор шуданд?- барои дигар кардани мавзӯъ пурсид.

-Барои он ки дар бораашон ба ман бисёр ҳикоя кардаанд,- ҷавоб дод Сантяго.

Ганҷинаҳо ба ёддошти талх мубаддал шуда буданд, бинобар ин мекӯшид, ки дар бораашон фикр накунад, аз ин хотир ба хӯҷаин хоби худро ҳам ҳикоят накард.

-Одамеро дар умрам бори нахуст мебинам, ки танҳо барои назар кардан ба аҳромҳо биёбонро тай карданист. Аҳромҳо

бошанд, тӯдаи сангҳо ҳастанду бас. Ту худат ҳам дар рӯи ҳавлӣ онро сохта метавонӣ.

-Маълум мешавад, ки ба шумо хоб дидани саёҳати кишварҳои дур муяссар нашудааст, - ҷавоб дод Сантяго ва ба истиқболи харидори навбатӣ рафт.

Пас аз ду рӯз хӯҷаин ба гуфтугӯи пештахтаи сайёр баргашт.

-Навигариҳоро нағз намебинам ман, - гуфт вай. - Охир, ман Ҳасан барин бой нестам, ки хато кунад ҳам, ҷин намезанад - вай аз ин бохти казоӣ намекунад. Ба ману ту бошад-чӣ, барои хато тамоми умр ҷавоб доданамон рост меояд.

«Ҳақ», - андешид ҷавон.

-Акнун ба ман ҷавоб деҳ, ки сутуни сайёр ба ту чӣ даркор?- идома дод хӯҷаин.

-Мехоҳам, ки ҳарчӣ тезтар назди гӯспандонам баргардам. Ҳоло, ки омад мекунад, лаҳзаи барорро қаппида тавонистан лозим, барои ба он кӯмак кардан, ки манфиаташ ба мо бештар расад, тамоми кори аз дастамон меомадагиро карданамон зарур. Охир, ин ҳамин хел ном дорад: Оғози Нек. Ба навкорон омад мекунад.

Мӯйсафед дам назад, сипас гуфт:

-Пайғомбар ба мо Қуръон бидод ва ба зиммаамон танҳо панҷ вазифа гузошт, ки дар тӯли умрамон ба ҷо оварем. Аз ҳама асосӣ дар ёд дорем, ки нест Худое ба ҷуз Аллоҳ. Чаҳори дигар - рӯзе панҷ вақт намоз хондан, ҳини расидани моҳи Рамазон рӯза гирифтан, закот дода, дастгири фақиру бечораҳо шудан...

Вай боз хомӯш шуд. Ҳангоми ба ёд овардани пайғомбар чашмонаш нам гирифтанд. Вай ҳарчанд одами зинда, беқарор ва гарму тез буд, тавонист, ки аз рӯи қонунҳои Муҳаммад умр ба сар барад.

-Хайр, вазифаи панҷум чӣ?- пурсид Сантяго.

-Парерӯз ту гуфтӣ, ки гӯё саёҳатҳои дурудароз ҳеҷ гоҳ ба хоби ман надаромада бошанд. Ана, вазифаи ҳар кадом бандаи мӯъмин ҳаҷ кардан аст.

***(Давом дорад)***

***Тарҷумаи Солеҳи ЗАРИФЗОД***

# ПАЁМИ СУҒД

№4
2009



# МУНДАРИЧА

## ЧАШНВОРА

*Номбардори азизон* ........................................................................................2

## НАЗМ

МӮҲСИН АМИНЗОДА. *Соҳибватан (Силсилаи шеърҳо)* ..................................3
АКБАР АБДУЛЛО. *Тарҷумони ишқ* ..........................................................9

## АЗ ШОИРОНИ МУОСИРИ ЭРОН

МУҲАММАД БОҚИРӢ. *Ғунчаи сафеди ҷавонӣ (Силсилаи шеърҳо)* ..........17

## НАСР

МУҲАММАД СУБҲОН. *Дуои роҳгузар (Ҳикоя)* ......................................20

## САД БАЙТИ ОЛӢ

ХАЛЛОҚУЛМАОНӢ ХОҚОНИИ ШАРВОНӢ. *Каъбаи хирад* ..........................25

## БУЗУРГДОШТ

АЛЛОМА ШИБЛИИ НУЪМОНӢ. *Симои Имоми Аъзам Абӯҳанифа* ..........34

## АЗ АДАБИЁТИ ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН

ПАУЛО КОЭЛЙО. *Кимиёгар (Роман) Тарҷумаи Солеҳи Зарифзод* ..........47

## АДАБИЁТШИНОСӢ

АБДУЛМАННОНИ НАСРИДДИНИ ХУҶАНДӢ. *Ғунчаҳои меҳр дар «Шохаҳои шавқ»* ..........................................................................76
ГАВҲАР МАҲКАМОВА. *Мутазод дар рубоӣ ва дубайтиҳои Лоиқ Шералӣ* ..........................................................................................82
МУЗАЙЯНА САЙФУЛЛОЕВА. *Равобити эҷодии С.Айнӣ бо шоирон ва донишмандони эронӣ* ..............................................................89

Пауло КОЭЛЙО

# КИМИЁГАР

## (Роман)

Ҳар кадоме аз мо дар умраш ақаллан як маротиба шаҳри муқаддаси Маккаро зиёрат карданаш лозим. Ин шаҳр аз аҳромҳо дида хеле дуртар. Дар ҷавонӣ, вақте ки камтар пул ғун кардам, сохтани ин дӯкончаро беҳтар донистам. Фикр мекардам: бой мешавам, ана, ҳамон вақт ба зиёрати Макка меравам. Баъд ман пулдор шудам, лекин савдоямро ба касе бовар карда, монда рафта наметавонистам, чунки молам гаронбаҳо. Ҳар рӯз нигоҳ мекардам, ки чӣ гуна ҳоҷиён аз наздам гузашта мераванд: байни онҳо давлатмандҳо буданд, ки эшонро даҳҳо ғуломон ва корвони уштурҳо ҳамроҳӣ менамуданд, вале аксари зоирон камбағалтар аз ман буданд.

Чӣ хел баргашта омадани онҳоро ҳам медидам, хушбахту сарфароз ва бо ифтихор назди дарвозаҳояшон рамзи ба зиёрати Макка муяссар шуданашонро мегузоранд. Яке аз онҳо, кафшдӯз, ки кӯҳнаи мардумро медӯхт, ба ман нақл кард, ки биёбон ба биёбон як соли расо пиёда роҳ гашта, аз он ки дар Танчер ба маҳаллаи ҳамшафат барои чарм рафта хаста мешудааст, камтар мондагиро эҳсос карда будааст.

-Барои чӣ, охир, худи ҳозир ба Макка равона нашавед?- пурсид Сантяго.

-Чунки ман фақат бо орзуи ҳаҷ зинда ҳастам. Вагарна оё ман метавонистам, ки ба ҳамаи ин рӯзҳои аз якдигарашон заррае фарқ намекардагӣ тоқат карда, ба ин тоқчаҳои молгузоштаю таомҳои бемаззаи ин ошхонаи лаънатӣ вой нагуфта тоб оварам? Ман метарсам, ҳамин ки орзуям ба ҳақиқат табдил ёфт, зиндагӣ дар олам бароям нолозим шуда мемонад.

Агар гап бар сари ту ояд, ки аҳромҳоро орзу дорӣ, бархилофи рафтори ман, барои ба ормонат расидан пайваста ҷаҳду ҷадал мекунӣ.

Ман танҳо дар бораи Макка орзу карданро мехоҳам. Чӣ гуна гузаштани биёбон, чӣ тавр ба майдони Каъба омадан, ҳафт маротиба гирди санги муқаддас тавоф кардан ва танҳо баъди ин ба он даст расонданро ҳазорҳо маротиба ба худ тасаввур кардаам. Ман чандин бор тасаввур мекунам, ки дар паҳлӯям чӣ

---

Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта.

қадар одамон ғун мешаванду ва чӣ гуна садои ман ба бонги умумӣ мепечад. Лекин ман метарсам, ки пушаймонии сахте насибам шуданаш мумкин, аз ин сабаб фақат орзу карданро беҳтар медонам.

Вай дар ҳамон рӯз ба Сантяго иҷоза дод, ки пештахтаи нав бисозад. На ҳама якранг орзу мекунанду хобҳои якхела мебинанд.

Боз ду моҳ сипарӣ гардид, пештахтаи нави сайёр кори худро кард: ба дӯконча харидорон фурӯ рехтанд. Сантяго тахмин кард, - агар кор ҳамин хел давом кунад, ӯ баъди ним сол ба Испан баргашта, шаст сар не, ду ҳамин қадар гӯспанд харида метавонад. Як сол ҳам нагузашта, вай метавонад, подаашро ду карат афзун намуда, бо арабҳо савдо оғоз бикунад, зеро бо забони эшон муомиларо омӯхтааст. Баъди он ҳодисаи бозор ӯ дигар сангҳояш Урим ва Туммимро аз тӯрба берун накардааст, чунки барояш Миср ҳамчунон орзуи иҷронашаванда гардид, чунонки барои хӯҷаинаш Макка шудааст. Ӯ аз кори худ розӣ буд ва ҳамеша тасаввур мекард, ки чӣ гуна дар Тариф аз киштӣ мисли ғолиб ба бандар қадам мегузорад.

«Дар хотир дор: ҳамеша чӣ хостанатро аниқ донистан лозим аст», - мегуфт Мелҳисиддиқ.

Ҷавон медонист. Ва барои расидан ба мақсади худ кор мекард. Шояд дар сарнавишташ сабт шуда буд, ки ба кишвари бегона меафтад, дар он ҷо ба қаллоб гирифтор мешавад, баъд подаи худро ду баробар афзун карда, барои ин ақаллан як пули сиёҳ харҷ намекунад?

Аз худ ифтихор мекард ӯ. Вай бисёр чизҳоро омӯхт: акнун бо булӯр муомила карда метавонист, ба забони бесухан балад буд ва аломатҳоро хонда метавонист. Боре ӯ шунид, ки одаме чунин шикоят дорад: чунин баландиро азоб кашида тай намудаму дар ин ҷо, ақаллан барои нишастан ва ташнагии худро шикастан шароит нест. Сантяго ҳамоно дарк намуд, ки ин аломат аст ва ба ҳӯҷаин гуфт:

-Чаро мумкин нест, ки ба одамони наздамон баромадагӣ фурӯши як пиёла чойро ташкил намоем?

-Навигарии кирой, онро мулоҳиза карда дидан мумкин,- ҷавоб дод ӯ.

-Мо чойро бо ҷомҳои булӯрӣ манзур хоҳем кард. Мардум аз ин лаззат мебаранд ва аз мо булӯр хариданӣ мешаванд. Одамон беш аз ҳама асири зебой ҳастанд.

Хӯҷаин ба вай хеле дурудароз нигоҳ карда монд ва ҷавобе надод. Лекин шомгоҳон баъди адои намоз, ҳангоми бастани дӯкон

пеши он нишаста, ба Сантяго таклиф намуд, ки наргила - чилим бикашад, ки байни арабон роиҷ аст.

-Ба ман бигӯ, ки ту чиро ба даст оварданӣ ҳастӣ?- пурсид вай аз ҷавон.

-Шумо-ку медонед: ман ба хона .баргаштан ва гӯспандон харидан мехоҳам. Ана, барои ҳамин ба ман пул лозим.

Пиракӣ ба сархонаи чилим якчанд ангиштпора гузошта, аз наи он чуқӯр дам кашид.

-Сӣ сол боз ман ин дӯкончаро нигоҳ медорам. Булӯри хубро аз бад фарқ карда метавонам, ба ҳамаи нозукиҳои тиҷорат сарфаҳм меравам. Ман аз рафти корҳоям розӣ ҳастам ва вусъат додани онро намехоҳам. Ба харидорон дар ҷомҳои булӯрӣ чой муроот мекунӣ ва, ана-мана нагуфта, мебинӣ, ки савдоямон афзудааст - зарур меояд, ки боз ҳама чизро тағйир диҳӣ.

-Хайр, ин чӣ бадӣ дорад, охир?

-О, ман одат кардаам, ки чӣ хеле ки мезистам, ҳамон хел зиям. То дар ин ҷо пайдо шудани ту ман бисёр фикр мекардам, ки ин қадар сол дар як ҷо мешиштам, ки мешиштам, дар ин миёна чӣ қадар ёру дӯстонам омаданду рафтанд, касиф гаштанду давлатманд шуданд. Дар ин бора бо андӯҳи чуқур хаёл мекардам. Акнун мефаҳмам, ки андозаи дӯкончаи ман он қадар аст, ки ба ман лозим, чунин катакро худи ман мехоҳам. Ман дигаргуниҳоро намекобам, намедонам, ки ин чӣ тариқа ба ҷо оварда мешавад. Ман ба худи худам беҳад одат кардаам.

Ҷавон ҷавобе ёфта наметавонист. Пиракӣ идома дод:

-Туро ба ман гӯё Худо фиристод. Имрӯз бошад, мана, ин чизро фаҳмидам: агар некию неъмати илоҳиро қабул накунӣ, он ба бало табдил меёбад. Ман аз ҳаёт дигар ягон талабе надорам, ту бошӣ, маро маҷбур месозӣ, ки дар ҳаёт равзанаҳои бароям номаълумро боз намоям. Ман ба онҳо нигариста, имкониятҳои гӯшношуниди худро мебинам ва худро аз пештар бадтар эҳсос мекунам. Зеро ман акнун медонам, ки ҳама чизро ноил шуданам мумкин, ба ман бошад, он лозим нест.

«Хуб шуд, ки ман ба охтелпакфурӯш ҳама гапҳоро нақл накардаам»,- андешид Сантяго.

Боз чанд муддати дигар онҳо чилим кашиданд. Хӯҷаину Сантяго ба арабӣ сӯҳбат мекарданд. Дар замонҳои гузашта, дар ҳаёти дигараш ба ӯ чунин мерасид, ки гӯспандон ба дарки ҳама чизи олам қобил ҳастанд. Вале аз ӯҳдаи омӯхтани забони арабӣ баромаданашон гумон.

«Бояд боз ким-чиҳое буданашон мумкин, ки гӯспандон аз худ карда наметавонанд,- фикр мекард ӯ хомӯшона ба хӯҷаин чашм дӯхта. -Чунки онҳо фақат обу алафро ҷустаю ёфта метавонанд. Сонияи ин корро ҳам худашон намедонистанд - ман ёд додамашон».

-Мактуб,- оқибат даҳон ба сухан кушод хӯҷаин.

-Ин чӣ маънӣ дорад?

-Барои комилан фаҳмидани он араб зоида шудан лозим,- ҷавоб дод вай. - Лекин маънои тахминиаш - сарнавишт, номаи аъмол.

Ва ангиштпораҳоро дар сархона хомӯш карда, афзуд, ки Сантяго аз пагоҳ метавонад, дар ҷомҳои булӯрӣ чойфурӯширо оғоз бикунад. Боздоштани дарёи зиндагӣ амри муҳол аст.

Одамон ба кӯҳак баромадаравон банохост дар ҷои аз ҳама баланд рӯ ба рӯяшон дӯкончаеро медиданд, ки дар он ҷо айни нафасгардон шудану ташна монданашон ба эшон дар ҷомҳои булӯрӣ чойҳои хуштаъму гуворои сардакак пешниҳод менамуданд. Чаро ба ин ҷо надароию ҳалқи қоқатро тар накунӣ?!

«Ақли зани ман ба ин корҳо расиданаш гумон», - мегуфт яке чандин ҷоми булӯрӣ харидаравон: ин бегоҳ ба хонааш меҳмонон ташриф овардани будаанд ва вай мехост бо ҷомҳои олиҷаноб онҳоро ба ҳайрат оварад.

Дигарӣ таъкид менамуд, ки агар чойро аз ҷоми булӯрӣ бихӯрӣ, ба маротиб гуворотар мешавад - гӯё дар он ин неъмат бӯи худро бештару беҳтар нигоҳ медоштааст. Сеюмӣ ёдрас мекард, ки дар Шарқ бо ҷомҳои булӯрӣ ошомидани чой анъанаи қадима доштаасту маҳз дар ин зарф буданаш ба чой хосияти сеҳрангез илова мекардааст.

Ва саҳл вақт нагузашта ҳама овозаи ин ихтироъро бишниданд ва мардум ба теппа майл оварданд, то бо чашмони худ бубинанд, ки дар ин соҳаи қадима боз чӣ навигарие илова кардан мумкин будааст. Дар дӯконҳои дигар ҳам дар ҷомҳои булӯрӣ чой медодагӣ шуданд, вале ба он ҷойҳо сӯи теппа зӯр зада баромадан лозим намеомад, бинобар ин ҳамагӣ аз одам холӣ буданд.

Муддате нагузашта ба дӯконча ду нафар ёварро киро кардан зарур омад. Акнун дар ин ҷо нафақат булӯр мефурӯхтанд, балки ба мизоҷони сершумори ташнаи навигарӣ чой медоданду медоданд.

Ҳамин минвол ним сол гузашт.

Ҷавон ҳанӯз офтоб набаромада, бедор шуд. Аз он лаҳзае, ки ӯ ба иқлими африқой қадам ниҳода буд, ёздаҳ моҳу нӯҳ рӯз гузашт.

Вай бурнуси арабии нуқравор сафедро, ки махсус барои ҳамин рӯз харида буд, ба бар карда, ба сараш рӯймол гирифт ва онро

бо ҳалқаи аз пўсти уштур таҳиякарда устувор намуд, ба по шиппак пўшида, бесадо поён равона шуд.

Шаҳр ҳанўз дар хоб буд. Сантяго як бурида нонро бо мураббо хўрда, аз ҷоми булўрӣ чойи гармакак ошомид. Сипас ба остонаи дўконча нишаста, чилим кашид.

Ҳамин тариқа ў нишаста, бидуни ягон фикру хаёл яккаву танҳо тамоку мекашиду таронаи доимӣ ва бомароми шамолро гўш дода, бўи биёбонро эҳсос менамуд. Аз чилимкашӣ фориғ гашта, даст ба ҷайб бурд - ва ба он чизе, ки аз он берун овард, чанд дақиқа назар дўхт.

Ангуштони ў қабзаи ғафси пулро сахт пахш мекарданд - ба ин пулҳо ҳам чиптаи бозгашт, ҳам яксаду бист сар гўспанд ва ҳам иҷозатномаи тиҷорати байни Испан ва кишвареро харидан мумкин буд, ки алҳол по бар хоки он истодааст.

Сантяго бедор шуда, дари дўкончаро кушодани хўҷаинро бурдборона мунтазир шуд. Баъд онҳо ҳамроҳ боз чой нўшиданд.

-Имрўз ман меравам,- гуфт ҷавон. -Акнун ман барои харидани гўспандон ва шумо бошед, барои ба зиёрати Макка рафтан маблағ дорем.

Соҳиб хомўширо нигаҳ медошт.

-Дуо кунед маро,- боисрор гуфт Сантяго. -Шумо ба ман кўмак кардед.

Пиракӣ ҳанўз ҳам ҳарфе нагуфта, худро ба чойдамкунӣ машғул медошт. Оқибат вай тарафи ҷавон рўй овард.

-Бо ту ифтихор мекунам ман. Ту ба дўкончаи беҷони ман ҷон даровардӣ. Лекин бидон: ман ба Макка намеравам. Ҳамчунин бидон, ки ту ҳам барои худ гўспандон намехарӣ.

- Кӣ инро ба шумо гуфт?- Ҳайратзада суол кард Сантяго.

-Мактуб,- ҳамин қадар гуфт Савдогари пиракии булўр.

Ва даст кушода дар ҳаққи ҷавон дуо кард.

Сипас Сантяго ба ҳуҷраи худ омада, чизҳои пасандозкардаашро ғундошт - се халта пур шуд. Танҳо вақти аз дар баромадан дар кунҷи кулба тўрбаи кўҳнаи чўпонии худро дида монд, ки кайҳо боз ба чашмаш нафуромада буду аз хотири соҳибаш фаромўш гашта. Дар он пўстинча ва китобаш мехобиданд. Ў пўстинчаро кашида гирифт, то ки дар кўча ба ягон писарбача бидиҳад ва ин лаҳза ба рўи фарш ду адад санг ғелон шуданд - Урим ва Туттим.

Ин дам ҷавон шоҳи пирро ба ёд оварда, худ ҳайрон шуд, ки ин қадар мўҳлат вай ба хотираш нарасидааст. Як соли расо ба

кори бетанаффус масраф шуд ба мақсади ягона - маблағ ғундоштан, то ки ба Испан ду даст ба бинӣ наравад.

«Ҳеҷ гоҳ аз орзуи худ даст набардор,- мегуфт ба ӯ Мелҳисиддиқ. - Ба аломатҳо пайравӣ бикун».

Ҷавон сангҳоро аз фарш бардошт ва ин лаҳза ӯро боз эҳсоси аҷибе фаро гирифт: гӯё мӯйсафед дар ҳамин наздикиҳост. Як соли расо бо меҳнати пурмашаққат сипарӣ шуд, акнун бошад, аломатҳо далолат ба он мекунанд, ки вақти рафтан расидааст.

«Ман дубора мисоли он мешавам, ки пештар будам, - андешид ӯ, - вале гӯспандон маро ба гуфтори арабӣ омӯхта наметавонанд».

Воқеан, гӯспандон ӯро ба дигар чизи муҳимтар омӯхта карда буданд: ба он чиз, ки дар олам забоне мавҷуд аст, ба ҳамагон мафҳум. Ва тамоми дарозои ин сол Сантяго бо ҷаҳду ҷадали равнақ бахшидани тиҷорат маҳз бо ҳамон забоне сухан мекард, ки ба ҳама фаҳмо буд. Ин забони руҳбаландӣ, забони амалҳое буд, ки бо меҳру муҳаббат ва мароқи беандоза иҷро карда мешаванд, ба хотири оне, ки бовараш дорӣ ва ё бо дилу ҷон мехоҳияш, карда мешаванд. Танҷер дигар барояш бегона нест ва ҷавон дарк мекард, ки акнун тамоми олам ба ӯ ром мешавад, чунонки ин шаҳр ром гардид.

«Агар ту ягон чизро бихоҳӣ, тамоми Чархи Гардун мусоидат бар он мекунад, ки хоҳишат ба ҷо ояд»,- чунин мегуфт Меҳлисиддиқи мӯйсафед.

Вале на дар бораи роҳзанон, на биёбони нопайдоканор, на дар хусуси одамоне, ки орзу намоянд ҳам, амалӣ сохтани онро намехоҳанд, мӯйсафед як калима ҳам нагуфта буд. Вай ба ӯ нагуфта буд, ки аҳромҳо ин ҳамагӣ тӯдаи сангҳо бошаду ҳар кӣ, кадом вақте ки дилаш ҷӯяд, дар боғи худаш онро бунёд карда метавонад. Шоҳи пир ба ҷавон гуфтанашро фаромӯш намуд, ки ҳангоми дар дасташ ғун шудани пули гӯспандҳо ӯ ин ҷонварҳоро хариданаш лозим меояд.

Сантяго тӯрбаашро гирифта, болои чизҳои дигараш илова намуд. Бо зинапоя поён фуромад. Хӯҷаин ба зану шавҳари аҷнабие машғули хизмат буд, боз ду харидори дигар дар дӯконча гаштугузор доштанду аз ҷомҳои булӯрӣ чой меошомиданд. Барои Танҳо ҳамин вақт Сантяго ногаҳон мушоҳида намуд, ки мӯйҳои хӯҷаин мӯйсари Мелҳисиддиқро ба ёд меоваранд. Ба ӯ субҳдами нахустини Танҷер хотиррас шуд, ки он вақт ба куҷо рафтан ва чӣ хӯрданашро намедонист, чӣ гуна табассум кардани қандалотчӣ

хотиррас шуд, ки ин табассум ҳам шоҳи пирро пеши назараш меовард.

«Гӯё Мелҳисиддиқ ин ҷойҳо гаштугузор дошту дар ҳама чиз изу нишонаҳои ҳузури худро гузошт,- андешид ҷавон. -Гӯё ҳамаи он одамон дар ким-кадом лаҳзаи умрашон, аллакай бо ӯ вохӯрда буданд. Охир, худи ӯ ба ман гуфта буд, ки ҳамеша ба касоне аён хоҳад шуд, ки аз паи Тақдири худ бошанд».

Бидуни хайрухуш рафт ӯ - намехост, ки назди бегонаҳо гиря бикунад. Лекин ӯ мефаҳмид, ки ин ҳамаро пазмон мешавад, он ҳама корҳои оличаноберо пазмон мешавад, ки дар ин ҷо омӯхт. Ӯ дар ниҳодаш боварӣ ба хештан ва хоҳиши фатҳи оламро соҳиб шуд.

«Охир, ман ба ҷойҳои шинос барои гӯспандбонӣ меравам»,- аз фикр гузаронид ӯ, лекин аз чӣ бошад, ки ин қарори гуворо маъқулаш нашуд. Як соли расо заҳмат кашид, то ки орзуяшро ҷомаи амал пӯшонад, вале ин ормон лаҳза ба лаҳза ҷозибаашро гум мекунад. Шояд ин орзу ҳам набошад?

«Шояд Савдогари булӯр барин шавад? Худди вай барин тамоми умр орзуи Макка карда, ҳеҷ ба роҳ набарояд?» - аз хаёл гузаронд ӯ, вале сангҳо, ки дар даст медошт, гӯё ба вай нерӯ ва ҷасорати шоҳи пирро бахшиданд.

Бо тасодуфи аҷиб - ё ҳамин буд аломат - ӯ ба ҳамон ошхонае ворид гардид, ки рӯзи нахустини ба Танҷер омаданаш, даромада буд. Албатта, он қаллоб набуд. Хӯҷаин як пиёла чой овард.

«Ба чӯпонӣ кай хоҳам, баргашта метавонам,- сари чой хаёл кард Сантяго. -Ман гӯспандонро бонӣ карда, пашмашонро тарошида метавонам ва бо ин роҳ ҳамеша пул ёфтанам мумкин. Вале имконияти дигари ба аҳромҳо расидан шояд даст надиҳад. Мӯйсафеди соҳиби чороинаи тиллоӣ ҳамаи таърихи маро медонист. Ба ман шоҳи ҳақиқӣ дучор гардид, бар заммаш - ҳакими доно».

Ҳамагӣ ду соатина роҳ ӯро аз водии Андалус ҷудо мекард, миёни ваю аҳромҳо бошад, биёбони беканор мехобид. Вале ӯ фаҳмид, ки ба ин каму беш дигаргуна ҳам назар метавон кард: роҳ сӯи ганҷина дусоатина кӯтоҳ гашт, ҳарчанд ӯ дар ин ҷода як соли расо аз даст дод.

«Чаро ман ба назди гӯспандонам баргаштан мехоҳам - ин маълум: чунки онҳоро медонам, дӯсташон медорам ва ташвишашон ҳам камтар. Лекин, ана, ҳамон биёбонро ҳам дӯст доштан мумкин ё на? Охир, маҳз биёбон ганҷинаи маро пинҳон медорад. Агар

онро пайдо карда натавонам, ба хона бармегардам. Модомки ҳоло ҳамин хел шудааст, ки ҳам пул дораму ҳам вақт, чаро бахтамро насанҷам?».

Дар ин лаҳза ӯ хушҳолии бемисле эҳсос намуд. Роҳ ҷониби чӯпонӣ барояш ҳамеша боз аст. Ғайри ин худаш метавонад, ки кай хоҳад, ба савдои булӯр машғул бишавад. Албатта, дар олам ганҷинаҳои ниҳонӣ кам нестанд, лекин маҳз барои ӯ, на ба ягон каси дигар як хоб ду маротиба ҳодис шудаасту мулоқот бо шоҳи пир муяссар гаштааст.

Ӯ аз ошхона аз худаш шоду ризо баромад. Ба хотир овард, ки яке аз тоҷирон ба хӯҷаинаш булӯрро тавассути корвон биёбонро убур карда меовард. Сантяго дар дасташ Урим ва Туммимро сахт пахш кард - ба шарофати ин сангҳо ӯ боз қарор дод, ки аз паи ганҷинааш равад.

«Ман ҳамеша ҳамроҳи он касоне ҳастам, ки аз паи Тақдири худ ҳастанд», -ба хотираш омад суханони Мелҳисиддиқ.

Кори аз ҳама осон: ба анбори тоҷирон рафта, пурсидан даркор, ки то аҳромҳо роҳ дурандароз гуфтанашон рост аст оё?

Хонае, ки Британӣ менишаст, бештар оғилро ба хотир меоварду бӯи арақи тан ва чангу ғубор ва ҳайвонот ба машом мезад. «Даҳ сол зарур буд магар, ки дар ин мағок ҷой гирад кас»,- хаёл мекард вай маҷаллаи оид ба кимиёро варақгардон намуда.

Вале аз ин роҳ гаштан имкон надошт. Мебоист аз паи аломатҳо мерафт. Вай тамоми умри хешро ба он бахшид, ки ҳамон забони ягонаеро кофта биёбад, ки тамоми Чархи Гардун ба он ҳарф мезанад - ана, барои ҳамин хонд. Дар аввал вай ба эсперанто* мароқ зоҳир намуд, баъд ба омӯзиши динҳои олам пардохт ва оқибат ба кимиёгарӣ рӯй овард. Мана, акнун вай озодона ба эсперанто сухан мекунад, таърихи динҳоро комилан медонад ва фақат, алҳол кимиёгари ҳақиқӣ шуда натавонистааст. Ҳа, албатта. Ба вай баъзе сирру асрорҳо кушода шудаанд, вале ҳозир дар як ҷо шах шуда мондааст ва дар таҳқиқоташ, ақаллан ягон ваҷаб пеш рафта наметавонад. Сахт кӯшид, ки аз ягон кимиёгари дигар кӯмак бигирад - онҳо одамони дарундору хаппак ва аҷоибхилқат баромаданд, ҳамаашон фақат дар бораи манфиати худ фикр мекунанд, аз ин хотир кӯмак ва ё маслиҳатро умедвор шуданаш аз эшон беҳуда аст. Ин ҳама шояд танҳо ба он сабаб бошад, ки касе аз онҳо асрори Санги Фалсафиро сарфаҳм нарафтааст?

*Эсперанто - забони сунъие, ки мутахассисон ба сифати забони умумибашарӣ ихтироъ кардаанд.

Британӣ, аллакай як қисми мероси падарашро ба ҷустуҷӯҳои бесамари худ масраф намуд. Вай дар беҳтарин китобхонаҳои олам муш барин кофт, китобҳои нодиртарин ва аз ҳама муҳимтарини соҳаи кимиёгариро пулҳои калон сарф карда, харида гирифт. Дар яке аз чунин китобҳо дар бораи як тан кимиёгари номии араб маълумот пайдо кард, ки чандин сол пеш ба Аврупо ташриф фармуда будааст; дар борааш овозаҳо паҳн мешуд, ки умри беш аз дусадсола доштаасту Санги Фалсафиро дарёфта, Иксири ҳаётро ҳам кашф карда тавониста будааст ин ҳама овозаҳо, албатта, ҳаяҷонбахшанд, лекин барои Британӣ афсона барин мондан мегирифтанд, агар як тан аз дӯстонаш баъди бозгашт аз кофтуковҳои археологии биёбон ба вай нақл намекард, ки араберо он ҷо дидааст, бо қобилиятҳои ғайритабиӣ. Ӯ дар ободони Ал-Фаюм мезистааст. Мувофиқи овозаҳо дусадсола аст ва ӯ метавонад, ҳама фулузотро ба тилло табдил диҳад.

Британӣ худи ҳамон дам тамоми корҳо ва мулоқотҳояшро боздошта, аз китобхонаи шахсиаш заруртарин лавозимотро ба худ гирифт - ва мана, ҳоло дар ин ҷо дар хонаи тахтагии оғилмонанд қарор гирифтааст, дар қафои ин девор бошад, корвони калоне, ки тавассути Саҳара рафтанист ва дар роҳи он ободони Ал-Фаюм қарор дорад.

«Ман бояд бо чашмони худ ба ин кимиёгари зормонда бингарам»,- андешид Британӣ ва бӯи димоғсӯзи шутурҳо дар ин лаҳза барояш он қадар тоқатнопазир ҳам нанамуд.

Ин дам наздаш араби ҷавони борхалта дар тахтапушт омад ва салом дод.

-Шумо ба куҷо равонаед?- пурсид ӯ.

-Ба биёбон, - ҷавоб дод Британӣ ва дубора ғарқи хондан шуд.

Ба гӯшаш, ҳатто, овози булбул намефорид ин дам: тамоми он чизҳоеро, ки дарозои даҳ сол хондааст, ба ёд оварданаш лозим буд; эҳтимол кимиёгар дониши вайро санҷиданӣ мешавад.

Дар ин фосила ҷавон нишаста, аз тӯрбааш китоб гирифт ва ӯ ҳам ба мутолиа пардохт. Британӣ мушоҳида намуд, ки он ба забони испанӣ аст.

«Аллакай ганда не», - андешид вай, зеро ҷавон аз арабии худаш дида ба испанӣ беҳтар ҳарф мезад.

Агар ин ҷавон ҳам ба Ал-Фаюм мерафта бошад, дар вақтҳои холӣ бо ӯ сӯҳбат кардан мумкин мешавад.

«Аҷоиб, - ҳамзамон меандешид Сантяго саҳнаи ҷанозаро, ки китоб бо он оғоз меёфт, дубора хонда. - Мана, аллакай қариб

ду сол мешавад, ки дар ҳамин саҳифаи якуми ин китоб занҷирбанд шудаам гӯё».

Ин навбат дар паҳлӯяш шоҳ Мелҳисиддиқ набуд ва бо вуҷуди ин ҷавон аз вартаи парешонӣ баромада наметавонист. Боз андешаҳое халалаш мерасониданд, ки қарори қабулкардааш дуруст буд магар. Лекин Сантяго чизи асосиро мефаҳмид: дар ҳама гуна амал қарори қабулшуда танҳо оғоз асту бас. Вақте инсон ба иҷрои амале қарори қатъй интихоб менамояд, гӯё ба ҷараёни пурғалаёне ғӯта мезанад, ки он ӯро ба ҷое бурда метавонад, ки ба хаёлаш ҳам наоварда буд.

«Ба ҷустуҷӯи ганҷина равона шуда, ман гумон ҳам карда наметавонистам, ки дар дӯкони Савдогари булӯр кор хоҳам кард. Айнан мисоли ҳамин, шояд ин корвон интихоби ман, қарори ман бошад, лекин роҳи он пӯшида мемонад».

Дар паҳлӯяш аврупой менишаст, вай ҳам ғарқи китобхонӣ буд. Ба назари Сантяго ситорахунук намуд: вақте ҷавон ба ин оғилхона даромад, вай сӯяш назари душманона афганд. Хайр, ин ҳеҷ гап не- онҳо аздусар шинос мешуданд, агар вай ҳанӯз дар оғоз ба сӯҳбат нуқта намегузошт.

Ҷавон китобро пӯшид - намехост, ки ба ин аҷнабӣ бо ягон рафтораш монанд бошад - сипас аз киса сангҳоро бароварда, онҳоро дар даст бозӣ доштан гирифт.

-Урим ва Туммим!- худи барқ задагӣ барин шах шуд аврупой. Сантяго саросема онҳоро пинҳон кард.

-Намефурӯшам,- гуфт ӯ.

-Хайр, онҳо-ку чандон қимат нестанд, - ҷавоб дод вай.- Минералҳои муқаррарӣ, ягон хосияти фавқулодда надоранд. Дар олам ин хел сангҳо бешумор, аммо шахси огоҳ ҳамоно Урим ва Туммимро мешиносад. Лекин ман гумон намекардам, ки онҳо дар ин кишвар вомехӯранд.

-Ба ман инҳоро шоҳ ҳадя кард,- ҷавоб дод ҷавон.

Аҷнабӣ гӯё қобилияти гуфтор гум карда бошад, бо дасти чап аз киса ду дона сангро баровард, ки айнан азони Сантяго барин.

-Ту бо шоҳ сӯҳбат кардӣ? - базӯр пурсид вай.

-Набошад чӣ. Ба ту тасаввур кардан мушкил, ки шоҳон бо чӯпон сӯҳбат мекунанд, - гуфт Сантяго, ки хоҳиши давом додани сӯҳбат дар дилаш фурӯ нишаста буд.

-Чаро, охир? Тасаввур карданам мумкин. Чӯпонҳо нахустин шуда Шоҳро шинохта, тан доданд, он вақт Ӯро дар олам ҳанӯз касе намедонист. Маҳз дар он ки шоҳон бо чӯпонҳо муошират

карда бошанд, аҷоибате нест, - ва Британӣ афзуд аз тарси он ки ҷавон андешаашро сарфаҳм нарафт: - Дар ин хусус дар Инҷил, аз ҳамон китобе, ки ман дар бораи Урим ва Туммим огоҳ шудам, хондан мумкин аст. Худованд иҷозат дод, ки танҳо тавассути ҳамин сангҳо фол бубинанд. Уламои соҳа онҳоро дар чороина, яъне ҷавшани заррини саридилиашон нигоҳ медоштанд.

Акнуӣ Сантяго пушаймон набуд, ки ба ин анбор омадааст.

-Шояд ин аломат бошад, - пичиррос зад Британӣ, гӯё, ки андешаи босадо мекарда бошад.

-Дар бораи аломатҳо ба ту кӣ гуфт?- шавқи Сантяго лаҳза ба лаҳза афзун мешуд.

-Дар олам ҳама чизҳо аломатанд,- гуфт Британӣ маҷалла ба як сӯ гузошта. -Замонҳои хеле пеш мардум ба як забон гуфтугӯ мекарданд ва раво-раво онро фаромӯш сохтанд. Ана, ҳамин Забони Ягонаро низ, ғайри корҳои дигар, ҷустуҷӯ дорам ман. Ман бояд одамеро ёбам, ки бо Забони Ягона балад бошад. Кимиёгарро.

Сӯҳбати онҳоро пайдо шудани араби ғафсе - хӯҷаини анбор буррид.

-Омад кард ба шумо,- гуфт араб. - Имрӯз баъди чоштгоҳ ба Ал-Фаюм корвон ба роҳ мебарояд.

-Охир, ба ман ба Миср лозим!- даступохӯрон бонг зад Сантяго.

-Ана, дар ҳамон Мисри ту воқест Ал-Фаюм. Ту аслан аз куҷоӣ?

Сантяго посух дод, ки аз Испан аст. Британӣ хушҳол шуд: араб барин либос пӯшида бошад ҳам, хайрият, ки аврупоӣ будааст.

-Вай аломатҳоро омад мегуфтааст,- изҳор намуд ӯ, вақте ки хӯҷаини анбор бадар рафт. -Агар ман дар бораи вожаҳои «барор, омад» ва «тасодуф» китоб навиштанӣ мешудам, қомуси бузурге мешуд. Маҳз аз чунин калимаҳо Забони Ягона иборат аст.

Ва афзуд, ки вохӯрии вай бо Сантяго, ки ӯ ҳам Урим ва Туммим доштааст, гумон аст, ки тасодуфи оддӣ бошад. Пас фаҳмиданӣ шуд, ки баногоҳ-ку ҷавон ҳам дар ҷустуҷӯи Кимиёгар нест.

-Ман ганҷина меҷӯям,- гуфт ӯ ва ба худ омада, забон газида монд.

Лекин Британӣ, аз афташ, ба гапи ӯ аҳамият надод ва фақат гуфт:

-Агар дигархелтар карда гӯем, ман ҳам.

-Ман тамоман сарфаҳм намеравам, ки кимиё чӣ бошад,- гуфт Сантяго ва ин ҳангом аз берун садои номи онҳоро гирифтани соҳиби анбор баланд шуд.

-Сорбони ин корвон манам, - дар рӯи ҳавлӣ ба онҳо таъкид намуд одами ришдарози сиёҳчашм. - Дар дастам ҳаёту мамоти ҳамаи он касонест, ки бо ман рафтан мехоҳанд - чунки биёбон айёшу хирадрабо аст ва бисёр шудааст, ки одамонро аз ақл бегона месозад.

Барои ба роҳ баромадан тахмин дусад нафар омодагӣ медиданд, уштуру аспу харҳо қариб дучандони одамон буданд. Азони Британӣ якчанд ҷомадони бо китобҳо пуркарда будааст. Дар рӯи ҳавлӣ занону бачагон ва мардони шамшердор ва милтиқи дароз дар тахтапушт тӯда-тӯда тараддуд доштанд. Ғавғои ҳамагон он қадар баланд буд, ки ба Сорбон лозим омад, гапашро чанд маротиба такрор бикунад.

-Ин ҷо одамони гуногун ҷамъ омадаанд ва онҳо ба худоҳои мухталиф саҷда меоваранд. Ман фақат ба Аллоҳ хидмат мекунам ва бо номи поки Ӯ савганд мехӯрам: ман тамоми ҷораю тадбирҳоро меандешам, ки иншооллоҳ, ин карат ҳам биёбонро тасхир хоҳам кард. Акнун бигзор ҳар кадоме аз шумо бо номи худое, ки эътиқод ба он дорад, қасам бихӯрад, ки дар ҳама гуна вазъият дар итоати ман мемонад. Дар биёбон саркашӣ кардан марг аст.

Ғулғулаи овозҳо бар фалак печид - ин тариқа ҳар кадом ба худои худ рӯи ниёз меоварад. Сантяго бо номи Масеҳо савганд ёд кард. Британӣ дам истод. Ин маърака аз он ки барои қасамхӯрӣ лозим бошад, хеле тӯл кашид, мардум аз осмон паноҳу ёрӣ металабиданд.

Сипас нидои дурандарози карраной баланд гардид ва ҳамагӣ ба зин нишастанд. Британӣ ва Сантяго, ки барои худ уштур харида буданд, илоҷе карда, хештанро болои онҳо гирифтанд. Ҷавон медид, ки ҳамроҳаш чӣ гуна ба ҳайвони бечора кӯҳи ҷомадонҳоро бор карда, худаш ҳам дар миёна ҷойгир шуд, дилаш ба ҳоли махлуқ сӯхт.

-Ҳарчӣ ҳам бошад, ягон хел тасодуф вуҷуд надорад,- гӯё сӯҳбати пешинаро идома медода бошад, гуфт Британӣ. - Ман ин ҷо омадам, барои он ки як дӯстам дар бораи арабе шунида...

Вале гапи вай дар ғавғою талотӯби корвони ба роҳдаромада гирифтор омада, гӯшнорас гардид. Вале Сантяго нағз медонист, ки Британӣ чиро дар назар дошт: занҷири асроромези бо ҳам пайванд будани воқеаю аҳодис вуҷуд дорад. Маҳз ҳамон ӯро водор сохт, ки чӯпонӣ пеша намояд, як хобро ду маротиба бубинад, дар қарибии соҳилҳои африқой қарор пайдо карда бошад, дар шаҳраки Тариф шоҳро вохӯрад, қурбони қаллоб шавад, дар дӯкончаи булӯрфурӯшӣ мардикорӣ намояд ва...

«Бо Роҳи худ ҳар қадар пештар рафтан гирӣ, он беш аз пешина рӯшантар зиндагиатро муқаррар кардан мегирад»,- андешид ҷавон.

Корвон ҷониби шарқ ҳаракат мекард. Саҳарии барвақт ба роҳ медаромаданду баъди ба қиём расидани офтоб истироҳат ихтиёр менамуданд ва каме паст шудани тафси ҳаворо мунтазир шуда, дубора дар роҳ мешуданд. Сантяго бо Британӣ кам гап мезад; вай қариб, ки аз китобҳои худ сар намебардошт.

Ҷавон хомӯшона ҳамсафарони сершуморашро муоина менамуд. Акнун эшон ба онҳое монанд набуданд, ки пеш аз оғози сафар ба назар мерасиданд. Он гоҳ арбадаю саросемагӣ ҳукмрон буд: доду вовайлои кӯдакон ва шиҳаи аспон бо нидоҳои пурҳаяҷони тоҷирону посбонон омехта, шӯре ҳосил мекард. Дар ин ҷо, дар биёбон бошад, хомӯширо танҳо ҳуштаки абадии шамол ва ғичирроси реги зери пои ҳайвонот халалдор мекарду бас. Ҳатто, посбонҳо мӯҳри хомӯшӣ бар лаб зада буданд.

-Ман ин регҳоро борҳо убур кардаам,- боре шабона як посбон ба дигаре мегуфт. - Вале биёбон он қадар бузург ва фаронопазир аст, ки бидуни ихтиёр худатро як зарраи рег эҳсос мекунӣ. Донаи рег бошад, на забон дораду на чашм.

Сантяго гуфтаи посбонро сарфаҳм мерафт, ҳарчанд ки дар биёбон бори нахуст гом мениҳод. Худи ӯ ҳам ба баҳр ё оташ нигариста, соатҳои дароз чизе бар забон ронда наметавонист, фикру хаёл ҳам карда наметавонист ва гӯё дар нерӯи бениҳояти унсури табиӣ ҳал шудаву омезиш ёфта мерафт.

«Ман аз гӯспандон сабақ гирифтам, аз булӯр омӯхтам,- меандешид ӯ.- Акнун маро биёбон дарс мегӯяд. Ба назарам, биёбон аз ҳама қадимтарин мавҷудоти олам аст ва аз ҳама чизҳои пештар дидаам, донотару оқилтар менамояд».

Шамол бошад, дар ин ҷо ягон лаҳза қарор намегирифт ва Сантяго ба хотир овард, ки ҳини дар манораи Тариф истоданаш нерӯи онро эҳсос карда буд. Ҳамин шамол бояд, ки пашми гӯспандҳои ӯро, ки дар чарогоҳҳои Андалус дар суроғи обу алаф пай мезаданд, маҳин-маҳин сила мекард.

«Акнун онҳо азони ман нестанд,- фикр кард ӯ, начандон ғамгин шуда.- Шояд маро фаромӯш карда, ба чӯпони нав одат кардагистанд. Хайр, майлаш. Гӯспандҳо, мисоли ҳар каси кӯчӣ, нағз медонанд, ки ҷудой ногузир аст».

Ин дам ба хотираш духтари пашминафурӯш омад. Бояд, ки вай аллакай ба шавҳар баромада бошад. Ба кӣ? Шояд ба

савдогари охтелпак? Ё ба чўпоне, ки вай ҳам хондаю воқеаҳои аҷоибро ҳикоят карда метавонад. Сантяго баринҳо кам нестанд, албатта. Он чизе, ки ба воқеъ шуданаш, аз чӣ бошад, эътиқод дошт, ба ҷавон таассуроти калон бахшид: шояд ў ҳам Забони Ягонаро аз худ кардааст ва акнун оянда ва гузаштаи ҳамаро дар олам медонад? «Эҳсоси пешакӣ» - ин хислатро модараш чунин меномид. Ҳоло ў мефаҳмид, ки ин ба ҷараёни умумиоламӣ босуръат ғўта задани рўҳ аст, дар ин ҷараён тақдири ҳамаи одамон байни ҳам пайванд мебошад. Ба мо насиб кардааст, ки ҳама чизро донем, зеро ҳама чиз пешакӣ навишта шудааст.

-Мактуб, сарнавишт,- пичирроз зад ҷавон, Савдогари булўрро ба ёд оварда.

Баъзан биёбони регӣ ба сангзор мубаддал мешавад. Агар сари роҳи корвон теппаяки сангӣ бaрояд, онро тай мекарданд ва агар майдони сангреза фарохтар пеш ояд, ночор давраш зада мегузаштанд. Агар рег ордосову мулоим бошад, дар он пойҳои уштурон ғўтида дармемонд, роҳи дигар меҷустанд. Гоҳо зери по шўрзамин вомехўрд, маълум, ки як замонҳо ин ҷо кўл будааст ва ҳайвоноти боркаш шикоятомез нидо мебароварданд. Уштурбонҳо ба тараддуд омада, онҳоро хорумолкунон каме ором менамуданд ва даррав борро бар дўши худ гирифта, танҳо баъди паси сар шудани ин қисмати хиёнатгари роҳ борҳоро болои уштуру аспҳо баргашта мегузоштанд. Ва агар уштурбон нотоб мешуд, рафиқонаш қуръа мепартофтанд: уштури вай ба кӣ сарборӣ хоҳад шуд.

Ба ҳамаи ин корҳо сабаби ягона буд: корвон чӣ қадаре ки чарх назанад ва самти ҳаракаташро дигар насозад, он ҳатман ҷониби мақсад пеш мерафт. Саддҳои ногаҳониро паси сар намуда, дубора бо нишондоди ситора тарафи ободон ҳаракат мекард. Одамон саҳаргоҳон чун медиданд, ки он пеши назарашон рўшноӣ мекунад, мефаҳмиданд, ки ситораи раҳнамо эшонро ба он ҷое мебарад, ки дар он ҷо салқинӣ, об, нахлҳо ва истироҳат хоҳанд ёфт. Аз афташ, фақат як Британӣ ба китоби навбатиаш ғўта хўрда, чизеро тахмин намекард.

Рўзҳои аввал Сантяго низ кўшиш кард, ки бо китобхонӣ машғул шавад. Вале сонитар фаҳмид, ки гирду атрофро тамошо кардан ва ба оҳанги шамол гўш додан шавқовартар аст. Ў фаҳмидани уштури худро ёд гирифт ва ба он дил баст ва дертар аз баҳри китоб тамоман гузашт карда, онро партофт: бори зиёдатӣ. Воқеан, ў мисли пешина мўътақид буд, ҳамин ки китоберо кушодӣ, дар он ҳатман ягон чизи аҷоибро дармеёбӣ.

Кам-кам бо Уштурбони аз паҳлӯяш мерафтагӣ унс гирифт ӯ. Шабонгоҳон, вақте ки бозистода, гулхан мегиронианд, Сантяго ба вай аз ҳаёти чӯпонии худ ҳар гуна воқеаҳоро нақл карда медод.

Боре Уштурбон дар бораи худаш ба ҳикоят пардохт.

-Ман дар деҳачаи дар қарибии Ал-Кайрум воқеъбуда зиндагӣ мекардам. Хонаю боғ доштаму аҳли аёл ва ҳамин тариқа ман метавонистам, ки то охири умр беғамона зиндагӣ кунам. Ҳатто, боре вақти серҳосил омадани сол мо тамоми аҳли оила ба зиёрати Макка шарафёб шудем, ҳамин тариқа ман вазифаи мусулмониро ба ҷо овардам ва дигар метавонистам, бо виҷдони пок аз дунё биравам. Ман аз ҳама чиз розӣ будам.

Лекин боре замин сахт ҷунбида, Нил аз соҳилҳояш берун гардид. Бадбахтии ба назарам гӯё бегона акнун ба ман ҳам часпида буд. Ҳамсояҳо хавотир буданд, ки аз обхезӣ нахлистонҳояшон зарар набинад, занам бошад, аз ғами бачагонамон хун мехӯрд. Ман бо даҳшат наззора мекардам, ки чӣ хел пеши назарамон ҳама неъматҳои ғундоштаамон бар коми бетаги дарё меравад.

Баъди он замин аз ҳосил монд. Ба ман лозим омад, ки бо дигар роҳ зиндагиро биҷунбонам. Ҳамин тариқа ман дар корвонҳо уштурбон шудам. Ана, ҳамон вақт моҳияти каломи Худованд бароям рӯшан гардид: аз чизи номаълум набояд тарсид, зеро ҳар киро қобилият додаам, чизеро хоҳад, ба даст оварад ва чизеро соҳиб шавад, ки эҳтиёҷ бар он дорад.

Ҳамаи мо аз бохтани он чизҳое метарсем, ки дар даст дорем, - бигзор, он киштзорон бошад ва ё худи умрамон. Ин тарс ҳамоно барҳам мехӯрад, агар дарк бинмоем, ки ҳам тақдири мо ва ҳам таърихи олам бо як даст навишта мешаванд.

Баъзан ду корвон ба ҳамдигар дучор меомаданд. Ва ягон боре тасодуф нашуда буд, ки ҳамагуна чизҳои мӯҳтоҷбудаи аҳли як корвон дар мусофирони корвони дигар ҳатман набошад. Гӯё, ки дарҳақиқат ҳам дар олам кулли чизҳо бо як даст навишта шуда бошад. Уштурбонон атрофи гулхан қурра зада менишастанду ба якдигар дар хусуси бӯронҳо нақл менамуданд, мушоҳидаҳояшонро нисбати хислату рафтори биёбон муовиза мекарданд.

Гоҳе дар сӯҳбатҳои атрофи гулхан бодиягардони пурасрор ҳам аз куҷое пайдо гашта, ҳамроҳ мешуданд. Онҳо роҳи пешгирифтаи корвонро то майдатарин ҷузъиёташ медонистанд. Ҳамин эшон ҳушдор медоданд, ки дар куҷоҳо аз ҳуҷуму зарбаҳои роҳзанон

ва қабилаҳои ваҳшӣ эҳтиёт бояд шуд ва чӣ тавре ки пайдо шуда бошанд, ҳамон тариқа ноаён дар торикистон нопадид мегаштанд.

Дар яке аз ҳамин гуна шомгоҳон Уштурбон ба гулхане, ки атрофаш Сантяго ва Британӣ менишастанд, наздик омад.

-Дар бораи ҷанги қабилаҳо овоза ҳаст,- хабар дод ӯ.

Дар хомӯшии ҳукмроншуда Сантяго эҳсос намуд, ки чӣ гуна дар ҳаво дар ҳақиқат бӯи хатари мӯҳлик пайдо шуд. Бори дигар ӯ эътимод ҳосил намуд, ки Забони Ягонаро сарфаҳм мерафтагӣ шудааст.

Хомӯширо Британӣ вайрон намуда, изҳори ақида кард, ки ин хатар барои корвон то чӣ андоза таъсире дошта метавонист.

-Гоҳе ки ба биёбон роҳӣ шудӣ, бозгашт ба қафо буда наметавонад,- ҷавоб дод Уштурбон. Яъне илоҷи ягона мемонад, ки фақат ба пеш ҳаракат намоӣ. Боқиро ба ҷои мо Аллоҳ ҳал хоҳад кард, худи ӯ аз сарамон балоро дур хоҳад намуд. Мактуб - Сарнавишт, - ин вожаҳои пурасрорро бар забон ронда, бозгашт рафт.

-Беҳуда ту ба дигаргуниҳое, ки бо корвон рух дода истодаанд, эътибор намедиҳӣ, - гуфт Сантяго ба Британӣ. -Нағзакак нигоҳ кун: корвон чӣ қадар печ мезада бошад ҳам, он бемайлон сӯи мақсад ҳаракат менамояд.

-Ту бошӣ, беҳуда дар хусуси чӣ будани олам ва чӣ ҳодисаҳое дар олам рӯй медиҳанд, мутолиа намекунӣ,- посух дод вай. Китобҳо аз ин нуқтаи назар ба корвонҳо шабоҳат доранд.

Одамон акнун, баробари ҳайвонот, тезтар ҳаракат мекарданд. Агар онҳо пештар рӯзҳоро бо хомӯшӣ сипарӣ намуда, танҳо вақти атрофи гулханҳо ҷамъ шудан ба гуфтугузор мепардохта бошанд, акнун шабонгоҳон низ ба хомӯшистон табдил ёфта буданд. Дертар Сорбон гулханафрӯзиро ҳам манъ намуд: онҳо метавонистанд, ба худ диққати роҳзанонро ҷалб бикунанд.

Барои аз хунукӣ каме эмин гаштан мусофирон уштуру аспонро доирасон хобонида, худҳошон дар миёна рахти хобашонро таҳия мекарданд. Сорбон посбонҳоро таъин намуд, ки яроқ дар даст мусофирони ғафлатзадаро муҳофизат бикунанд.

Шабонгоҳе Британиро хоб гурехта буд. Вай Сантягоро чеғ зад ва ҳарду дар атрофи истгоҳашон ба сайр баромаданд. Моҳтоби пурра рӯшаноӣ мекард ва Сантяго аҳд намуд, ки ба шарикаш тамоми саргузашти худро нақл карда диҳад.

Ба Британӣ, бахусус, ҳамон қисматаш писанд омад, ки оиди комёбиҳои дар дӯкони булӯрфурӯшӣ баъди дар он ҷо ба кор пардохтани ҷавон рӯй дода буданд.

-Ана, кадом чиз Оламро ба ҳаракат меоварад,- гуфт ӯ. -Дар кимиёгарӣ ин Рӯҳи Олам ном гирифтааст. Ҳангоме ки ягон чизро бо тамоми дилу ҷон мехоҳӣ, он гоҳ бо Рӯҳи Олам пайванд мешавӣ. Дар ӯ бошад, нерӯи бузург ниҳон аст.

Ва афзуд, ки ин хосият танҳо ба инсон хос набудааст. Ҳама чизи олам санг аст он ё рустанӣ, ҳайвон ва ҳатто тафаккур, яъне хаёли мо ҷон дорад.

-Тамоми чизҳои дар замин мавҷудбуда пайваста дигаргун шуда меистанд ва худи замин ҳам зинда аст ва соҳиби рӯҳу ҷон мебошад. Ҳамаи мо ҷузъи ҳамин Рӯҳ ҳастем ва бинобар ин ба худ иқрор намекунем, ки ин Рӯҳ мудом дар ҳаққи мо чӣ некуиҳое ва чӣ ғамхориҳое зоҳир менамояд. Лекин ту, вақте ки дар дӯкон заҳмат мекашидӣ, мебоист дарк менамудӣ, ки ба комёбиҳоят, ҳатто булӯр мусоидат мекард.

Сантяго гоҳ ба бадри мунир ва гоҳе ба реги нуқрасон назар дӯхта, ба мулоҳизаҳои вай хомӯшона гӯш мекард.

-Ман дидам, ки корвон чӣ гуна аз дили биёбон меравад,- оқибат гуфт ӯ. - Корвон бо биёбон бо як забон гуфтугӯ менамояд, аз ҳамин аст, ки он барояш роҳро боз месозад. Биёбон ҳар қадами онро тафтиш мекунаду месанҷад ва фақат ҳамон даме, ки мӯътақид мешавад, ки ин гомҳо комилан ҳамоҳанги ӯянд, корвонро ҷониби ободон роҳ медиҳад. Вале оне, ки ҳар қадар ҷасуру тавоно ҳам бошаду ба ин забон балад нест, ҳанӯз дар нахустин рӯзи ба роҳ баромадан ҳалок мешавад.

Акнун ҳарду ба моҳтоб дида медӯхтанд.

-Ана, худи ҳамин санъати аломатҳост,- идома дод Сантяго. - Ман мебинам, ки чӣ тавр роҳбаладон аломатҳои биёбонро мехонанд - ин рӯҳи корвон бо рӯҳи биёбон дар муоширату гуфтугӯ аст.

Пас аз хомӯшии тӯлонӣ оқибат Британӣ ҳам овоз баровард:

-Бале, аз афташ, ба ман ҳам лозим меояд, ки ба мушоҳидаи корвон машғул бишавам.

-Ба ман бошад, китобҳои туро хондан,- ҷавоб дод ҷавон.

Ким-чӣ хел дилгиркунанда буданд он китобҳо. Дар онҳо сухан аз симобу намак, шоҳону аждарҳо мерафт, лекин Сантяго ҳар қадар бикӯшад ҳам, чизеро сарфаҳм рафта наметавонист. Бо вуҷуди ин як андеша, ки дар тамоми китобҳо такрор мегардид, барояш мафҳум шуд: ҳама чиз дар олам - такрори дигаргуншудаи худи ҳамон чиз асту бас.

Аз як китоб огоҳ гардид, ки муҳимтарин ахбору маълумот дар бораи кимиёгарӣ ин ҳамагӣ чанд сатраке будааст, ки дар рӯи пораи зумуррад ҳаккокӣ шуда.

-Ин «Лавҳи зумуррадӣ» ном дорад,- гуфт Британӣ бо ифтихор аз он, ки ҳамсафари худро ақаллан дар ин боб омӯзонидан метавонад.

-Ин хел бошад, ин қадар китобҳо чӣ лозиманд, охир?

-Барои он ки ҳамин чанд сатр фаҳмида шавад,- посух дод Британӣ, ки аз он оҳанги нобоварӣ эҳсос мешуд.

Мароқи Сантягоро беш аз ҳама он китобе бедор карда буд, ки аз рӯзгори кимиёгарон ҳикоят мекард. Эшон одамоне будаанд, ки тамоми умри хештанро барои дар лабораторияҳо ҳама фулузотро ба тилло мубаддал кардан сарф намудаанд: онҳо бовар доштанд, агар филизе дар давоми солҳои тӯлонӣ пайваста коркард шудан гирад, он оқибат хосияти хешро, ки танҳо ба худаш хос аст, гум карда, дар иваз Рӯҳи Оламро мегирад. Ана, он гаҳ олимон метавонанд, ба моҳияти ҳама чизҳои дар олам вуҷуддошта сарфаҳм бираванд, зеро маҳз Рӯҳи Олам ин ҳамон забонест, ки тамоми мавҷудот байни ҳам тавассути он гуфтугӯ менамоянд. Эшон ин кашфу кушоишро Эҷоди Бузург меноманд ва он аз ду модда иборат аст: сахт ва моеъ.

-Магар кифоя нест, ки танҳо одамон ва аломатҳоро биёмӯзӣ, то ки ба ин забон балад гардӣ?- ҷӯё шуд Сантяго.

-Чӣ хел осон карданро нағз мебинӣ ту! - ғазаболуд ҷавоб дод Британӣ. -Кимиёгарӣ илми ҷиддӣ аст. Он талаб мекунад, ки ҳар қадам комилан муносиби таълимоти ҳакимон содир шавад.

Ҷавон огоҳӣ пайдо кард, ки моддаи моеъи Эҷоди Бузург Иксири ҳаёт ном доштаасту баробари ба кимиёгар бахшидани умри абад, касро аз ҳама маризиҳо низ шифо мебахшидааст. Моддаи сахт бошад - ин Санги Фалсафӣ.

-Онро ҷустаю ёфтан кори осон нест, - гуфт Британӣ. - Кимиёгарон дар лабораторияҳои худ солҳои сол нишаста, ба тозашавии филиз нури чашм сарф менамояд. Онҳо ба оташ он қадар тез-тез ва дурандароз менигаранд, ки раво-раво худҳошон низ аз тамоми ташвишу ҳаяли инҷаҳонӣ фориғ гашта, дар як рӯзи фирӯз ногаҳон дармеёбанд, ки баробари тозакунии фулузот худ ҳам комилан тоза шудаанд.

Ин ҳангом Сантяго фурӯшандаи булӯрро ба ёд овард, ки мегуфт: вақте ҷомҳоро мешӯӣ, пас худат ҳам рӯҳатро аз ифлосиҳо орӣ месозӣ. Ҷавон ҳарчӣ бештар мӯътақид бар он мешуд, ки кимиёгариро тавассути рӯзгори муқаррарии ҳамарӯза ҳам омӯхтан мумкин аст.

-Ғайр аз ин, - идома медод Британӣ, - Санги Фалсафӣ ба қобилияти ғароибе соҳиб аст: як зарраи он кифоя мешавад, ки миқдори беҳисоби фулузотро ба тилло мубаддал гардонӣ.

Инро шунида мароқи Сантяго ба кимиёгарӣ дучандон шуд. Ӯ андеша кард, ки фақат каме бардошту тоқат карданаш лозим - он гаҳ метавонад ҳар қадар хоҳад, ҳама чизро ба тилло табдил додан мегирад. Охир, ӯ зиндагиномаи онҳоеро хонда баромад, ки ин кор муяссарашон шудааст: Гелвесий, Элиас, Фулканелли, Хебер - ва қиссаҳои умри эшон ӯро ба ваҷд меоварданд. Ба ҳамаи ин шахсон то охир тай кардани Роҳи худ насиб шудааст. Онҳо ҷаҳонгардиҳо намуданд, бо ҳакимони доно мулоқоту сӯҳбатҳо оростанд ва худ мӯъҷизаҳо эҷод мекарданд, ки ҳарифони нобовару таънагарашонро шармсору сархам бисозанд, зеро ки - муҳимтар аз ҳама - охири охирон дар ихтиёри эшон Санги Фалсафӣ ва Иксири ҳаёт фароҳам шуданд.

Вале чун Сантяго кӯшиш ба харҷ дод, ки аз китобҳо чӣ будани Эҷоди Бузургро маълум бикунад, дар кӯчаи сарбаста монд: ғайри як ҷаҳон гапҳои чашмнодиду гӯшношунид он ҷо яксара суханҳои дандоншикан буданд.

-Барои чӣ кимиёгарон ин қадар таҳдору нофаҳмо сухан меронанд?- Боре шабона аз Британӣ, ки бе китобҳояш басе маъюс менамуд, пурсид Сантяго.

-Зеро дарки онҳо танҳо ба касоне таъин шудааст, ки кулли масъулияти бо ин илм алоқамандро пурра мефаҳманд. Ба худ тасаввур намо, ки агар ҳар кӣ қӯрғошимро ба тилло табдил додан гирад, чӣ мешавад. Саҳл вақт нагузашта қурби тилло ба қӯрғошим баробар шуда мемонад. Аз ин хотир асрори Эҷоди Бузург танҳо ба шахсони пӯлодирода ва донишманд кушода мешавад. Ана, барои чӣ ман ҳоло дар ин ҷо, дар миёни биёбони сӯзонам. Ба ман зарур аст, ки бо кимиёгари ҳақиқӣ рӯ ба рӯ шавам, ки навиштаҷоти асроромезро маънидод карда тавонад.

-Хайр, ин китобҳо кай навишта шудаанд?

-Чандин садсолаҳо пештар.

-Ана, дидӣ, он замонҳо ҳанӯз дастгоҳи чоп мавҷуд набуд. Вале чӣ он замону чӣ ҳоло кимиёгариро аздусар на ҳар кас азхуд карда метавонад. Чаро, охир, ин китобҳо бо чунин забони пурасрор ва расмҳои чистонмонанд офарида шудаанд?

Британӣ ҷавобе надод. Танҳо дертар, хуб андеша карда гуфт, ки чанд рӯз инҷониб ба корвон беист синча мекунаду чизеро фаҳмида наметавонад. Ҳамин қадар, ки дар хусуси ҷанги байни қабилаҳо бисёртар мегуфтагӣ шудаанд.

Пас аз чанд рӯз Сантяго ба Британӣ китобҳояшро баргардонида дод.

-Хайр, аз онҳо чӣ фаҳмидӣ ту?- нисф бо пичингу истеҳзо ва нисф бо умед пурсон шуд Британӣ: вай мехост, ки перомуни андешаҳояш бо ягон кас маслиҳат бикунад, то ки аз хаёлҳои ваҳмангез каме фориғ гардад.

- Ҳамаи фаҳмидагиам ҳамин: олам рӯҳу ҷон доштааст ва ҳар касе, ки ба ин рӯҳ рафта мерасад, вай забони барои тамоми мавҷудот фаҳморо ҳам азхуд менамояд. Боз фаҳмидам, ки бисёр кимиёгарон Роҳи худро дарёфта, ба кашфи Рӯҳи Олам, Санги Фалсафӣ ва Иксири ҳаёт шарафёб шуданд,- гуфт ҷавон ва андаке таваққуф намуда, идома дод: - Аз ҳама муҳим ин ҳама басе оддӣ будаасту дар рӯи як пора зумуррад ҷо мешудааст.

Британӣ хафа шуд. На омӯзишҳои дурандарози худи вай, на рамзҳои муғона, на сухану таъбирҳои ҳакимона ва на асбобу ускунаҳои кимиёгарӣ, ҳеҷ кадоме аз инҳо ба Сантяго заррае таассурот набахшидаанд.

«Вай барои фаҳмидани ин ҳама аз ҳад бештар соддалавҳ аст»,- андешид Британӣ, сипас китобҳояшро ғундошта, ба ҷомадон андохт ва ба ҷояш - болои уштур гузошт.

-Ин хел бошад, корвони худатро омӯз,- гуфт вай. - Аз он ба ман манфиати казой набуд, чӣ хеле ки ту аз китобҳои ман наёфтӣ.

Ва Сантяго дубора ба ҳазми хомӯшии биёбон пардохт ва ба мушоҳидаи чӣ гуна регро аз зарби по пушта сохтани уштурҳо машғул шуд.

«Ҳар киро усули шахсии омӯзиш ҳаст,- аз фикр гузаронд ӯ.- Ба ман усули вай рост намеояду азони ман ба вай. Лекин ҳардуямон Роҳи худро меҷӯем ва ақаллан танҳо барои ҳамин ман наметавонам, ки вайро ҳурмат накунам».

Акнун корвон шабона ҳам дар роҳ буд. Дам ба дам бодиянишинон пайдо шуда, ба Сорбон ким-чӣ хабарҳо мерасониданд. Уштурбони бо Сантяго унсгирифта фаҳмонд, ки мутаассифона, оқибат ҷанги байни қабилаҳо сар шудааст. Барори калон мешавад, агар корвон сиҳату саломат бо ободон рафта бирасад.

Уштуру аспон шалпар мешуданд, одамон тамоман бегап мемонданд ва дар сукути шабонгоҳон, ҳатто шиҳаи аспону қийиоси уштурон, ки пештар фақат шиҳаю қийиос буданд, акнун дили ҳамагонро бар ҳарос меоварданд, зеро аз наздикшавии душман дарак доданашон мумкин буд.

Воқеан, Уштурбонро наздикшавии хатар наметарсонд.

-Ҳозир зиндаам ман,- боре шабона, вақте ки моҳтоб паси абрҳо пинҳон буду гирондани гулханро иҷоза намедоданд, ба

Сантяго андешаи худро шарҳ дод вай. - Мана, ҳозир хурмо мехўрам ман ва аз ин бармеояд, ки ба ягон кори дигар машғул нестам. Вақте дар роҳ ҳастам, - роҳ меравам ва коре дигар намекунам. Агар ҷанг кардан рост биёяд, пас ҳамон рўз ҳам барои мурдан бисёр нағзу муносиб мешавад, ки дар ҳама рўзҳои дигар низ шуда метавонист. Зеро ман дар гузаштаю оянда не, дар замони ҳозира зиндагӣ дорам ва фақат ҳамин лаҳзаи ҳозира ба ман лозим аст. Агар ту метавонистӣ, ки ҳамеша дар замони ҳозира боқӣ монӣ, пас аз хушбахттарин одамони хокӣ мебудӣ. Ту он вақт, албатта, мефаҳмидӣ, ки биёбон беҷон нест, дар само ситораҳо шўълапошӣ мекунанд, ва мефаҳмидӣ, ки ҷангталабон ҷанг мекунанд, чунки инро ба авлоди одамӣ тааллуқ доштани онҳо талаб менамояд. Он гоҳ зиндагонӣ иди абадӣ ва адонашаванда мегашт, зеро дар он ба ҷуз лаҳзаи ҳозира лаҳзаҳои дигаре вуҷуд намедошт.

Баъди ду шабонарўз, ҳангоми ба истироҳати шабона омодагӣ гирифтани мусофирон Сантяго ба ситораи роҳи ободонро ишоракунанда чашм дўхт. Ба назараш чунин намуд, ки хати уфуқ поёнтар шудааст: дар осмони болои биёбон садҳо ситораҳо рўшаниандозӣ мекарданд.

-Ана, ҳамин худди худаш, ободон аст,- гуфт Уштурбон.

-Ин хел бошад, ҷаро ба он ҷо намеравем, охир?

-Чунки бароямон аз хоб сер шудан лозим.

Сантяго даме аз хоб чашм кушод, ки хуршеди оламтоб аз уфуқ рух намоён менамуд. Дар он ҷое, ки шабонгоҳон ситораҳо чашмак мезаданд, акнун нахлҳои бешумори хурмо ба чашм мерасиданд, ки гўё тамоми биёбонро фаро гирифта буданд.

-Мо расидем!- хитоб намуд Британӣ, ки вай низ ҳамин ҳозир бедор шуда буд.

Сантяго дам назад. Ў инро аз биёбон омўхта буд ва барояш акнун кифоягӣ мекард, ки ба дарахтон танҳо назаре андозад. То аҳромҳо ҳоло хеле дур буд. Ягон рўз ин саҳаргоҳ низ барояш ёддоште мешаваду бас. Вале ў ҳоло дар дақиқаи ҳозира мезист ва чунонки Уштурбон ёд дода буд, аз ин лаҳза шодмонӣ мекард ва мекўшид, ки онро бо хотираҳои гузашта ва орзуҳои ояндааш пайванд бисозад. Бале, баъди чанд муддат ин ҳазорҳо бех нахлҳои хурмо ба ёднома мубаддал мешаванд, лекин алҳол онҳо тимсоли сояву салқинӣ, оби ҷонбахш ва бехатарӣ мебошанд. Ва онҷунон ки дар торикии шаб бонги уштур метавонист аз наздикшавии душман дарак бидиҳад, ин нахлистони анбўҳ пайғоми мўъҷизаи аз бало растанро мебахшад.

«Олам бо забонҳои зиёде гуфтугӯ мекунад»,- андешид Сантяго.

«Ҳангоме ки вақт тез мегузарад, корвонҳо ҳам суръаташонро меафзоянд»,- андешид Кимиёгар ба он наззоракунон, ки ба ободон садҳо одамону ҳайвонот ворид мешаванд.

Доду ҳойи сокинон ва мусофирони навомада ба гӯш мерасид, чанги роҳ ба осмон дакка хӯрда, офтобро панаҳ мекард, бачагон бо ҳаёҳӯй ва ҷастухез навомадагонро тамошо менамуданд. Кимиёгар муоина менамуд, ки чӣ гуна пешвоёни қабоил ба Сорбон наздик шуданд ва бо ӯ сӯҳбати тӯлонӣ оростанд.

Вале ин ҳама мароқи ӯро намеангехт. Одамони бисёре меомаданду мерафтанд, ободону биёбон бошад, абадӣ ва тағйирнопазир мемонданд. Ӯ дида буд, ки чӣ гуна пойҳои шоҳону гадоҳо ба ин рег мерасиданд, ки ҳарчанд бо иродаи шамол шакли худ дигар менамуду сираташ мисли пешина - ба соне, ки Кимиёгар аз наврасӣ дар хотир дошт, мемонд. Бо вуҷуди ин ба ӯ шодмонии ҳар мусофир сироят мекард, ки аз дидани баргу танаҳои сабзи нахлҳо ва пас аз дидани осмони нилгуни беҳудуд ва биёбони сӯзони заррин дар дили ҳар кадом фағона мезад.

«Шояд Худованд биёбонро ба он ният офарида бошад, ки одам ба дарахтон табассум бикунад»,- андешид ӯ.

Сипас қарор дод, ки оиди чизҳои аз ин муҳимтар андеша равона бисозад. Ӯ медонист - аломатҳо гувоҳӣ доданд,- ки бо ин корвон одаме меояд, ки ба ӯ ҷузъе аз сирҳояшро бояд кушояд. Кимиёгар, ҳарчанд бо ин одам шиносо набуд, бовар дошт, ки бо назари пухтааш ӯро аз миёни анҷумани бузург дарёфта метавонад ва умедворӣ мекард, ки ин шахс аз пешгузаштагони худ бадтар нахоҳад буд.

«Намефаҳмам, барои чӣ тамоми донишамро ба ӯ ниҳонӣ доданам лозим будааст,- фикр мекард вай. -Хайр, инро асрор гуфтан ҳам душвор аст, зеро Худованд тамоми асрорашро ба ҷумлаи махлуқоташ бо ҳиммати бемисол фош менамояд».

Кимиёгар ба ин як ташреҳ пайдо намуд: он чӣ, ки ба боздиҳӣ ба он шахси навомада таъин шуданд, он меваи ҳаёти Пок буданд, ки бо сухан ва ё суратҳо акс кардан имкон надорад. Охир, одамон ба сухану суратҳо оғушта гашта, майлон ба он доранд, ки охири охирон Забони Ягонаро фаромӯш бикунанд.

Мусофирони навро ҳамоно назди пешвоҳои маҳаллӣ оварданд. Сантяго ба чашмони худ бовар намекард: ободон, ончунон ки дар китобҳои таърих навиштаанд, ҳаргиз чоҳи атрофаш ду-се нахлруста набуда, аз бисёр деҳоти Испан хеле бузургтар ба чашм мерасид. Чоҳҳо бошад, он ҷо сесад адад ва нахлҳо панҷоҳ ҳазор

будаанд, миёни ин ҳама бошад, хаймаҳои рангоранг доман густурда.

-«Ҳазору як шаб», - гуфт Британӣ, ки мехост, ҳарчӣ зудтар бо Кимиёгар вохӯрад.

Онҳоро ҳамоно бачагоне иҳота намуданд, ки ба аспу уштурон ва одамон кунҷкобона наззора мекарданд. Мардон бошанд, баисрор мепурсиданд, ки дидани ҷангҳо ба эшон рост омад ё на, занон донистан мехостанд, ки савдогарон чӣ матоъҳо ва сангҳои пурбаҳо овардаанд. Хомӯшии биёбон акнун мисоли хоби дерина мақбул мешуд, - ҳама ҷо гуфтугузори беохир ҳукмрон буду хандаю нидоҳои пурсурур ба гӯш мепечид ва чунин ба назар мерасид, ки мусофирон ҳамагӣ чанде пеш рӯҳҳои бетану бепайкар буданду ҳоло ҳозир аз нав ба одамони гӯшту устухондор табдил меёбанд. Ҳамагон розию хушбахт буданд.

Уштурбон ба Сантяго фаҳмонд, ки ободониҳо ҳамеша як навъ замини холис ва ҳамагонӣ маҳсуб мешуданд, зеро дар онҳо аксаран занону бачагонро ҷой медоданд. Анъана шуда буд, ки ободониҳо бетарафанду на ба ину на ба он ҳусни таваҷҷӯҳ намоиш намедиҳанд ва ҷангҷӯён байни ҳам танҳо дар биёбонҳо пархош карда, ободониҳоро ба сифати гурезгоҳ пазируфта буданд.

Сорбон ҳамаро ба душворӣ ғун оварда, эълом дошт, ки корвон дар ободон то даме хоҳад истод, ки хархашаи байниқабилавӣ хотима биёбад. Мусофирон дар хаймаҳои мардуми маҳаллӣ зоду роҳила хоҳанд ёфт, зеро ба эшон Қонун ҳамин гуна талқин менамояд. Пас аз ин вай аз ҳамагон хоҳиш намуд, ки силаҳдорон силоҳҳояшонро биспоранд. Ҳатто, аз ин кор онҳое сарфи назар нашуданд, ки шабонгоҳон корвонро посбонӣ мекарданд.

-Қоидаи ҷанг чунин аст,- шарҳ дод ӯ. -Ободон наметавонад сарбоз ва ё ҷанговаронро қабул намояд.

Сантяго басе ҳайрон шуд, вақте ки Британӣ аз ҷайб таппончаи ялаққосиро бароварда, ба силоҳчине дароз намуд.

-Ба ту таппонча чӣ лозим?- пурсид ҷавон.

-Барои он ки ба одамон бовар карданро омӯзӣ,- посух дод Британӣ. Вай хеле хушҳол буд аз он, ки анқариб фардеро хоҳад ёфт, ки дар суроғаш ба ин қадар роҳ омада буд.

Сантяго бошад, дар бораи ганҷинааш андеша карданро идома медод. Ӯ ҳар қадар ба пиёда кардани орзую омоли худ наздик мешуд, душвориҳо ҳамон андоза пеши роҳаш меафзуданд. Он чӣ, ки шоҳи солхӯрда Мелҳисиддиқ «ба навкорон омаду барор мекунад» мегуфт, аз амал бозмонда буд гӯё ва чунонки ӯ

мефаҳмид, акнун матинироадагӣ ва ҷасорати одамӣ дар ҷустуҷӯи Роҳи худбуда амал мекард. Аз ин хотир ӯ наметавонист, ки на саросема бишавад ва на сабру тоқатро аз даст бидиҳад, вагарна аломатҳои дар сари роҳи ӯ гузоштаи Худованд дур аз назараш монданашон аз эҳтимол дурӣ надошт.

«Гузоштаи Худованд»,- бо ҳайрат ба худ такрор кард ӯ. То ин дам ба ӯ чунин менамуд, ки ин аломатҳо - ба мисоли гуруснагию ташнагӣ, ҷустуҷӯи ишқ ва ё кор - ҷузъе аз оламанд. Ӯ намеандешид, он забонест, ки тавассути он Худованд бо ӯ гуфтугӯ дорад ва ишора мекунад, ки Зоташ аз ӯ чӣ мехоҳад.

«Саросема нашав,- гуфт ӯ ба худ. -Чунонки Уштурбон мегуфт, дар соати хӯрокхӯрӣ таом бояд хӯрд, мавридаш расад - ба роҳ баро».

Рӯзи аввал мусофирон, ҳатто Британӣ ҳам аз хоб сер шуда, кӯфти роҳро бароварданд. Сантягоро дар хаймае бо панҷ тан ҷавонони ҳамсолаш ҷой намуданд. Ҳамаи онҳо бошандагони маҳаллӣ буданд, бинобар ин бисёр мехостанд, бидонанд, ки мардум дар шаҳрҳои калон чӣ гуна зиндагӣ ба сар мебаранд. Ӯ ба онҳо қиссаҳои гӯспандбониашро нақл карда тавонист ва акнун мехост, ки ба саргузашташ дар дӯкончаи булӯрфурӯшӣ гузарад, ба хайма Британӣ даромада омад.

-Саҳар боз туро мекобам,- гуфта Сантягоро ба берун кашола намуд. -Ту ба ман даркорӣ. Барои ёфтани Кимиёгар ба ман ёрӣ расон.

Онҳо ду шабонарӯз Кимиёгарро ҳар кадом алоҳида ҷустуҷӯ намуданд, ба он тахмин; ки вай мисоли дигарон зиндагӣ нахоҳад кард ва дар хаймаи ӯ бояд мудом оташ фурӯзон бошад. Онҳо аз як канор то канори дигари ободон ба ҳар кунҷу гӯша сар хастанӣ шуданд, то даме нафаҳмиданд, ки ободон аз пиндораш хеле бузургтар будааст - ин ҷо чандин сад хайма воқеъ буд.

-Тамоми рӯзро беҳуда аз даст додем,- гуфт Британӣ назди як чоҳ нишаста.

-Ӯро аз мардум пурсон шудан лозим,- гуфт Сантяго.

Вале Британӣ дудила буд, - вай намехост, ки ҳузури худро овоза намояд. Охири охирон розӣ шуд ва аз Сантяго, ки забони арабиро нағз медонист, хоҳиш кард, ки дар бораи Кимиёгар маълумот ҷамъ бикунад. Ва ҷавон ба зане, ки назди чоҳ барои аз об пур кардани машкаш омад, пурсон шуд:

-Рӯзатон бахайр, бону. Шумо-ку баногоҳ намедонед, ки мо Кимиёгарро аз куҷо дарёфт намоем?- пурсид ӯ.

зан посух дод, ки дар бораи чунин шахс чизе нашунидааст ва ҳадаҳа обро гирифта баргашт. Воқеан, пеш аз ин Сантягоро огоҳ бисохт, ки ӯ бояд расму русумро риоя карда, ба занони шавҳардор, ки одатан либоси сиёҳ ба бар мекунанд, асло гап назанад.

Ғаму ғуссаи Британиро ҳадду канор набуд. Ин қадар роҳро ба сад азоб паси сар кунию мурод ҳосил нашавад! Ҷавон ҳам барои вай дилтанг мешуд - охир, ҳамсафараш ҳам дар суроғи Роҳи худ буд. Дар ин маврид бошад, ба қавли Мелҳисиддиқ тамоми Чархи Гардун ба кӯмаки одам мешитобад ва коре менамояд, ки вай ба мақсад бирасад. Наход, шоҳи пир иштибоҳ карда бошад?

-Ман аз ин пеш дар бораи кимиёгарон нашунида будам,- гуфт ӯ. - Вагарна кӯшиш мекардам, ки ба ту кӯмак бикунам.

Дидагони Британӣ барқпош гаштанд.

-Ҳа-дия!- фарёд зад вай. - Дар ин ҷо касе намедонад, ки ӯ кимиёгар аст! Дар хусуси одаме пурсидан лозим аст, ки ҳамаи бемориҳоро даво карда метавонад!

Ба чоҳ чанд тан занони сиёҳпӯш наздик шуданд, лекин Сантяго ба зорию таваллои Британӣ эътибор надода, ба онҳо суоле накард. Мана, оқибат марде пайдо гардид.

-Шумо дар ин ҷо одамеро намедонед, ки ҳамаи дардҳоро шифо бахшида метавонад?- пурсид ҷавон.

-Ҳамаи дардҳоро танҳо Аллоҳ шифо мебахшад,- посух дод вай ва аҷнабиёнро бо тарсу ҳарос аз назар гузаронд. Шумо соҳиронро мекобед?

Вай чанд ояти Қуръонро зери лаб такрор карда, аз паи роҳи худ шуд.

Пас аз чанде дигараш омад; вай солхӯрдатар буд ва дар даст сатил дошт. Сантяго ба вай ҳамон суолашро такрор намуд.

-Ин хел одам ба шумо чӣ даркор?- фаҳмиданӣ шуд вай.

-Ин дӯсти ман барои дарёфтани ӯ роҳи дурударозро тай карда омадааст.

-Агар дар ободони мо чунин одам буда бошад, ӯ мебоист шахси хеле тавоно бошад,- андешакунон гуфт пиракӣ. -Агар бихоҳанд, ҳатто пешвоёни қабилаҳо ӯро дида наметавонанд. Онҳо ба мулоқоташ мерасанд, агар ӯ хоҳад. Дар ҳамин ҷо тамомшавии ҷангро мунтазир шавед ва сипас зуд бадар равед. Ба шумо лозим нест, ки ба ҳаёти ободони мо бинӣ халонед, - инро гуфта рафт вай.

Вале Британӣ аз изи лозимӣ бӯй гирифта, хеле хушҳол гардид.

Ба назди чоҳ бошад, оқибат зани бешавҳар духтараки кӯза бар китф наздик шуд. Дар сараш рӯймол, лекин рӯяш кушода. Сантяго қарор дод, ки аз вай дар хусуси Кимиёгар пурсон шавад ва бо ин ният ба сӯи ӯ рафт.

Ин дам гӯё вақт бозистод ва Рӯҳи Олам пеши назари ӯ бо тамоми қудрату тавоноӣ падидор гардид. Ба чашмони сиёҳи ин духтарак, ба лабони ақиқини вай, ки гӯё чӣ карданашонро намедонистанд: - ба мисоли пешина баста бимонанд ва ё барои табасссум ғунча бикшоянд, Сантяго назар дӯхта, дар як лаҳза қисми аз ҳама муҳим ва аз ҳама пурҳикмати он забонеро, ки тамоми олам ба он гуфтугӯ менамояд ва онро ҳамаи мардумон бо дил мефаҳманду дарк месозанд, ба худ кашф намуд. Номи он Ишқ аст, он аз авлоди одамӣ ва ҳатто аз ин биёбон қадимтар аст. Ва он ҳангоми чашм ба чашм шудани марду зан бо иродаи худ пайдо мешавад? - ана ҳамин тариқа ин карат ҳам ҳоло, дар канори чоҳ худ ба худ Ишқ тавлид ёфт.

Оқибат лабони духтарак аҳд бар он намуданд, ки ғунчавор бишкуфанд ва ин аломат, ҳамон аломате буд, ки Сантяго худ бехабар аз он ин қадар муддат интизораш буд ва онро аз гӯспандони худ ва дар китобҳо, дар ҷомҳои булӯрӣ ва хомӯшии биёбон меҷусту меҷуст,

Ин забони поку беолоиш ва басе фаҳмо буд, ки ба тарҷумаю тафсир эҳтиёҷе надошт, ончунон ки Гардун гардиши худро дар беохириҳо пайваста идома дода, ба шарҳу эзоҳе мӯҳтоҷӣ изҳор намекард. Сантяго бошад, худи ҳамон сония фаҳмид, ки назди ҳамсару ҳамқисматаш меистад ва духтарак ҳам мебоист бидуни ҳарфе инро мефаҳмид. Ӯ ба ин ба андозае мӯътақид буд, ки ин эҳсос аз фарзанди падару модари худ буданаш ҳам бартарӣ мекард. Ҳарчанд ки волидонаш, бешак, мегуфтанд, ки аввал дӯст доштан лозим асту пас хостгориҳо кардан, одамро он чӣ бояд омӯхтан, барои тӯю сур пул ҷамъ овардан ва фақат баъди ин ҳама ба занӣ гирифтан дуруст аст.

Лекин он касоне, ки чунин маслиҳат медиҳанд, ба Забони Ягона балад нестанд, зеро вақте ба дунёи ин забон ворид мешавӣ, маълум мегардад: дар миёни биёбон бошад ё шаҳри бузург, - ҳамеша як нафар интизор ва ҷӯёи ҷуфти худ аст. Ва ҳангоме ки роҳҳои ин ду тан ба ҳам мепайванданд, вақте дидагони онҳо ба якдигар вомехӯранд, чӣ гузаштаю чӣ оянда тамоми моҳияту аҳамияти худро гум мекунанд, дар олам фақат ҳамин сония мавҷуд асту боварии фавқулодда нисбати он ки

ҳама чизи олам бо як даст сабт шуда. Ин даст дар дил тухми меҳру муҳаббат кишта, барои ҳар кӣ, - хоҳ саргарми машғулият бошаду хоҳ ғарқи истироҳат ва ё банди ҷустуҷӯи ганҷина, - ҷуфташро рӯ ба рӯ месозад. Вагарна дар орзуҳо, ки зоти одамӣ зинда ба онҳост, ақаллан зарра барин маъною қиммат намемонд.

«Мактуб, сарнавишт», - андешид ҷавон.

Британӣ аз ҷой ҷаста, Сантягоро аз китфаш силтав бидод:

- Аз вай бипурс, охир!

Сантяго ба духтарак наздик шуд. Вай бо табассум рӯ ба ӯ овард ва ҷавон низ дар ҷавоб табассуми ширин намуд.

-Чӣ ном дорӣ?- пурсид ӯ.

-Фотима, - шармгинона посух дод духтарак.

-Дар он кишваре ҳам, ки зодгоҳи ман аст, чунин номро бисёр занону духтарон ба худ мегиранд.

-Духтари Пайғамбар чунин ном дошт, - ҷавоб дод Фотима.- Ҷанговарони мо ин номро то ба иқлимҳои дур бурдаанд.

Дар суханони мазкури ин духтараки нозукандоми парипайкар ҳисси ифтихор садо медод. Британӣ бесаброна Сантягоро нихта мекард ва ӯ пурсид, ки Фотима шахси ба тамоми бемориҳо шифобахшандаро мешиносад ё на.

-Ин одаме, ки ҳамаи асрори оламро медонад,- гуфт духтарак. -Вай бо ҷинҳои биёбон гуфтугӯ мекунад.

Ҷин ин дев аст. Духтарак ба тарафи ҷануб ишора намуд - дар он самт одаме мезист, ки ҷустуҷӯяш доштанд. Сипас кӯзаи худро аз об пур карда рафт.

Британӣ ба кофтукоби Кимиёгар равона шуд. Сантяго бошад, дар канори чоҳ дуру дароз нишаста, фикр мекард, ки ким-кайҳо, ҳанӯз дар ватанаш насими машриқӣ бӯи диловези ин гуландомро ба машоми вай бурда расонида буд ва ҳанӯз аз ҳастии духтарак огаҳӣ наёфта, дӯсташ медошт ва бешубҳа, ин меҳру муҳаббат бо тамоми ганҷинаҳои заминӣ баробар меояд.

Рӯзи дигар ӯ боз назди чоҳ омад, то ки духтаракро мунтазир бишавад. Лекин аҷоиб, ки он ҷо Британиро дарёфт, ки бори нахуст ба биёбон синчакунон назар медӯхт.

-Ман тамоми бегоҳ то фаромадани торикӣ мунтазир шудам,- гуфт вай. -Вақтеситораҳои аввалин падид омаданд, ӯ ҳам пайдо гардид. Ман ба вай дар бораи он чизе, ки меҷӯям, ҳикоят кардам. Ӯ бошад, аз ман пурсид, ки бароям ба тилло табдил додани қӯрғошим муяссар шуда ё на. Ҷавоб додам, ки маҳз ҳаминро аз ӯ омӯхтан мехоҳам. Ӯ ба ман фармуд, ки боз аз нав бисанҷам. Айнан ҳамин тавр гуфт: «Раву бисанҷ».

Сантяго дам ба дарун гирифт. Магар Британӣ барои ҳамин гирди оламро пай зад, ҷавобе бишнавад, ки бе ин ҳам медонист? Ва ин дам ба ёд овард, ки худаш низ ба Мелҳисиддиқ гӯспандҳояшро дода, посухи аз ин бештаре нагирифта буд.

-Ин хел бошад, бисанҷ!- гуфт ӯ.

-Албатта, месанҷам. Худи ҳозир сар мекунам.

Британӣ бирафту дере нагузашта Фотима бо кӯзаи худ пайдо шуд.

-Ман барои ба ту гуфтани фақат як даҳон гап омадам,- ба духтарак муроҷиат намуд ҷавон. -Ман мехоҳам, ки ту зани ман шавӣ. Ман туро дӯст медорам.

Духтарак аз даст кӯзаро ғалтонд ва об рехта рафт.

-Ман туро дар ҳамин ҷо интизор мешавам. Ман биёбонро дар суроғи ганҷинаи зери аҳромҳо тай намудам. Лекин ногаҳон ин ҷанг оғоз ёфт. Дар аввал ман онро лаънат мекардам. Акнун бошад, аз он миннатдорам, зеро ки маҳз он маро назди ту овард.

-Ҷанг ягон рӯз ба охир мерасад,- ҷавоб дод духтарак.

Сантяго ба нахлистон назар дӯхт. Ӯ замоне чӯпон буд, дар ин ободон бошад, аз ҳарчӣ бисёр - гӯспанд. Фотима аз ҳама ганҷинаҳо қимматтар. Вале духтарак, худи андешаашро мехондагӣ барин, идома дод:

-Ҷанговарон ганҷина меҷӯянд. Занони биёбон аз онҳо ифтихор мекунанд.

Баъд Фотима кӯзаашро дубора лаболаб пуроб карда рафт.

Сантяго ҳар рӯз назди чоҳ меомад. Ӯ аллакай ба Фотима дар бораи чӣ тариқа гӯспанд чарониданаш, чӣ хел бо Мелҳисиддиқ мулоқот оростанаш ва чӣ тавр булӯр фурӯхтанаш қиссаҳо карда буд. Раво-раво онҳо ба ҳамдигар унс гирифтанд. Ба ҷуз ҳамон понздаҳ дақиқае, ки Сантяго дар ҳузури дилоромаш мегузаронд, боқии рӯзҳо худи ба охир намерасидагӣ барин кашол меёфтанд.

Ҳангоме ки як моҳ ба охир расид, Сорбон ҳамаи мусофиронро анҷуман намуд.

-Кай тамом шудани ҷанг маълум нест,- гуфт вай. -Роҳро идома дода наметавонем. Задухӯрдҳо боз бисёр такрор мешаванд ва солҳо кашол ёфтанашон мумкин. Дар ҳар кадом қабилаҳои ҷангӣ сарбозони ҷасуру пурқувват ҳастанд, ки обрӯю эътиборашонро баланд қадр менамоянд ва аз пархош ҳеҷ рӯй нахоҳанд тофт. Ин ҷо бадон бо некон талош надоранд, ин ҷо барои тоҷу тахт ҷанг мебаранд, ин гуна муборизаҳо бошад, боре оғоз ёфта, муддатҳои тӯлонӣ ба поён намерасанд, зеро ки Аллоҳ ҳам бо инҳосту ҳам бо онҳост.

Одамон пароканда шуданд. Сантяго бо Фотима дидор карда, ба вай гуфтаҳои Сорбонро расонд.

-Ҳанӯз дар рӯзи дуюми мулоқотамон ту ба ман изҳори ишқ кардӣ,- гуфт духтарак. -Баъд дар бораи чизҳои оличаноб, - амсоли Забони Ягона ва Рӯҳи Олам, ки бо мурури замон ман ба ҷузъи ту мубаддал мешавам, нақлҳо намудӣ.

Сантяго ба садои зебосанамаш гӯш фаро дода, меангошт, ки он аз замзамаи насими нахлистон ҳам авлотару гуворотар аст.

-Ман, аллакай дер боз туро назди чоҳ интизорӣ мекашам. Ман гузаштаи худ, расму оинҳоямонро, масалан дар хусуси он ки аз нуқтаи назари мардони қабилаамон духтарак чӣ гуна рафтор бояд бикунад, ба дасти фаромӯшӣ супурдаам. Аз худи кӯдакиям орзу мекардам, ки биёбон бароям ҳадяе мебахшад, ки дар ҳаёт ҳанӯз нашудааст. Мана, ман вайро соҳиб шудам. Ин туй.

Сантяго хост аз дасташ бигирад, вале Фотима ҳанӯз ҳам бо панҷаҳояш кӯзаро маҳкам дошта меистод.

-Ту ба ман дар хусуси хобҳоят, шоҳи мӯйсафед Мелҳисиддиқ, ганҷинаҳо ҳикоят кардӣ. Дар бораи аломатҳо. Акнун ман аз ягон чиз наметарсам, зеро маҳз онҳо туро ба ман доданд. Ман бошам, як ҷузъи орзуюомоли ту, пораи Тақдири ту ҳастам.

Барои ин ҳам мехоҳам, ки ту набояд аз роҳат биистӣ, балки ҷустуҷӯи он чиро давом диҳӣ, ки дар суроғаш будӣ. Агар тамом шудани ҷангро интизор шуданӣ бошӣ, боке нест. Ва агар барвақттар рафтанӣ шавӣ, аз паи ҷустани Тақдири Худ рафтан гир. Шамол шакли талҳои регро тағйир медиҳад, вале биёбон чуноне ки буд, ҳамон хел мемонад. Муҳаббати ману ту ҳам мисоли пешина хоҳад монд.

Мактуб - Сарнавишт.

Агар ман пораи Тақдири ту бошам, ту ягон маҳал, албатта, наздам баргашта меой.

Ин гуфтугӯ Сантягоро мутаассиф намуд. Ҷавон ёдоварикунон роҳ мерафт, ки ба бисёр чӯпонҳои шиносаш хеле хуни ҷигар сарф намудан лозим меомад, то ба занонашон бифаҳмонанд, ки чӯпон мардум бе чарогоҳҳои дурдаст ҳаёт гузаронида наметавонанд. Ишқу муҳаббат талаб менамояд, ки ҳамеша дар паҳлӯи оне бошӣ, ки дӯстат медорад.

Рӯзи дигар ӯ инро ба Фотима изҳор намуд.

***Давом дорад.***

*Тарҷумаи Солеҳи Зарифзод*

# ПАЁМИ СУҒД

№6
2009



# МУНДАРИҶА

## НАЗМ

ЎЛМАСИ ХОЛ. *Миллати минуфари хуршед (Ғазалҳо)*..............................2

## НАСР

ИНЪОМ СУЛТОН. *Тақдир (Ҳикоя)* .......................................................10

## ҶАШНВОРА

МАТЛУБА ЁРМИРЗОЕВА. *Кўлборатон пур аз муҳаббат бошад (Эссе)* ..........................................................................................14
АЮБИ КЕНҶА. *Ҳафт ситора (Ҳикоёт)* ..................................................17

## ЁДДОШТҲО

КАРИМ АБДУЛОВ. *Оҳанрабои миллат* ....................................................28

## БУЗУРГДОШТ

АЛЛОМА ШИБЛИИ НЎЪМОНӢ. *Симои Имоми Аъзам Абўҳанифа* ........48

## САД БАЙТИ ОЛӢ

СОИБ. *Мавҷи латофат* .............................................................................62

## АЗ ЁДДОШТҲОИ ҶАНГОВАР

НУРМУҲАММАД НИЁЗӢ. *Бўе аз рангҳои парида* ..............................70

## АЗ АДАБИЁТИ ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН

ПАУЛО КОЭЛЙО. *Кимиёгар (Роман) Тарҷумаи Солеҳи Зарифзод*...............78

## ДАР АРЗҲОИ ДЎСТӢ

ДИЛРУХСОР ФАРМОНОВА. *Равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлолият*..................102

Пауло КОЭЛЙО

# КИМИЁГАР[1]

*(Роман)*

-Биёбон мардони моро мебарад ва на ҳамеша бармегардонад,- посух дод вай. - Мо инро медонем ва ба он одат кардаем. Ҳарчанд баъзе мардон барнамегарданд, вале пайваста бо мо мемонанд: онҳо абрҳоянд, ки борон шуда намерезанд, вуҳуши байни сангҳо паноҳёбандаанд, обанд, ки замин онро ба мисоли ҳаёт ба мо мебахшад. Онҳо ҷузъи тамоми мавҷудот мешаванд... Онҳо бо Руҳи Олам омехтаю махлут мегарданд.

Ба баъзеҳо бозгаштан муяссар мешавад. Он гоҳ ҳамаи занонамон ид мекунанд, чунки шавҳарони интизоридоштаи онон ҳам рӯзе ба хонаашон меоянд. Пештар ман ба чунин занон бо ҳавас менигаристам. Акнун худ ҳам касе дорам, ки мунтазираш хоҳам шуд.

Ман зани биёбонам ва аз ин ифтихор мекунам. Ман мехоҳам, ки шавҳарам низ ба сони шамоли бодкунандаи рег озод бошад. Ман мехоҳам, ки ӯ низ аз абрҳо, вуҳуш ва об ҷудо набошад.

Сантяго ба ҷустуҷӯи Британӣ равона шуд. Вай мехост, ба шарикаш дар бораи Фотима нақл бикунад ва ӯро назди хайма дарёфта, ҳайрон шуд, зеро Британӣ дар худи ҳамон ҷо оташдон гузошта, болояш зарфи шишагӣ мондаву саргарми санҷишҳояш буд. Вай ба оташдон дам ба дам хор андохта, тафси лозимаро таъмин мекард ва дида аз биёбон намеканд. Дар чашмони вай нуру ҷилое ҳувайдо буд, ки айёми миёни китобҳояш ғӯта рафтан ба мушоҳида намерасид.

-Ин давраи аввали кор аст, - ба Сантяго фаҳмонд вай. -Кибрити нохолисро ҷудо кардан лозим аст. Муҳимаш – аз ягон чиз ҳосил нашуданаш тарсидан даркор не. Ман бошам, метарсидам ва то имрӯз ба Эҷоди Бузург машғул шуда наметавонистам. Ҳанӯз даҳ сол муқаддам он кореро, ки ҳоло мекунам, карда метавонистам. Ин ҳам бахти ман, ки даҳ сол интизор шудам, на бист сол.

Ва вай ба оташдон хор андохта, мушоҳидаи биёбонро идома додан гирифт. Сантяго бо вай то он даме нишаст, ки нурҳои офтоби ғурубкунанда регҳои биёбонро ранги гулинорӣ бахшиданд. Ин лаҳза ӯ дар ниҳодаш хоҳиши раднопазири ба он ҷо - ба биёбон рафтанро эҳсос кард, ки то бисанҷад - аз хомӯшии он ба саволҳояш посухе меёбад ё на.

---

[1] *Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта.*

Ба ҳар куҷои чашмаш фуромадагӣ хеле гаштугузор кард ӯ ва ҳар замон барои гум накардани роҳ ҷониби нахлистон назар карда мемонд. Ӯ садои шамолро мешунид, зери по сангҳоро эҳсос менамуд. Баъзан садафакҳоро дучор меомад - дар замонҳои дури дур дар ҷои ин биёбон баҳр будааст. Сипас бар санге нишаста, мисоли шефташудагон бар уфуқ дида дӯхт. Ӯ ба худ ишқи бекомгорӣ ва тани ба ҷонон нарасандаро тасаввур карда наметавонист, лекин Фотима дар биёбон ба дунё омадааст ва агар ким-чизе вайро сабақи дӯстдорӣ омӯхта бошад, он танҳо биёбон асту бас.

Ҳамин тариқа - бидуни фикру хаёл то даме нишаст, ки болои сар шамолак барин чизеро эҳсос намуд. Дидагон ба осмон дӯхта, дар баландиҳо ду шоҳинро дид. Шоҳинҳо гӯё бемуроду мақсаде мепаранду мепаранд, вале ҷавон дар парвози онҳо ким-чӣ гуна моҳияте дарк кард – фақат гуфта наметавонист, ки чӣ гуна. Ӯ қарор дод, ҳар як ҳаракати онҳоро дунболгирӣ намояд - шояд он гоҳ забони эшон барояш мафҳум гардад. Шояд он гоҳ биёбон ба ӯ бифаҳмонад, ки ишқи бе комгорӣ, ишқи ба ҷонон нарасидани тан чист.

Ногаҳон ӯро хоб пахш кард. Дилаш ба ин муқобилат мекарду гӯё мегуфт: «Ту ба дарёфти Забони Ягона наздик шудай, дар ин макон бошад, ҳатто, парвози шоҳинҳо дар фазо дорои маъное аст». Сантяго фикран ба сарнавишт, ки аз ишқу муҳаббат лабрез аст, миннатдорӣ намуд.

«Вақте ки ошиқ ҳастӣ, ҳама чиз моҳияту маънои бештар касб менамояд», - андешид ӯ.

Дар ин лаҳза шоҳине тирвор болои дуюмӣ нишеб шуд ва ҳамон замон пеши назари ҷавон манзарае аён гашт: ҷанговарон бо шамшерҳои луч ба ободон даромада истодаанд. Ин манзара мисоли барқ пайдо шуду нопадид гашт, вале аз худ ваҳму парешонӣ боқӣ гузошт. Ӯ дар бораи сароб бисёрҳо шунида буд ва худ чанд бор дид, ки дар регзори биёбон хоҳиши одам дар дуродурҳо сурат пайдо мекунад. Лекин ӯ тамоман намехост, ки ба ободон лашкар зада дарояд.

Сантяго кӯшид, ки ин фикрҳои мағшушро аз сар дур андохта, ба тамошои регу сангҳои ранги гулинорӣ гирифта баргардад. Лекин ким-чизе ба ҷамъ кардани хотир монеъгӣ мекард ва дилаш аз парешонӣ талвоса идома медод.

«Ҳамеша ба аломатҳо пайравӣ бикун», - панд медод ӯро шоҳ Мелҳисиддиқ.

Ҷавон дар бораи Фотима фикр кард. Манзараи дидаашро ба хотир оварда, ҳис намуд: кадом фалокате рӯй хоҳад дод.

Вай аз карахтӣ базӯр худро бадар кард. Аз ҷой хеста, қафо – ба ҷониби нахлистон баргашт. Бори дигар олам зоҳир намуд, ки ба тамоми забонҳо муошират менамояд: акнун на биёбон, балки ободон аз хатар дарак медод .

Уштурбон бар танаи нахли хурмо такя зада, ҷониби ғарб нигоҳ дӯхта буд. Дар ин лаҳза аз паси тал Сантяго намоён шуд.

-Ба ин ҷо лашкар меояд,-гуфт ҷавон. -Ба ман аён гардид .

-Биёбон дили мардонро бо манзараҳои аёншаванда пур мекунад,-ҷавоб дод Уштурбон.

Вале ҷавон ба ӯ дар бораи шоҳинҳо, ба парвози онҳо мушоҳида карданаш ва ногаҳон ба Руҳи Олам ворид шуданашро нақл намуд.

Уштурбон ҳайрон нашуд - вай фаҳмид, ки ҷавон дар чӣ хусус гап мезанад. Вай медонист, ки ҳар чизи рӯи замин метавонад, тамоми рӯйдоди заминро қисса бикунад. Дар кадом саҳифае набошад китобро кушой, ба кафи дастони одам назар андоз, кадом қартаро хоҳӣ, аз бандинааш кашида гир, парвози шоҳинро дар фазо мушоҳида бикун - ҳатман пайвастагиеро хоҳӣ дарёфт аз ҳаёти ҳаминлаҳзаинаи хештан. Ва ин ҷо гап фақат дар сари чизҳо не, балки дар сари он аст, ки одамон ба онҳо назар карда, барои хештан усулҳои ба Руҳи Олам ворид шуданро боз менамоянд.

Дар биёбон одамҳое кам нестанд, ки бо маҳорати ба Руҳи Олам воридшавиашон ризқу рӯзии хеш пайдо менамоянд. Аз онҳо занону мӯйсафедон меҳаросанд ва эшонро фолбин меноманд. Ҷанговарон ба ин тоифа хеле кам рӯи ниёз меоваранд, зеро донӣ, ки туро он ҷо мекушанд, ба майдони ҷанг даромадан осон нест. Сарбозон номаълумӣ ва он ҳиссиётеро дӯст медоранд, ки майдони ҷанг ба кас мебахшад. Оянда бо дастони Офаридгор навишта шудааст ва ҳарчӣ дар номаи аъмол сабт шуда бошад, бо дастони Ӯ сабт шудааст ва он чӣ Ӯ навиштааст, ҳамеша фақат ба манфиати одам хоҳад буд.

Ҷанговарон танҳо бо ҳозира зиндагӣ мекунанд, зеро он пур аз ногаҳониҳост ва бад-ин хотир ба ҳазору як чуну магарҳо эътибор доданро талаб менамояд: аз кадом ҷониб шамшери душман бар сарат хоҳад омад, аспи ӯ чӣ гуна дартоз мешавад, агар ҷонатро паноҳ доданӣ бошӣ, зарбаи адӯро чӣ тариқ баргардонӣ.

Вале Уштурбон сарбоз набуд ва бинобар ин борҳо ба фолбин рӯй оварда буд: баъзеҳо бехато пешгӯӣ мекарданду бархе хато менамуданд. Ва боре аз ҳама солхӯрдатарини онҳо (ана, аз

ҳамонаш бештар метарсиданд) аз ӯ пурсон шуда буд, ки вай ояндаро аз баҳри чӣ донистан мехоҳад.

-Ман фаҳмидан мехоҳам, ки чӣ бояд кунам,- ҷавоб дод вай. -Ва барои он ки рафти он ҳодисаҳоеро дигаргун бисозам, ки пешгирӣ карданашон мехоҳам.

-Набошад, онҳоояндаи ту шуда наметавонанд,- ҷавоб дод фолбин.

-Хайр, ақаллан ба оне тайёр шуда метавонам, ки оянда ба ман рӯй хоҳад дод.

-Агар ягон ҳодисаи хурсандибахш рӯй диҳад, бароят тӯҳфаи ногаҳонӣ - доди Худо мешавад. Ва агар пешомади бад бошад - онро ту хеле бармаҳалтар аз рӯй доданаш эҳсос хоҳӣ кард.

-Бо ман чӣ шуданашро донистан мехоҳам, зеро ман одамам,- дар ҷавоб гуфт Уштурбон. -Охир, одамон азояндаашон вобастагӣ доранд.

Фолбин дуру дароз дам назад. Вай пешомаду сарнавиштро тавассути химчаҳо пешгӯӣ мекард - онҳоро ба замин мепартофт ва синча менамуд, ки чӣ сон хобидаанд. Он рӯз вай қарор дод, ки фол намебинад. Химчаҳояшро ба рӯймолчае печонида, дар ҷайб пинҳон намуд.

-Ман ба мардумояндаашонро пешгӯӣ карда, ризқи худро меёбам,- оқибат ҷавоб дод вай. -Ман медонам, ки химчаҳоро тавре партояму бо кӯмаки онҳо ба фазое ворид шавам, ки ҳама чиз дар бораи ҳамагон навишта шудааст. Дар он ҷо ҳозир шуда, ман фақат гузаштаи одамро мехонам, он чиро мекушоям, ки кайҳо фаромӯш шудааст ва дар асоси онҳо аломатҳои ҳозираро кашф менамоям.

Ман ояндаро намехонам, балки ба андозаи донишу фаросатам дармеёбам, зеро он ба Офаридгор тааллуқ дорад ва худи Ӯ фақат дар ҳолати фавқулодда парда аз рӯи лавҳ мебардорад. Муаммои ояндаро кушодан чӣ хел ба ман даст медиҳад? Аз рӯи аломатҳои ҳозира. Маҳз, ана, дар ҳамин ҳозира тамоми асрор ниҳон аст. Агар ба он эътибори лозимӣ диҳӣ - ҳозираро беҳтар карда метавонӣ. Ҳозираро, ки беҳтар карда тавонистӣ - оянда низ дурахшон хоҳад шуд. Ғами ояндаро нахӯр, бо ҳозира зиндагӣ кун ва бигзор ҳар рӯзи ту ҳамон тариқае даргузар шавад, ки дар Номаи Аъмол сабт шудааст. Эътиқод бар он намо, ки Худованд мудом ғами бандаҳояшро мехӯрад. Ҳар як рӯз бо хештан заррае аз абадият меоварад.

Он гоҳ Уштурбон хост бидонад, он ҳолатҳои фавқулодда, ки боиси аз рӯи лавҳ бардоштани парда аз ҷониби Худованд мешудааст, чӣ ҳолатҳое буда метавонанд.

-Агар танҳо Худи Ӯ кушодан бихоҳад. Худованд бошад, бурқаи ояндаро хеле кам мебардорад. Ва ҳангоме, ки ӯ ба ин амал иқдом менамояд, фақат бо як сабаб: сарнавишт бояд дигаргун карда шавад.

«Ба ин ҷавон Офаридгор ояндаашро боз намудааст,- меандешид ҳозир Уштурбон. -Ҳақ Таоло ба ӯ бо назари раҳматаш нигаристааст».

-Назди пешвоҳо бирав,- фармуд вай ба Сантяго. -Ба онҳо бигӯй, ки ба ободони мо лашкари ғаддор наздик шуда истодааст.

-Онҳо ба ҳолам механданд.

-Не. Онҳо мардуми биёбонанд, яъне эшон одат кардаанд, ки ягон аломату нишонаро беэътибор нагузоранд.

-Агар ин тавр бошад, бояд худашон наздикшавии хатарро бидонанд.

-Онҳо дар ин хусус ғам намехӯранд, зеро бовар доранд, ки агар бо хости Аллоҳ ягон чизро донистанашон лозим шавад, касе ҳатман наздашон омада, хабар медиҳад. Пештар ҳам борҳо чунин шудааст. Акнун ҳамон «касе» ту хоҳӣ шуд.

Сантяго дар бораи Фотима андешида, қарор дод, ки ба боргоҳи пешвоёни ободон биравад.

-Маро назди пешвоҳо бубар,- гуфт ӯ ба посбоне, ки дар даромадгоҳи хаймаи бузурги сафед меистод. - Ман дар биёбон аломатҳо дидам.

Сарбоз дам назада, ба хайма ворид гашт ва он ҷо дурудароз бозмонд. Сипас пешопеши араби ҷавони бурнуси зарринпӯш пайдо шуд. Сантяго ба ҷавон дар бораи дидаҳояш нақл намуд. Вай хоҳиш кард, ки мунтазир бошад ва худ боз андарун рафт.

Шаб фаро расид. Ба хаймаи бузург арабҳо ва савдогарони аҷнабӣ даробаро менамуданд. Баъди чанде гулханҳо хомӯш карда шуданд ва ободон ба мисоли биёбон тадриҷан орому бесадо мегардид. Танҳо дар хаймаи сафед чароғ дармегирифт. Дарозои ин ҳама вақт Сантяго дар бораи Фотима фикр мекард, ҳарчанд маънои сӯҳбати дирӯзаашон бо вай барои ҷавон ҳанӯз ҳам норӯшан буд.

Оқибат баъди интизории тӯлонӣ ӯро ба хайма роҳ доданд.

Он чӣ андаруни хайма дид, ӯро моту мабҳут намуд. Вай, ҳатто, ба андешааш роҳ дода наметавонист, ки дар миёнаҷои биёбони сӯзон инчунин шуданаш имконпазир бошад. Пойҳо дар пати баланди қолинҳои олиҷаноб мeғӯтиданд, дар шифт қандилҳои бузурги аз тиллои холис сохташуда дар партави шамъҳои бешумор дидарабой мекарданд. Пешвоҳои қабоил дар пешгоҳ ба болинҳои абрешумии зарҳалдӯзи мунаққаш такя зада, нимдоира нишаста

буданд. Дар лаганҳои нуқрагӣ пешхидматон шириниҳою чой бурда меоварданд, як идда аз паи он буданд, ки мабодо оташи сархонаи чилим бимирад ва дар фазои хайма накҳати диловез ва гуворои тамоку сайр дошт.

Назди Сантяго ҳашт нафар буданд, вале ӯ ҳамоно дарк намуд, ки сарварашон араби дар мобайн нишастаи сафедпӯш ва бурнуси заррин дар китф мебошад. Паҳлӯи вай ҳамон ҷавоне қарор гирифта буд, ки назди Сантяго ба даромадгоҳи хайма омад.

-Кист он аҷнабие, ки дар хусуси аломатҳо ҳарф мезанад?- суол кард яке аз пешвоҳо.

-Ин манам,- посух дод Сантяго ва дар бораи тамоми манзараҳои дидааш нақл намуд.

-Чаро биёбон қарор додааст, ки дар хусуси ин ҳама ба аҷнабӣ хабар диҳад, он медонад, ки ҳанӯз бобокалонҳои мо дар ин ҷо мезистанд?- пурсид пешвои дигар.

-Гап сари он аст, ки чашмони ман ҳоло ба биёбон он чӣ бояд хӯ нагирифтааст, аз ин хотир он чизҳоеро мушоҳида менамояд, ки дигар дидагони мардуми таҳҷой намебинанд,- гуфт Сантяго ва дар дил илова намуд: «Ва ба он хотир, ки барои ман Руҳи Олам боз аст».

Инро бо садои баланд изҳор накард, чунки арабҳо ба ин чизҳо бовар намекунанд.

-Ободон замини бесоҳиб - умумӣ аст. Касе ҷасорат намекунад, ки ба ин ҷо тохт оварад,- хитоб кард пешвои сеюмӣ.

-Ман фақат ҳамон чизро мегӯям, ки бо чашмони худ дидаам. Агар бовар надоред - ҳамаро ҳамон хеле, ки ҳаст, мондан гиред.

Дар хайма хомӯшии пуршиддате ҳукмрон гардид, сонӣ пешвоён тезутунд бо ҳамдигар ба баҳс пардохтанд. Онҳо ба шевае гуфтугӯ мекарданд, ки Сантяго намефаҳмид ва гоҳе, ки ӯ сӯи баромади хайма ҳаракат намуд, посбон боздошт. Ҷавонро воҳима пахш намуд. Аломатҳо ба хатар ишора менамуданд ва ӯ аз ҳақгӯияш ба Уштурбон пушаймон гардид.

Лекин, ана, он пиракии дар мобайн қароргирифта ноаён табассум намуд ва Сантяго ҳамоно осуда гашт. То ин дам ин шахси мӯътабар сухане бар забон наронда ва ба баҳсҳо ҳамроҳ нагардида буд. Вале ҷавон, ки барояш Забони Олам мафҳум буд, эҳсос мекард, ки наздикшавии ҷанг хаймаи бузургро ба ларза овардааст ва фаҳмид, ки ба ин ҷо омада, рафтори оқилона содир намудааст.

Ҳамагон хомўш шуданд ва бодиққат гуфтаҳои мўйсафедро гўш доданд. Вай бошад, ба Сантяго рўй овард ва ин карат ҷавон дар чеҳрааш муносибати сард ва бегонаеро мушоҳида намуд.

-Ду ҳазор сол муқаддам одамеро аз ин ҷо хеле дур ба зиндон партофта, баъд ба ғуломиаш фурўхта буданд, ба он хотир, ки вай ба хоби худ бовар карда буд,- сухан оғоз кард пиракӣ. – Тоҷирони мо ўро ба Миср оварданд. Мо ҳама медонем, касе, ки ба хоб боварӣ дорад, онро таъбир ҳам карда метавонад.

«Ҳарчанд ки на ҳамеша онро ба ҳақиқат табдил дода метавонад»,- андешид Сантяго лўлизани кўҳансолро ба хотир оварда.

-Ҳамон одам ба фиръавн хобашро дар бораи ҳафт сар гови хароб ва ҳафти дигари фарбеҳ таъбир намуда, Мисрро аз гуруснагӣ наҷот бахшида буд. Номи вай Юсуф буд. Вай ҳам монанди ту аҷнабӣ буду синну солаш ба соне буд, ки ҳоло ту дорӣ.

Вай дам фурў баст. Чашмонаш мисли пешина сард буданд.

-Мо мудом ба Анъана пайравӣ менамоем. Анъана Мисрро аз гуруснагӣ наҷот бахшид, мардуми онро аз ҳама давлатмандтар намуд. Анъана сабақ медиҳад, ки биёбонро чӣ гуна убур кардан ва чӣ тариқа духтаронамонро ба шавҳар додан лозим аст. Анъана мефармояд, ки ободон замини бесоҳиб - умумӣ аст, зеро ҳар ду тарафи пархошкунанда ба он эҳтиёҷ доранду бидуни он ба ҳалокат мерасанд.

Касе ҳарфе назад.

-Ҳамчунин Анъана ба мо тақозо менамояд, ки ба муждаю хабарҳои фиристодаи биёбон бовар бикунем. Ҳар он чӣ мо медонем, моро биёбон сабақ омўзонидааст.

Бо ишораи вай арабҳо бархостанд. Анҷуман ба охир расида буд. Сархонаи чилимро хомўш намуданд, ҷондорон ба берун роҳ гирифтанд. Сантяго низ қасди баромадан карда буд, ки пиракӣ изҳор намуд:

-Пагоҳ мо аз Қонун қадам берун мениҳем, ки дар асоси он касе дар ободон ҳуқуқи силоҳ бардоштан надорад. Мо тамоми рўз душманро чашмдор мешавем ва ҳангоми офтобшинам сарбозон дубора силоҳҳоро ба ман месупоранд. Ба ҳар даҳ нафари душмани кушташуда ту яктогӣ тангаи тилло соҳиб мешавӣ. Лекин силоҳи маротибае ба даст гирифтаро беистифода ба ҷояш гузоштан мумкин нест - он бояд маззаи хуни душманро бичашад. Силоҳ ба мисоли биёбон инҷиқ аст ва дафъаи дигар аз буридану пора сохтан саркашӣ карданаш аз эҳтимол дур нест. Агар ба

силоҳи мо фардо кори дигар пайдо нашавад, пас мо онро зидди ту равона хоҳем кард.

Ҳангоме, ки ҷавон хаймаро тарк намуд, дид, ки ободон танҳо аз моҳтоб рӯшаной мегираду бас. То хаймае, ки мезист, тахминан бист дақиқа роҳ гаштан лозим меомад ва ҷавон ҷониби он қадам зад.

Ӯ аз ҳодисаҳои рухдода сахт хавотир буд. Ба вай муяссар гардид, ки ба Руҳи Олам ворид гардад ва барои ин, шояд ӯро лозим меояд, ки бо баҳои ҷонаш ҳисобӣ бикунад. Аз ҳад гаронку не? Вале худи ӯ ба чунин байъу ҳисса аҳд намуд, ҳамон вақте ки гӯспандонашро фурӯхта, аз паи Тақдири Худ рафтанӣ шуд. Ва чунонки Уштурбон мегуфт, одам ду маротиба намемирад... Чӣ фарқ дорад: марг пагоҳ меояд ё рӯзе дертар? Ҳар рӯз муносиб аст, ки умрро арзанда ба охир расонӣ ва ё вақту соататро чанд гоҳи дигар мунтазир бишавӣ. Ҳамааш ба «Мактуб - Сарнавишт» марбут аст.

Сантяго хомӯшона мерафт. Ӯ аз ягон кораш пушаймон набуду ғами ягон чизро намехӯрд. Агар пагоҳ мемурда бошад, маълум мешавад, ки Худованд ояндаашро дигаргун кардан намехостааст. Валекин ӯ мемирад, пас аз он ки аз халиҷ он сӯ шино карда гузашт, дар дӯкончаи булӯрфурӯшӣ санъати тиҷорат омӯхт, биёбонро убур карда, ба маънои хомӯшии он сарфаҳм рафт, аз дидагони зебои Фотима сабақ гирифт. Аз ҳамон даме, ки хонаашро тарк намуд, ягон рӯзаш барабас нарафтааст. Ва агар пагоҳ чашмони ӯ абадӣ пӯшида гарданд ҳам, онҳо назар ба дидагони чӯпонҳои дигар ба мушоҳидаи бисёр чизҳо насибадор шуданд. Сантяго бо ин ифтихор мекард.

Ӯ ногаҳон гулдурроси сахтро эҳсос намуд ва ҳамоно аз вазиши шамоли пурқуввате бар замин ғалтид. Пардаи рег моҳтобро руст намуд. Ҷавон назди худ аспи бузургҷуссаи сафедро дид, ки чароғпоя шуда, шиҳаи пурдаҳшат мекашид.

Вақте чанг каме фурӯ нишаст, Сантяго тарси дар умри сар ягон маротиба дар дилаш роҳнаёфтаеро эҳсос намуд. Болои аспи сафед савораи салладоре менишаст - саропо сиёҳпӯш ва дар китфи чапаш шоҳин қарор дошт. Рӯи вай панаҳ буд ва танҳо чашмонаш менамуданд. Агар қади болояш истисно бишавад, вай ба ҳамон бодиянишиноне шабоҳат дошт, ки корвонро истиқбол карда, дар бораи рӯйдодҳои биёбон ба мусофирон хабар медоданд.

Рӯшноии моҳтоб дар теғи ҳилолшакл мунъакис гардид - ин савора шамшерашро аз ғилофи ба зин ҳамоилкардааш кашида бароварда буд. Бо овози раъдосо, ки ба он гӯё тамоми панҷоҳ

ҳазор бех нахли ободони Ал-Фаюм акси садо доданд, бонге зад вай:

-Кӣ ҷасорат намуд, ки маъною моҳияти парвози шоҳинҳоро сарфаҳм биравад?

-Ман,- ҷавоб дод Сантяго.

Дар ин лаҳза савора ба назари ҷавон ба Яъқуби Муқаддас - Ғолиби Мағрибиҳо, ки болои аспи сафед, ҳини пойкӯбкунии кофирон тасвир шуда буд, комилан монанд буд. Айнан худи ӯ барин - фақат ин ҷо манзара баръакс .

-Ман,- такрор намуд ӯ ва барои қабули зарбаи ҷонкоҳ сар хамонд. - Ҳаёти одамони бисёре наҷот дода хоҳад шуд, зеро шумо Руҳи Оламро ба ҳисоб нагирифта будаед.

Аз чӣ бошад, теғ ба оҳистагӣ поён мешуд ва оқибат нӯги он ба пешонаи ҷавон омада расид. Як қатра хун боло дамид.

Савора беҳаракат меистод. Сантяго ҳам шах шуда монд. Ӯ, ҳатто, кӯшиши гурехтан накард. Дар ким-кадом жарфои ҳастияш эҳсоси шодмонӣ падид омада, ба тамоми пайкараш паҳн мешуд: ӯ ба хотири Тақдири Худ мемирад. Ва ба хотири Фотима ҳам. Маълум мешавад, ки аломатҳо фиреб накардаанд. Мана, назди ӯ Душман, ин аст, ки марг вайро, ҳатто, зарра барин наметарсонад, зеро Руҳи Олам мавҷуд аст ва пас аз лаҳзае ӯ ҷузъи он мегардад. Пагоҳ бошад, ҳамин қисмат ба Душман ҳам даст меёбад.

Савора дар ин фосила ҳанӯз зарба намезад.

-Чаро ту ин корро кардӣ?

-Ман фақат он чизеро, ки шоҳинҳо изҳор намуданд, шунидаму дарк кардам. Онҳо ободонро наҷот додан мехостанд. Муҳофизони ободон шумоёнро маҳв месозанд, зеро онҳо сершуморанд.

Теғ мисли пешина танҳо ба пешонааш расида меистод.

-Ту кистӣ, ки ба муқаррароти Аллоҳ даст мекобӣ?

-Худованд нафақат лашкару ҷанговарон, балки шоҳинҳоро ҳам офарид. Аллоҳ забони онҳоро бароям фаҳмо кард. Ҳамаи чиз дар рӯи олам ба як даст навишта шудааст,- ҷавоб дод ҷавон суханони Уштурбонро ба хотир оварда.

Савора оқибат шамшерро дур намуд. Сантяго нафас рост кард.

-Дар пешгӯиҳо эҳтиёт бояд шуд,- гуфт савора. –Ягон кас аз пешомаде, ки муқаррар шудааст, халос шуда наметавонад.

-Ман фақат лашкарро дидам,- гуфт ҷавон. -Поёни ҷанг бароям маълум нест.

Ба савора чунин посух писанд омад, вале ӯ барои бар ғилоф ниҳон кардани шамшер саросема намешуд.

- Аҷнабӣ дар ин ҷо чӣ кор мекунад?

-Ман Роҳи худро мекобам. Лекин чӣ будани онро ту фаҳмида наметавонӣ.

Савора шамшер ба ғилоф гузошт. Шоҳини дар китфаш нишаста садои гӯшкаркунандае баровард. Даҳшату шиддати Сантягоро фарогирифта раво - раво фурӯ менишаст.

-Ман мехостам, ҷасорати туро бисанҷам. Барои онҳое, ки дар суроғи Забони Олам ҳастанд, аз ин дида муҳимтар хислати дигар нест.

Ҷавон ба ҳайрат афтод. Савора дар бораи чизҳое изҳори назар мекард, ки кам касон ба он сарфаҳм мерафтанд.

-Ғайри ин лаҳзае ҳушёриро аз даст набояд дод, ҳатто, агар роҳро ба тамомӣ тай карда бошӣ ҳам,- идома дод савора. - Биёбонро ҳам дӯст доштан мумкин, лекин ба он пурра бовар кардан нашояд. Зеро биёбон ин имтиҳон барои одамӣ аст: як сония эътиборро ба ҷои дигар равона кардан кифоя аст, ки фано бишавӣ.

Суханони ӯ ба Сантяго мӯйсафед Мелҳисиддиқро ёдрас шуданд.

-Агар то он даме, ки ҷанговарон биёянду ҳанӯз сари ту болои китф амон бошад, маро кофта, биёб,- гуфт савора.

Дар он дасте, ки чанде пеш шамшерро медошт, қамчин пайдо гардид. Асп дубора абри чангро ба осмон дакка дода, ба пеш тохт.

-Ту дар куҷо зиндагӣ мекунӣ?- Сантяго аз қафояш фарёд зад.

Савора дар айни тохт бо қамчин сӯи ҷануб ишора намуд.

Ҳамин тариқа ҷавон бо Кимиёгар вохӯрд.

Рӯзи дигар таҳти дарахтони ободони Ал-Фаюм ду ҳазор тан одамони силоҳдор мунтазирӣ доштанд. Офтоб ҳанӯз баланд нашуда, дар уфуқ панҷсад нафар ҷанговарон падидор шуданд. Саворҳои ғаддор ба ободон аз ҷониби шимол дохил шуданд, онҳо вонамуд мекарданд, ки бо сулҳу салоҳ омадаанд, вале силоҳҳояшон зери бурнус ниҳонӣ медоштанд. Фақат вақте ки онҳо ба хаймаи калони пешвоён наздик расиданд, дар дастонашон яроқи оташфишон ва шамшер пайдо шуд. Аммо хайма холӣ буд.

Сокинони ободон саворҳои биёбонро иҳота намуданд ва пас аз ним соат рӯи рег чаҳор саду наваду нӯҳ ҷасад мехобид. Кӯдаконро ба нахлистон бурда буданд ва онҳо чизеро надиданд, ба сони занҳо ҳам, ки дар хаймаҳо монда, барои шавҳарҳои худ

дасти дуо сӯи Худо мекушоданд. Агар ҷасадҳои паҳну парешони мурдагон намебуд, ободон ҳамон сон менамуд, ки ҳамеша буд.

Фақат як тан - оне, ки ба саворахои ба Ал-Фаюм тохтоварда сарварӣ мекард, зинда монд. Вайро назди пешвоёни қабоил оварданд ва онҳо пурсиданд, ки чаро вай Анъанаро зери по кард. Вай ҷавоб дод, ки сарбозонаш аз ҷангҳои беохир, гуруснагию ташнагӣ ба ҷон омада, қарор карданд, ки ободонро забт бикунанд ва баъд дубора ба ҷанг идома бубахшанд.

Пешво гуфт, ки ба ҷанговарон ҳар қадар дилаш месӯхта бошад ҳам, касе ҳақ надорад, ки Анъанаро вайрон бикунад. Дар биёбон бо таъсири шамол танҳо сурати талҳои рег дигар мешавад, вале боқӣ ҳама чиз бетағьйир хоҳад монд.

Сарлашкарро ба марги шармандавор маҳкум намуданд: ба тир ва ё зарбаи шамшер лоиқ надониста, вайро дар шохаи нахли хушкидаи хурмо ба дор карданд ва шамоли аз ҷониби биёбонвазанда ҷасади манфурашро муддати дароз алвонҷ медод.

Пешво аҷнабиро даъват карда, ба ӯ панҷоҳ тангаи тиллоиро бахшид. Сипас дубора қиссаи Юсуфро нақл карда, аз ҷавон дархост намуд, ки Маслиҳатгари Бузургаш бишавад.

Вақте офтоб фурӯ рафта, дар осмон ситораҳои нахустин хира (зеро моҳ пурра шуда буд) шӯълапошӣ намуданд, Сантяго сӯи ҷануб раҳсипор гардид. Он ҷо танҳо як хайма меистод ва одамони рӯ ба рӯшудааш мегуфтанд, ки ин ҷоро ҷинҳо дӯст дошта, макон кардаанд. Вале ӯ назди хайма нишаста, мунтазир шудан гирифт.

Кимиёгар басе дер – вақти ба авҷ наздик шудани моҳтоб - пайдо шуд. Дар китфони ӯ ду сар шоҳини мурда овезон буд.

-Ман ин ҷо,- гуфт Сантяго.

-Ва беҳуда кардӣ. Магар Тақдират туро сӯи ман меоварад?

-Ҷанг идома дорад. Ман биёбонро убур карда наметавонам.

Кимиёгар рафторашро тезонид ва Сантягоро бо ишора ба хайма таклиф намуд - он, агар хаймаи бузурги афсонавор орододаи пешвоён сарфи назар шавад - ба истиқоматгоҳи тамоми сокинони ободон шабоҳат дошт. Сантяго бо нигоҳаш қӯраю дастгоҳи дамандозӣ, ускунаҳои шишагии кимиёгариро меҷуст, лекин ба ҷуз чанд китоби фарсуда[1] дигар чизе пайдо накард. Фаршро қолинҳое пӯшонида буданд, ки нақшҳои асрорангез доштанд.

-Бишин, ман чой тайёр мекунам,- гуфт Кимиёгар. -Аз ин шоҳинҳо ҳарду хӯроки шом пухта мехӯрем.

Ҷавон гумон кард, ки инҳо ҳамон шоҳинҳоеанд, ки дирӯз дар фазо дида буданд, вале бо овози баланд чизе нагуфт. Кимиёгар

дар оташдон оташ гиронд ва муддате нагузашта дар хайма бӯи гӯшти бирён паҳн гардид. Он аз бӯи дуди чилим гуворотар буд.

-Барои чӣ ту маро дидан мехостӣ?

- Ҳама гап сари аломатҳо. Шамол ба ман ҳикоят кард, ки ту наздам меоӣ ва ба ту кӯмаки ман лозим будааст.

-Не, ин ман не, мусофири дигар - Британӣ. Ин вай туро суроғ дошт.

-Пеш аз он ки вай маро пайдо кунад, мулоқотҳои бисёре ӯро дар пешанд. Аммо вай дар роҳи дуруст қарор гирифтааст. Вай акнун нафақат ба китобҳо менигарад.

-Ман чӣ?

-Агар ту ягон чиз бихоҳӣ, тамоми Чархи Гардун мусоидат бар он мекунад, ки хоҳишат ба ҷо ояд,- такрор намуд Кимиёгар суханони мӯйсафед Мелҳисиддиқро ва ҷавон фаҳмид, боз бо шахсе вохӯрдааст, ки барои аз паи Тақдири худ рафтан ба ӯ кӯмак хоҳад кард.

-Ту ба ман сабақ хоҳӣ дод?- пурсид ӯ.

-Не. Ту аллакай ҳамаи чизҳои даркориро медонӣ. Ман фақат самтеро нишон медиҳам, ки дар он ҷо ганҷинаи ту маҳфуз аст.

-Лекин дар биёбон ҷанг меравад, охир,- такрор намуд Сантяго.

-Ман биёбонро медонам.

-Ман аллакай ганҷинаи худро ёфтам. Ман уштур дорам, аз савдои булӯр пули коркардаам кам нест ва боз панҷоҳ тангаи тиллоӣ. Акнун дар ватанам ман давлатманд мешавам.

-Вале ҳамаи инҳо туро ба аҳромҳо ақаллан як қадам наздик нахоҳанд кард, -хотиррасон намуд Кимиёгар.

-Ман Фотима дорам. Ин ганҷина бо ҳама боигарии боқӣ баробар аст.

-Аз вай ҳам то аҳромҳо хеле роҳ аст.

Онҳо хомӯш шуда, аз паи таомхӯрӣ шуданд. Кимиёгар шишаеро кушода, ба ҷоми Сантяго ким-чӣ хел нӯшокии сурхро рехт. Он май будааст, ки монанди онро ҷавон пештар наошомида буд. Охир, шариат нӯшидани шаробро манъ менамояд.

-Бадӣ дар он нест, ки ба даҳони одамӣ медарояд, балки дар он аст, ки аз даҳони ӯ мебарояд,- гуфт Кимиёгар.

Сантяго аз май сархуш гардид. Вале хӯҷаин, мисли пешина, дар ниҳоди ӯ тарсу изтироб меангехт. Онҳо паҳлӯи ҳам, андар даромади хайма менишастанд ва мушоҳида менамуданд, ки чӣ тавр ситораҳо ҳангоми шӯълапошӣ намудани моҳтоби пурра хомӯш мегаштанд.

-Бинӯш боз - ин туро аз андешаҳо эмин медорад,- гуфт Кимиёгар, ки ба ҷавон чӣ гуна таъсир намудани майро пай бурда буд. -Қувваю нерӯ бигир, ончунон ки барои ҷанговар пеш аз набард мебояд. Вале фаромӯш макун, ки дили ту он ҷоест, ки ганҷина ҳамон ҷост. Онҳоро бошад, ёфтан лозим, чунки ҳар он чӣ, ки ту дар роҳи суроғашон дарк намудию эҳсос кардӣ, танҳо бо дарёфти ганҷина моҳият касб менамояду бас.

Пагоҳ уштури худро бифурӯшу асп бихар. Уштурҳо хислати маккорона доранд: онҳо монда нашуда қадам задан мегиранду қадам задан мегиранд. Ва ногаҳон ба зону менишинанду ҷон медиҳанд. Асп бошад, раво-раво аз қувва меравад. Ва ҳамеша гуфтан мумкин аст, ки он боз чӣ қадар роҳ гашта метавонаду кай аз по мефитад.

Рӯз гузашт ва бегоҳӣ Сантяго аз лигоми асп гирифта, назди хаймаи Кимиёгар омад. Дере нагузашта вай пайдо гашт, ба аспи худ нишаст ва шоҳин дар китфи чапи ӯ ҷои хештан гирифт.

-Ба ман ҳаётро дар биёбон нишон деҳ,- гуфт ӯ. -Танҳо ҳамон касе, ки дар ин ҷо ҳаётро дарёфта метавонад, ганҷинаро ҳам кофта меёбад.

Онҳо аз болои реги аз нури моҳтоб рӯшанигирифта ба роҳ афтоданд. «Гумон аст, ки ин кор ба ман даст диҳад,- меандешид Сантяго. -Ман биёбонро тамоман намедонам ва дар он ҳаётро ёфта наметавонам».

Ӯ мехост, ба Кимиёгар рӯй оварда, ба вай дар ин бора иқрор шавад, вале тарсид. Назди ҳамон сангҳо омаданд, ки ҷавон болояшон истода, ба парвози шоҳинҳо мароқ зоҳир карда буд.

-Метарсам, ки аз ӯҳдаи ин кор намебароям,- оқибат ҷасорат пайдо карда гуфт Сантяго. -Медонам, ки дар биёбон ҳаёт ҳаст, вале онро дарёфта наметавонам.

-Ҳаёт сӯи худ ҳаётро мекашад,- ба ин посух дод Кимиёгар.

Ҷавон сухани ӯро сарфаҳм рафт, лигомро аз даст боз намуд ва аспи ӯ барои худ аз миёни регу сангҳо роҳ ёфта, рафтан гирифт. Кимиёгар аз пасашон меомад. Ҳамин тариқа ним соат сипарӣ гардид. Аллакай дар дуриҳо нахлистон ниҳон гардид, ҳама чиз гум шуданд, ба ҷуз талҳо, ки аз рӯшаноии моҳтоб нуқрафом метофтанд. Оқибат аспи Сантяго бозистод - ҷавон дар ин ҷо ягон маротиба набуд.

-Ин ҷо ҳаёт ҳаст,- гуфт ӯ ба Кимиёгар. -Ба ман забони биёбон мафҳум набошад ҳам, аз тарафи дигар аспам ба забони ҳаёт балад аст.

Онҳо пиёда шуданд. Кимиёгар лаб фурӯ баста буд. Ба сангҳо нигоҳкунон ва ба пеш қадам мезад. Сипас ногаҳон бозистода, эҳтиёткорона ба атроф синча намуд. Дар замин байни сангҳо сӯрохие сиёҳӣ мекард. Вай ба он аввал ангушт халонд ва баъд дасташро то китф даровард. Андаруни сӯрох ким-чизе талвоса кард ва Сантяго дар чашмони Кимиёгар – фақат дидагони вайро ҷавон дида метавонист - диққати пуршиддатеро бидид: вай гӯё бо чизе часпу талош мекард. Сипас бо ҳаракати барқосо, ки аз он Сантягои ноогоҳ як қад парид, дасташро аз сӯрохӣ кашида, ба пой хест. Вай дар дасти худ мореро аз думаш дошта меистод.

Сантяго ҳам аз ҷой ҷаста, худро қафо кашид. Мор дар ангуштони Кимиёгар ҷастухез карда, бо фашшоси худ хомӯшии бепарвоёнаи биёбонро вайрон намуд. Ин мори кубро буд, ки заҳри нешаш одамро дар дақиқаҳои башумор мекушад.

«Чӣ хел нотарс аст вай?!» - аранге ин фикр дар майнаи ҷавон пайдо шуд. Кимиёгар, дасташро ба лонаи кубро андохта, бо ҳаёти хештан таваккал карда буд, вале чеҳраи ӯ як хел - ором мондан гирифт. «Дусадсола аст вай»,- Сантяго ба хотир овард гуфтаи Британиро. Бояд, ки вай дар биёбон бо мор чӣ гуна муносибат карданро медонист.

Ана, вай ба аспи худ наздик шуд ва шамшери ба қоши зин овехтаашро аз ниём баровард. Дар рӯи рег доирае кашида, дар миёнаи он мори ҳамон лаҳза оромшударо гузошт.

-Натарс,- гуфт вай ба Сантяго. -Аз ин доира ӯ берун намебарояд. Ту бошад, далели онро гирифтӣ, ки дар биёбон ҳам ҳаёт вуҷуд дорад. Ана, худи ҳамин барои ман даркор буду бас.

-Магар ин ҳамин хел муҳим аст?

-Басе муҳим. Аҳромҳо бо биёбон иҳота шудаанд.

Сантяго намехост, дигарбора дар бораи аҳромҳо гап кушояд - ҳанӯз динашаб инҷониб дар дили ӯ санги гароне пайдо шуда буд. Аз паи ганҷина рафтан маънои аз даст додани Фотимаро дошт.

-Ман худам роҳбалади ту мешавам, -гуфт Кимиёгар.

-Хуб мешуд, ки ман дар ободон бимонам,- ҷавоб дод Сантяго.- Охир, ман аллакай Фотимаро дучор омадам, вай бошад, бароям аз тамоми ганҷинаҳо авлотар аст.

-Фотима духтари биёбон аст. Магар вай намедонад, ки мардон баромада мераванд, то ки баъдтар баргашта оянд. Вай ганҷинаи худ- туро ёфт. Акнун умедвор аст, ки ту ҳамон чизи суроғ мекардагиатро ба даст меоварӣ.

-Агар ман ба мондан қарор кунам чӣ?

-Он гоҳ ту Маслиҳатгари Пешво мешавӣ. Ту соҳиби он қадар тилло мегардӣ, ки ба онҳо гӯспанду уштури бешумор харидан мумкин. Ба Фотима хонадор мешавӣ ва соли аввал бо вай хушбахтона умр ба сар мебарӣ. Ту дӯст доштани биёбонро ёд мегирӣ ва ҳар кадоме аз панҷоҳ ҳазор бех нахлро мешинохтагӣ мегардӣ. Сарфаҳм меравӣ, ки нахлҳо чӣ гуна қад меронанд ва бо камолёбии худ бароят собит хоҳанд кард, ки олам пайваста дигар мешавад. Рӯз то рӯз ту аломатҳоро бештару хубтар мехондагӣ мешавӣ, зеро ки аз биёбон дида омӯзгори беҳтаре нест.

Лекин як сол даргузар мешавад ва ту аз ганҷина ёд мекунӣ. Аломатҳо дар бораи он пайваста хабар додан мегиранд, вале ту мекӯшӣ, ки онҳоро сарфи назар бикунӣ. Ту донишу малакаи хештанро ба манфиати ободон ва мардумонаш ба харҷ медиҳӣ. Пешвоёни қабоил аз ту мамнуну ризо мегарданд, уштурҳо бошанд, ба давлатат давлат зам намуда, мақоматро мустаҳкам месозанд.

Боз як соли дигар сипарӣ мешавад. Аломатҳо мисли пешина ба ту дар бораи ганҷина ва Роҳ ишораҳо кардан мегиранд. Шабҳои дарозро ту дар ободон бо андешаю қадамзанӣ рӯз менамоӣ, Фотима бошад, гирифтори ғам мешавад, чунки мефаҳмад, ки ту барои вай шуда ҷустуҷӯятро қатъ кардаӣ. Вале ту чун пештара Фотимаро дӯст хоҳӣ дошту вай ҳам ба ҳамин гуна ҳиссиёт ҷавобат хоҳад дод. Ба хотир меоварӣ, ки вай аз ту ягон маротиба хоҳиш накарда буд, ки дар ободон бимонӣ, зеро занони биёбон бозгашти шавҳарони хешро бурдборона мунтазир шуда метавонанд. Ва ту наметавонӣ, ки вайро ба ягон чизе гунаҳгор намоӣ ва шабҳои шабро бо қадамзании биёбон ва миёни нахлҳо рӯз хоҳӣ кард, меандешӣ, ки чӣ мешуд, ки ба ишқат нисбати Фотима бештар эътимод баста, метавонистӣ, ба сафар, бешак, кайҳо иқдом намоӣ. Зеро туро дар ободон тарс боздоштааст- ту тарс аз он дорӣ, ки дигар ба ин ҷо барнахоҳӣ гашт. Дар он вақт бошад, аломатҳо ба ту маълум хоҳанд кард, ки ту аз ганҷина абадан маҳрум мондаӣ.

Соли чаҳорум фаро мерасад ва аломатҳо барҳам мехӯранд, барои он ки ту дигар онҳоро дида тавонистан намехоҳӣ. Инро фаҳмида, пешвоён аз хидмати ту даст мекашанд, лекин ту дар ин фосила, аллакай савдогари калон мегардӣ, ту соҳиби дӯконҳои зиёде ва галаҳои бузурги уштур мешавӣ. Ва то поёни умр ту байни нахлҳову биёбон дилгирона қадамҳои беҳуда мезанӣ, медонӣ, ки бо Роҳи Худ нарафтиву акнун бошад, аллакай дер шудааст.

Ҳамин тариқа ҳеҷ гоҳ нахоҳӣ фаҳмид, ки ишқу муҳаббат ба одам барои аз паи Тақдири Худ рафтан халал намерасонад. Агар ҳамин тавр рух дода монад, пас маълум мешавад, ки он ишқи ҳақиқӣ набудааст, на он ишқе будааст, ки ба Забони Ягона ҳарф мезанад,- хотима дод Кимиёгар.

Вай доираи дар рӯи рег кашидаашро боз намуд ва кубро ҳадаҳа хазида, байни сангҳо нопадид гардид. Сантяго Савдогари булӯрро ба хотир овард, ки тамоми умр орзуи зиёрати Маккаро мекард, Британиро ба ёд овард, ки дар суроғи Кимиёгар рӯз мегузаронд. Ҳамчунин занеро тасаввур намуд, ки бовар дошт - биёбон барояш рӯзе одамеро мебахшад, ки зан хоҳиши дӯст доштани ӯро дар дил мепарварид.

Онҳо ба аспҳояшон савор гаштанд. Ин карат пешопеш Кимиёгар мерафт. Шамол ба онҳо садоҳои сокинони ободонро меоварда ва ҷавон мекӯшид, ки аз байни онҳо овози форами Фотимаро ҷудо бикунад. Чанд гоҳ мешавад, ки ӯ ба касофати ҷанг шуда, бо дилоромаш назди чоҳ мулоқот накардааст.

Вале имшаб ӯ ба мори кубро, ки сарҳади доираро вайрон карда наметавонист, назар дӯхта, суханони ин савораи пурасрори дар китф шоҳиндорро гӯш дод, ки ба ӯ дар хусуси ишқу муҳаббат, ганҷинаҳо, занони биёбон ва Тақдири Худ мегуфт.

-Ман бо ту меравам,- изҳор намуд Сантяго ва худи ҳамон лаҳза эҳсос кард, ки дар дилаш оромию салоҳ ҳукмрон гардид.

-Мо пагоҳ, то субҳдам ба роҳ мебароем,- дар ҷавоб фақат ҳамин қадар гуфт Кимиёгар.

Шабона ӯ хоб карда натавонист. Ду соат пеш аз саподадам яке аз ҷавонони дар хайма ҳамроҳаш хобидаро бедор намуда, хоҳиш кард, ки ҷои истиқомати Фотимаро нишонаш диҳад. Онҳо ҳамроҳ берун баромаданд ва ба сифати миннатдорӣ Сантяго ба шарикаш пул дод, то ки барои худ гӯспанде бихарад.

Сипас аз вай илтимос кард, ки духтаракро бедор карда, бирасонад, ки интизораш ҳастанд. Ҷавони араб инро ҳам ба ҷо овард ва боз ба як сар гӯспанди дигар пулдор шуд.

-Акнун моро танҳо гузор, -гуфт Сантяго ва ҷавон бо хурсандии гароне, ки ба худи Маслиҳатгар кӯмак расонидааст ва аз он ки акнун барои харидани гӯспанд пул дорад, ба хаймаи худ баргашт ва хоб рафт.

Фотима падидор шуд. Онҳо ба чакалакзори нахл бирафтанд. Сантяго медонист, ки Анъанаро вайрон мекунад, лекин акнун ин чандон аҳамият надошт.

-Ман меравам,- гуфт ӯ. -Вале мехоҳам, ки ту бидонӣ: ман бармегардам. Ман туро дӯст медорам, зеро ки ...

-Ягон чиз гуфтан лозим нест,- сухани ӯро бурид духтарак. - Дӯст медоранд, барои он ки дӯст медоранд. Ишқ далелу бурҳонро эътироф наменамояд.

Вале Сантяго идома дод:

-...барои он ки хоб дидам, шоҳ Мелҳисиддиқро вохӯрдам, булӯр фурӯхтам, биёбонро убур кардам ва ҳангоми сар шудани ҷанг ба ободон омадам ва назди чоҳ аз ту пурсидам, ки Кимиёгар дар куҷо зиндагӣ дорад. Ман туро дӯст медорам, барои он ки тамоми Чархи Гардун ба вохӯрии мо мусоидат намуд.

Онҳо ҳамдигарро ба оғӯш гирифтанд ва пайкарҳояшон бори нахуст ба ҳам пайвастанд.

-Ман бармегардам,- такрор намуд Сантяго.

-Пештар ман ба биёбон бо талабу хоҳиш менигаристам, акнун бошад, бо умед дида чор менамоям. Падари ман ҳам чандин маротиба ба биёбон мерафт ва ҳар карат назди модарам бармегашт.

Дигар ҳарфе гуфта нашуд. Онҳо боз чанд қадам аз байни нахлҳо гузоштанд ва сипас Сантяго Фотимаро то хаймааш гусел намуд.

-Ман бармегардам, чунонки падарат барғашта буд.

Ӯ дар дидагони духтарак ашки шашқаторро мушоҳида намуд.

-Ту мегирйӣ?

-Ман зани биёбониам,- гуфт вай рӯяшро панаҳкунон. -Лекин ман, пеш ҳама, умуман зан ҳастам.

Вай паси пардаи хайма ниҳон гашт. Аллакай сапеда медамид. Вақте субҳ медамад, Фотима мебарояду ба он корҳое машғул мешавад, ки дарозои ҳама солҳои умраш машғул мешуд, вале акнун он ҳама корҳояш ранги дигар мегиранд. Дар ободон Сантяго дигар нест ва ободон барои вай аҳамияти пешинаи худро гум мекунад. Ин пештар - дирӯзакак - ободон барояш ҷое буд, ки панҷоҳ ҳазор бех нахл мерустанду сесад чоҳ воқеъ буд, ба ин ҷо мусофирони аз роҳи дурандароз кӯфташуда бо фараҳу шодии бепоён мешитофтанд. Аз ин дам то ба оянда ободон барои вай холӣ мешавад.

Аз ҳамин рӯз биёбон мақоми муҳимтар касб менамояд. Фотима ба он нигоҳҳои тӯлонӣ дӯхта, муқаррар карданӣ мешавад, ки Сантяго дар суроғи ганҷинааш ба кадом ситора самти роҳаш пайваст менамояд. Вай бо шамол бӯсаҳои гарму ширин бо он умед мефиристад, ки насим ба чеҳраи ошиқаш сила хӯрда, ба

ӯ ҳикоятҳо менамояд, ки дилбараш зинда аст, дилбараш ӯро интизорӣ мекашад. Аз ҳамин рӯз биёбон барои Фотима танҳо як маъно пайдо мекунад: аз он ба бараш Сантяго хоҳад баргашт.

-Дар бораи он чизҳое, ки дар қафо мондаанд, фикр макун,- гуфт Кимиёгар, вақте ки онҳо аз болои рег ба роҳ афтоданд. - Ҳамааш аллакай дар Руҳи Олам нақш шудааст ва абадан дар он хоҳад монд.

-Одамон аз рафтан дида бештар дар бораи баргаштан орзу мекунанд,- ҷавоб дод Сантяго, ки дубора ба хомӯшии биёбон хӯ мегирифт.

-Агар бозёфти ту аз масолеҳи асил буда бошад, ягон чашми бад ба он расида наметавонад. Ва ту метавонӣ, бо боварии комил баргашта омадан гирӣ. Вале агар он шарораи яклаҳзаина, ба мисоли тавлиди ситораҳо буда бошад, пас баъди бозгаштанат ту ягон чиз намеёбӣ. Хуш он аст, ки дидани рӯшании чашмхиракунанда бароят насиб шуда буд. Яъне онро ҳам аз сар гузаронидан беарзиш набуд бароят.

Вай гӯё дар бобати кимиёгарӣ мегуфт, вале Сантяго мефаҳмид, ки Фотимаро дар назар дорад Кимиёгар.

Душвор буд фикр накардан дар бораи он ҳама, ки дар қафо мондааст. Манзараи якрангӣ биёбон водор менамояд, ки кас ба ёд овараду орзу бикунад. Пеши чашмони Сантяго ҳанӯз ҳам нахлҳои хурмо, чоҳҳо ва чеҳраи маҳбубааш меистоданд. Ӯ Британиро бо зарфу ускунаҳояш, ҳакими асил -Уштурбонро ба хотир меовард, ки аз донишу фазилати хештан огаҳӣ надошт. «Аз афташ, Кимиёгар ҳеҷ гоҳ касеро дӯст надоштааст»,- аз фикр гузаронд ӯ.

Вай бошад, каме аз пештар роҳӣ буд ва дар китфаш шоҳин менишаст – ин парранда, бешак, забони биёбонро ба дараҷаи аъло медонист - ва гоҳе, ки меистоданд, бар фазо барои ҷустани сайд дар парвоз мешуд. Дар рӯзи аввал он дар чанголаш харгӯше баргашт. Рӯзи дуюм ду парранда гирифта овард.

Шабона онҳо бистар мекушоданд. Гулхан намегиронданд, ҳарчанд ки шабонгоҳони биёбон сард буданду баробари аз пуррагӣ ба ҳилол баргаштани моҳтоб басе торик мешуданд. Дар бадали ҳафтаи нахустин онҳо, агар гап зада бошанд, он ҳам дар хусуси он буд, ки навъе карда аз бархӯрд бо қабилаҳои ҷангӣ эмин бимонанд. Ҷанг давом мекард - баъзан шамол бар димоғ бӯи ширинчаи хунро меовард. Дар ҳамин наздикиҳо набардҳои шадид мерафт ва шамол ба ҷавон хотиррасон менамуд, ки Забони Аломатҳо вуҷуд дорад ва он ҳамеша омода аст, ки ҳамаи он чизҳоеро, ки чашмон қудрати дидан надоранд, хабар бидиҳад.

Дар рӯзи ҳаштуми сафар Кимиёгар қарор дод, ки назар ба ҳарвақта бармаҳалтар истироҳат бикунанд. Шоҳин ба осмон парвоз кард. Кимиёгар ба Сантяго зарфи обро дароз намуд.

-Сафари ту ба фарҷом наздик мешавад,- гуфт ӯ. -Муборакбод мекунам. Ту аз Роҳи Худ барнагаштӣ.

-Ту бошӣ, тамоми роҳ мӯҳр бар лаб задӣ. Боз ман гумон кардаам, ки ту ба ман ҳамаи чизҳои медонистагиатро меомӯзонӣ. Ба ман, аллакай иттифоқ афтодааст, бо одаме биёбонро убур бисозам, ки китобҳои доир ба кимиёгарӣ дошт. Лекин ман аз онҳо ягон чизро нафаҳмидам.

-Танҳо як роҳи дарк намудан ҳаст,- ҷавоб дод Кимиёгар. -Амал кардан. Ҷаҳонгардӣ туро ба ҳамаи он чизҳое, ки лозим буданд, сабақ дод. Фаҳмидани фақат як чиз монд.

Сантяго пурсид, ки кадом чизеро фаҳмиданаш мондааст, вале Кимиёгар чашм аз осмон наканд - вай дар фазо шоҳини худро наззора мекард.

-Барои чӣ туро Кимиёгар ном мебаранд?

-Барои он ки маҳз ман Кимиёгарам.

-Хайр, хатои кимиёгарони дигар – онҳое, ки тиллоро меҷустанду намеёфтанд - дар чӣ буд?

-Хатояшон дар ҳамин буд, ки онҳо фақат тилло мекофтанд. Онҳо ганҷинаеро мекофтанд, ки дар Роҳ пинҳон карда шуда буд ва худи Роҳро паҳлӯгузар менамуданд, яъне пояшон ба Он намерасид.

-Хайр, ба худи ман чӣ намерасад?- саволашро такрор намуд ҷавон.

Кимиёгар мисли пешина ба осмон менигарист. Дере нагузашта шоҳин бо сайд баргашт. Онҳо дар рег чуқурчае кофта, дар он гулхан гиронданд, то ки оташ аз атроф ба чашм нарасад.

-Ман Кимиёгар, барои он ки кимиёгар ҳастам,- гуфт вай. -Асрори ин касб ба ман аз бобоям расидааст, ба ӯ бошад - аз бобояш ва ҳамин тариқа то замони офариниши олам. Дар он замонҳо тамоми ин илм гирдогирди зумурраде ҷой мешуд. Вале одамон ба чизҳои оддӣ эътибору аҳамият намедиҳанд, аз ин рӯ ба навиштани рисолаҳои фалсафӣ пардохтанд. Овоза мекарданд, ки гӯё эшон ба кадом самт рафтанро медонистаанду ҳамаи боқимондагон не.

Валекин Лавҳи Зумуррадӣ имрӯз ҳам вуҷуд дорад.

-Хуб, чӣ навишта шудааст дар он?- мароқ зоҳир намуд ҷавон.

Кимиёгар дар давоми тахминан панҷ дақиқа дар рӯи рег кимчиҳое кашид, Сантяго бошад, дар ин фосила ба хотир овард, ки дар чорсуи бозор чӣ хел шоҳи пирро вохӯрда буд ва ба назараш

чунин намуд, ки аз он даврон то ба ҳол солҳои зиёде сипарӣ шудаанд.

-Мана, дар он чӣ навишта шудааст,- гуфт Кимиёгар сураткаширо ба анҷом расонида.

Сантяго наздик шуда, бихонд.

-Охир, ин рамз аст-ку!- маъюсона хитоб кард ӯ. -Худи китобҳои Британӣ барин!

-Не. Ин мисоли ҳамон аст, ки парвози шоҳинҳо дар фазо буд: онро бо ақлу хирад дарк кардан наметавон. Лавҳи Зумуррадӣ ин номаи Руҳи Олам аст. Фарзонагон кайҳо фаҳмидаанд, ки олами мо чун тимсол ва шабеҳи биҳишт халқ карда шудааст. Худи мавҷудияти ин ҷаҳон кафолати он аст, ки ҷаҳони дигар, олами боз ҳам мукаммалтар вуҷуд дорад. Худованд онро барои он халқ намудааст, ки одамон дар паси чун шиша шаффофи диданиҳояшон олами рӯҳонияшонро пазонанд, сайқал диҳанд ва худ аз мӯъҷизоти хирадашон ба ваҷд биёянд. Ана, ҳаминро ман амал кардан меномам.

-Ва ман ҳам бояд Лавҳи Зумуррадиро бихонам?

-Агар ту ҳозир дар лабораторияи кимиёгар мебудӣ, усули беҳтарини ба мақсад расиданро дарк карда метавонистӣ. Вале ту дар биёбонӣ - бармеояд, ки ба олами биёбон фурӯ равӣ. Биёбон, ба монанди тамоми мавҷудоти Замин, ба ту барои фаҳмидани олам мадад хоҳад кард. Зарурат нест, ки тамоми биёбонро бифаҳмӣ - як зарра рег кофист, ки ҳамаи мӯъҷизоти Офаринишро бубинӣ.

-Ман ба олами биёбон чӣ хел фурӯ мераваму ворид мешавам?

-Ба дили худ гӯш деҳ. Ба ӯ ҳама чизи олам фаҳмо аст, зеро дил бо Руҳи Олам қарин аст ва боре ҷониби он бармегардад.

Онҳо хомӯшона боз ду шабонарӯзи дигар роҳ гаштанд. Кимиёгар пайваста гӯш ба қимор буд: онҳо ба он ҷое наздик мешуданд, ки ҷангҳои шадидтарин мерафт. Ҷавон бошад, ҳамоно садои дилашро шуниданӣ мешуд.

Дили ӯ дили махсусе буд: пештар ба ким-куҷоҳо шитоб дошту акнун бар ивази ҳар чизе, ки бошад, ҷаҳди баргаштан мекард. Баъзан дил барояш соатҳо қиссаи гуворо, вале ҷонсӯзро ҳикоят менамуд, баъзан аз дидани ҷамоли хуршеди тулӯъкунанда тантана мекард, ки Сантяго ниҳонӣ оби дида мерехт. Дил вақте дар бораи ганҷина сухан мекард, тапишашро метезонид ва аз задан бозмемонд, гоҳе, ки ҷавон ба тамошои биёбони нопайдоканор машғул мегашт.

-Барои чӣ, охир, мо ба гапи дил гӯш карданамон лозим?- пурсид ӯ, вақте ки ба истироҳат аз роҳ бозистоданд.

-Куҷое, ки дил бошад, ганҷина ҳам ҳамон ҷост.

-Дили ман беқарору мушавваш аст,- гуфт Сантяго.- Орзу мекунад, ғам мехӯрад, майли дидори зани биёбонӣ менамояд. Мудом ягон чизро талаб менамояд, рафту Фотима ба хотир омада монад, тамоми шаб хоби ором намедиҳад.

-Ҷудо ҳам нағз. Ин гувоҳӣ аз он медиҳад, ки ӯ зинда аст. Ба он гӯш кардан гир.

Дар се рӯзи минбаъда онҳо ба сарбозон рӯ ба рӯ омаданду бисёрии дигарро дар қарибии уфуқ диданд.

Дили Сантяго аз хатар гап сар кард. Вай ба ҷавон дар бораи одамоне, ки ба ҷустуҷӯи ганҷинаҳо рафта, барнагаштаанд, ҳикоятҳо менамуд. Баъзан Сантягоро бо андешае метарсонд, ки ба ӯ ҳам дарёфтани ганҷина насиб накардааст ва шояд, ки дар ҳамин биёбонҳо мурда равад. Гоҳе таъкид месохт, ки аз некӣ интизор шудани некӣ нашояд: бе ин ҳам ӯ, аллакай маҳбуба дорад ва тангаҳои тиллоияш кам нестанд.

-Дилам хоинона маро мефурӯшад,- гуфт ӯ ба Кимиёгар ҳангоми ба аспҳо додани истироҳат. -Намехоҳад, ки роҳро идома диҳам.

-Ин нағз,- такрор намуд вай. -Бармеояд, ки ӯ намурдааст. Табиист, ки барояш ҳама чизҳои ба дастомадаро бо орзу иваз намудан даҳшатнок аст.

-Пас вайро гӯш кардан чӣ лозим?

-Ту аздусар ӯро ба хомӯш будан маҷбур карда наметавонӣ. Ҳатто, агар вонамуд бикунӣ, ки ба гуфтаҳояш гӯш накардай, вай дар синаи ту боқӣ мемонад ва он чизеро, ки дар хусуси ҳаёт ва олам андешидааст, такрор кардан мегирад.

-Ва маро фурӯхтан мегирад?

-Хиёнат зарбаест, ки мунтазираш нестӣ. Агар дили худро медонистагӣ шавӣ, ба вай туро фурӯхтан муяссар нахоҳад шуд. Зеро ту ҳамаи орзу ва хоҳишҳои вайро медонӣ ва аз ӯҳдаи амалӣ карданашон баромада метавонӣ. Аз дили худ гурехтан бошад, ҳанӯз ба касе даст надодааст. Аз ин хотир ба он гӯш кардан беҳтар аст. Ана, ҳамон вақт зарба бароят ногаҳонӣ намешавад.

Онҳо дар биёбон роҳашонро идома медоданду Сантяго ба садои дил гӯш мекард. Дере нагузашта ӯ тамоми банду дом ва ғароиботи онро азёд медонистагӣ ва онро ончуноне ки буд, ҳамон гуна қабул мекардагӣ шуд. Ҷавон дигар тарсро эҳсос намекард

ва акнун баргаштан намехост - дер ҳам шуда буд, бар замми ин дил хабар медод, ки мамнуну осуда аст.

«Ман агар баъзан шиква кунам, боке не, ман, охир, дили одамиям ва ин хислат хоси ман аст. Ҳамаи мо аз амалӣ кардани орзуҳои беҳтаринамон метарсем, зеро ба мо чунин менамояд, ки ба он сазовор нестем ва ё гумон мекунем, ки аздусар омоламонро пиёда карда наметавонем. Мо, дилҳои одамӣ ҳангоми ба хаёл овардани ҷудоии якумраи ошиқон аз тарс мемирем, ҳангоми тасаввури лаҳзаҳое, ки мебоист хушбахтона мешуданду аммо нашуданд, ганҷинаҳое, ки мебоист ба даст меомаданду вале абадан зери регҳо пӯшида монданд, аз тапидан бозмемонем. Чунки вақте ин воқеаҳо рух доданӣ мешаванд, мо дар азоб мемонему хун мехурем».

-Дили ман аз азоб метарсад, - боре гуфт ӯ ба Кимиёгар ба осмони бемоҳи торик наззоракунон.

-Ту ба вай бигӯ, ки тарси азоб аз худи азоб бадтар аст. Ва ягон дил ҳангоми ба ҷустуҷӯи орзую ормони якумрӣ баромадан азоб намекашад, зеро ҳар лаҳзаи ин ҷустуҷӯйҳо ин лаҳзаи мулоқот бо Худованд ва Абадият мебошад.

«Ҳар лаҳза – ин мулоқот»,- гуфт Сантяго ба дили худ. -То даме, ки ман ганҷинаи хешро мекофтам, ҳамаи рӯзҳо бо рӯшании сеҳрангезе мунаввар буданд, зеро ман медонистам, ки гузашти ҳар соат маро ба амалишавии орзуям наздиктар месохт. Дар замоне, ки ман ганҷинаи хешро меҷустам, дар роҳ он чизҳоеро дучор омадам, ки онҳоро, ҳатто, ба гӯшаи орзую хаёл оварда наметавонистам, барои мани чӯпон он ҳама дастнорас буд ва ҷасорати хоҳиш кардан маънои «Хайр, як санҷида бинам-чӣ»-ро ифода мекард.

Пас аз ин дили Сантяго тамоми бегоҳ осуда гашт. Ва шабона ҳам Сантяго бароҳат хобид ва гоҳе ки бедор шуд, дилаш ба ӯ дар хусуси Руҳи Олам нақл оғоз намуд. Гуфт, ки одами хушбахт ҳамон аст, ки Худоро ҳамеша бо худ медорад. Ва боз гуфт, ки бахту саодатро дар зарраи реги оддӣ, ки дар борааш Кимиёгар гуфта буд, метавон ёфт. Зеро ки барои офаридани ин зарра ба Чархи Гардун миллиардҳо сол лозим шудааст.

«Ҳар каси дар рӯи замин умр ба сар мебурдагиро ганҷинаи худаш мунтазир аст,- мегуфт дил. -Лекин мо, дилҳо ба хомӯш истодан одат кардаем, чунки мардумон ба он ганҷинаҳояшон соҳиб шудан намехоҳанд. Танҳо ба наврасон мегӯем мо ва баъд менигарем, ки ҳаёт чӣ гуна ҳар кадомро ба истиқболи Тақдираш равона месозад. Вале, бадбахтона, кам касон бо Роҳи барояшон муқарраркарда

равона мешаванд. Воқеан, олам дар ниҳоди одам тухми ҳарос мекорад ва аз ин рӯ зиндагӣ феълан ҳам мудҳиш мегардад.

Ва он гаҳ мо - дилҳо торафт пасттару пасттар гап мезадагӣ мешавем. Мо ҳеҷ гоҳ дам фурӯ намебандем, вале мекӯшем, ки суханони мо ношунаво бошанд: намехоҳем, одамон аз он дар азоб шаванд, ки ба сухани дилашон сарфаҳм нарафтаанд».

-Барои чӣ, охир, дил ба одам талқин наменамояд, ки вай аз паи иҷрои орзуи худ рафтанаш лозим?- пурсид Сантяго.

-Барои он ки дар чунин ҳолат ба дил азоб кашидан рост меомад, дил бошад, азоб кашиданро дӯст намедорад.

Аз ҳамон рӯз ҷавон дили худро мефаҳмидагӣ шуд. Ва аз он хоҳиш намуд, ки минбаъд ҳамин ки ҷавон аз роҳи орзу қадаме дигар сӯ ниҳод, дил фишор хӯрдаву дард кашида, ба ӯ бонги хатар расонад. Ва савганд бихӯрд, ки баробари шунидани ин бонг ҳамоно ба Роҳи худ бармегардад.

Шаби ҳамон рӯз ӯ ҳама мулоҳизаҳояшро ба Кимиёгар ҳикоят намуд. Ва ҳаким фаҳмид, ки дили Сантяго ба Руҳи Олам рӯй овардааст.

-Акнун ман чӣ кор кунам?

-Роҳи худро сӯи аҳромҳо давом диҳӣ. Ва асло аломатҳоро аз мадди назар дур насозӣ. Дили ту, аллакай қобилияте касб намудааст, ки метавонад, дар куҷо ниҳон будани ганҷинаро бароят нишон бидиҳад.

-Яъне маҳз ҳамин чиз пештар бароям камӣ мекард?

-Не. Ба ту, ана, ин чиз камӣ мекард,- гуён Кимиёгар ба нақл пардохт:

-Пеш аз он ки орзу ҷомаи амал пӯшад, Руҳи Олам қарор мекунад, бисанҷад, ки оё тамоми сабақҳои бахшидааш азхуд шудаанд ё на. Ва инро ба хотири он мекунад, ки мо баробари соҳиб шудан ба самараи орзу ҳамаи донишу малакаи дар ин роҳ ҳосилшударо низ гирифта бошем. Ана, дар ҳамин ҷода ба бисёр одамон матонаташон хиёнат менамояд. Ба забони биёбон инро «аз ташнагӣ мурдан дар ҳоле, ки ободон ба чашм намоён гашта» меноманд. Ҷустуҷӯйҳо мудом аз Оғози Нек сар мешаванд. Дар хотима бошад, бо, ана, ҳамин санҷиш ба фарҷом мерасанд.

Сантяго зарбулмасали қадимаеро ба ёд овард, ки дар ватанаш вирди забони мардум буд: «Соати ториктарин – наздики субҳ».

Рӯзи дигар аломатҳои хатару таҳлукаҳои ҳақиқӣ бори нахустин пайдо шудан гирифтанд. Ба мусофирон се нафар сарбоз наздик шуда, пурсиданд, ки эшон ин ҷойҳо чӣ кор мекунанд.

-Бо шоҳин шикор мекунам,- посух дод Кимиёгар.

-Мо вазифадорем, яқин карда бошем, ки шумоён силоҳ надоред,- гуфт яке аз онҳо.

Кимиёгар саросема нашуда аз асп фуромад. Сантяго ба вай пайравӣ намуд.

-Чаро ту ҳамроҳат ин қадар пул гирифта гаштай?- пурсид сарбоз тӯрбаи ҷавонро тафтиш карда.

-Пулҳо ба ман барои то аҳромҳо расидан заруранд.

Араби Кимиёгарро муоинакунанда аз ҷайби вай шишачаи булӯрии моеъдор ва тухми заргуни шишагии баробари байзаи мурғро ёфта, мароқ зоҳир намуд:

-Инҳо чистанд?

-Санги Фалсафӣ ва Иксири ҳаёт – Эҷоди Бузурги кимиёгарон. Ҳар касе, ки Иксирро менӯшад, тамоми умр дарду бемориро намебинад. Заррае аз ин Санг ҳама гуна филизро ба тилло табдил медиҳад.

Саворагон аз ханда рӯдакан шуданд ва Кимиёгар ҳам ба онон пайравӣ намуд. Онҳо ҷавоби вайро басе хандаовар ҳисобиданд ва ба ягонтоашон осебе нарасонида, иҷозаи идома бахшидани роҳ доданд.

-Ту девона шудай?- пурсид Сантяго вақте ки сарбозон, аллакай дур монда буданд. -Чаро ту ин корро кардӣ?

-Чаро? Ба хотири он ки ба ту қонуни оддии дар олам амалкунандаро нишон бидиҳам,- гуфт Кимиёгар. –Мо ҳеҷ гоҳ намефаҳмем, ки дар пеши роҳамон чӣ ганҷинаҳое истодаанд. Медонӣ, барои чӣ? Барои он ки одамон умуман ба ганҷинаҳо бовар намекунанд.

Онҳо роҳашонро давом медоданд. Рӯз ба рӯз дили Сантяго камгаптар шудан мегирифт: вай дигар на ба гузашта кордор буду на ба оянда; акнун қаноат бар он мекард, ки ба тамошои биёбон машғул буду ҳамроҳи ҷавон аз чашмаи Руҳи Олам нӯш менамуд. Онҳо бо ҳамдигар дӯстони ҳақиқӣ шуда буданду кунун яке бар дигаре асло хиёнат намекард.

**Давом дорад,**

***Тарҷумаи Солеҳи Зарифзод***

# ПАЁМИ СУҒД

№7-8
2009



Пауло КОЭЛЙО

# КИМИЁГАР[1]

(Роман)

Агар дил ба гап медаромад ҳам, танҳо ба хотири он ки ба Сантяго эътимоду эътиқоди нав ва неруи тоза бубахшад, зеро баъзан ба ҷавон хомӯшӣ фишори сахт меовард. Дил ба ӯ нахустин маротиба дар бораи хислатҳои беҳтаринаш аз ҷасуриаш, ки ба шарофати он қарор дод, аз гӯспандонаш гузар намояд, аз ҷаҳду ғайраташ, ки дар дӯкони булӯрфурӯш тавассути онон заҳмат мекашид, ҳикоятҳо намуд.

Ҳамчунин аз он хусус нақл бинмуд, ки Сантяго ягон бор мушоҳида накарда буд: аз хавфу хатарҳое, ки ба ӯ борҳо таҳдид доштанд. Дил ҳикоят кард, ки силоҳи аз падар рустӣ баровардааш ба ким-куҷо бенишон гардид, ӯ бешубҳа, метавонист бо он худро ярадор бинамояд ва ҳатто, ба ҳалокат бирасонад. Ёдрас кард, ки боре дар дашти холӣ аҳволи ҷавон бад шудан гирифту ба қайкунӣ даромад ва оқибат аз ҳалоикат рафта, аз по фитод ва ӯро хоб гирифт. Дар айни ҳамин вақт ду нафар шӯрапушт дар роҳаш камин гирифта буданд, ки пайт поида бикушандашу гӯспандонашро ба яғмо бубаранд. Лекин аз баски Сантяго дубора пайдо нашуд, онон гумон намуданд, ки ӯ бо роҳи дигар баргаштааст ва ноумед шуда рафтанд.

-Дил ба одам мудом кӯмак мерасонад?- пурсид ӯ.

-На ба ҳар кас. Фақат ба онҳое, ки аз паи Тақдири худ мераванд. Ва боз ба наврасон, мастони сархуш ва кӯҳансолон.

-Оё ин чунин маънӣ дорад, ки эшон аз хавфу хатар эмин бошанд?

- Ин ҳамагӣ чунин маънӣ дорад, ки дили чунин шахсон буду шуди нерӯяшонро ба кор медароранд.

Тифоқо онҳо аз наздикии ҷое даргузар шуданд, ки сарбозони яке аз қабоили ҷангӣ қароргоҳ карда будаанд. Дар ҳама ҷо одамони силоҳдори бурнуси боҳашамати сафедпӯш ба чашм мерасиданд. Онҳо чилим кашида, аз боби задухӯрдҳо сӯҳбат доштанд. Ба Сантяго ва Кимиёгар ягон кас, ақаллан зарра барин эътибор надод.

- Мо ба ҷои бехатар расидем,- гуфт ҷавон, ҳангоме ки аз қароргоҳ дур шуданд.

---

[1] *Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта.*

-Ба дили худ бовар бикун, вале ҳеҷ гоҳ фаромӯш манмо, ки ту дар биёбонӣ. Вақте одамон байни худ пархош менамоянд, то Руҳи Олам ҳаёҳуй ва талотум рафта мерасад. Ба касе муяссар намегардад, ки аз ҷавобу оқибатҳои ҳодисоти дар рӯшании офтоб содиршуда дарканор бимонад, - дар садои Кимиёгар қаҳру ғазаб бараъло эҳсос мешуд.

«Ҳама мавҷудоти олам ягонаанд», - андешид Сантяго.

Худи ҳамон лаҳза, гӯё ба тасдиқи гуфтаҳои Кимиёгар бошад, дар биёбон ду тан саворае падидор гаштанд, ки аз паси мусофирон суркунон меомаданд.

-Ба он тараф рафтани шумо мумкин нест, - таъкид намуд яке аз ҷанговарон бо эшон баробар шудан замон. Он ҷо задухӯрд меравад.

-Роҳамон он қадар дур не,- ба чашмони вай сахт синчакунон ҷавоб дод Кимиёгар.

Сарбозон лаҳзае ҷон аз тан бохтанд ва баъди ин ба мусофирон роҳ доданд. Сантяго моту мабҳут шуда буд.

-Ту онҳоро бо нигоҳат об кардию ром сохтӣ!

-Нигоҳ қувваю неруи руҳро намоиш медиҳад,- ҷавоб дод Кимиёгар.

«Ҳақ»,- андешид ҷавон ва ба хотир овард, ки ҳини аз назди қароргоҳ гузаштанашон яке аз ҷанговарон ба онҳо дурудароз нигоҳ карда монд. Вай хеле дур буду, ҳатто, чеҳраашро фарқ карда намешуд, бо вуҷуди ин Сантяго таъсири нигоҳи варо ба худ эҳсос менамуд.

Ана, оқибат ҳангоме, ки онҳо хазиданро ба давони тамоми уфуқро бо танаи бузурги худ панаҳкарда оғозиданд, Кимиёгар гуфт, ки то аҳромҳо дурӯзина роҳ боқӣ мондааст.

-Агар анқариб вақти видоъямон мерасида бошад, ба ман кимиёгариро биёмӯз.

-Акнун бароят зарурат нест, ки ягон чизро биёмӯзӣ. Ту медонӣ, ки ин илми ба Руҳи Олам ворид шудан ва дар он ҷо ганҷинаи бароят пинҳонкардаро дарёфтан аст.

-Ман дар дигар хусус мегӯям. Ман донистан мехоҳам, ки чӣ хел қӯрғошимро ба тилло мубаддал метавон кард.

Кимиёгар хомӯшии биёбонро вайрон накард ва фақат ҳангоми ба истироҳат бозистоданашон ҷавоб дод.

-Ҳамаи мавҷудоти олам инкишоф меёбад, яке ба дигаре бадал мегардад,- гуфт вай. Ва ба ақидаи фарзонагон, тилло чизест, ки инкишофаш нисбати филизҳои дигар пештар рафтааст. Ба ман

ҳамин қадар маълум аст, ки дар дунё ҳамин хел расм шуда будааст.

Вале мардумон гуфтаҳои фарзонагонро нодуруст маънидод кардаанд. Ва тилло, ба ҷои он ки тимсоли пешрафту нумӯ бошад, ба нишонаи хуниҳамдигархӯрӣ мубаддал шудааст.

-Олами атрофи мо бо забонҳои бисёр гуфтугӯ менамояд,- изҳор кард ҷавон. -Пештар наъраи уштур барои ман танҳо нидои паст буду бас. Дертар он ба бонги хатар табдил ёфт. Ва боз инак, наъраи муқаррарӣ гардид,- гуфта Сантяго ҳамоно дам фурӯ баст, зеро ақлаш далолат бар он намуд, ки барои Кимиёгар бе вай ҳам ин ҳодисот мафҳум аст, охир.

-Ман кимиёгарони асилро медонистам, - идома дод пиракӣ. -Онҳо дари лабораторияҳояшон аз паси худ баста, мекӯшиданд, ба сони тилло инкишоф биёбанд, ана, ҳамин тариқа Санги Фалсафӣ кашф карда шуда буд. Зеро эшон дарк бинмуданд, ки агар ягон чиз инкишоф биёбад, ҳатман тамоми мавҷудоти атрофаш низ дигаргун хоҳанд шуд.

Баъзеҳо Сангро тасодуфан дарёфт намуданд. Ба онҳо Офаридгор истеъдодро арзонӣ дошта буд ва руҳашон нисбат ба руҳи дигарон ҳассостар буд. Лекин чунин рӯйдодҳо ба ҳисоб гирифта намешаванд, чунки хеле кам воқеъ мегарданд.

Сеюмиҳо бошанд, фақат худи тиллоро мекофтанд. Ба онҳо муяссар нашуд, ки парда аз рӯи асрор бубардоранд. Эшон фаромӯш намуданд, ки қӯрғошим, мис ва оҳан ҳам Роҳи хештанро дороанд. Ва ҳар касе, ки ба Тақдири дигарон кордор мешавад, то абад аз кӯчаи сарнавишти худ гузар накарда мемонад.

Ин суханони Кимиёгар мисоли дуои бад садо доданд. Сипас вай хам шуд ва аз замин садафакро бардошт.

-Як замонҳо ин ҷо баҳр буд,- гуфт вай.

-Оре, ман ҳам тахмин намудам,- посух дод ҷавон.

Кимиёгар хоҳиш намуд, ки садафакро ба гӯш барад. Сантяго дар наврасӣ ин корро бисёр мекард ва ҳозир ҳам ғулғулаи баҳрро бишунид.

-Баҳр мисоли пешина дар ин садафак ҳаст, чунки он ба Тақдири хештан пайгирӣ менамояд. Ва баҳр онро тарк нахоҳад кард, то он даме, ки дар биёбон дигарбора мавҷҳои об талотум насозанд.

Онҳо ба аспҳо савор шуда, сӯи аҳромҳои мисрӣ равона гаштанд. Ҳангоме, ки хуршед ҷониби мағриб майл бинмуда буд, дили Сантяго нишонаи хатар зоҳир кард. Дар он лаҳза онҳо дар байни талҳои бузурги регӣ воқеъ буданд. Сантяго ҷониби Кимиёгар

назар дӯхт, вале ӯ, аз афташ, чизе мушоҳида намекард. Пас аз панҷ дақиқа ҷавон аз пеш суроби ду савораро рӯшан бидид. Пеш аз он ки калимае аз даҳон бароварда тавонад, ба ҷои ду тан - даҳ нафар, ба ҷои даҳ тан- сад нафар ва оқибат тамоми рӯи талҳо аз сипоҳиёни беадад пур гардид.

Саворагон дар тан либосҳои нилобӣ доштанд. Саллаи эшон бо тасмаи сиёҳ моросо печонида, рӯяшон то худи чашмон бо матои нилӣ пинҳон буд.

Ҳатто, аз дур тахмин кардан мумкин буд, ки ин дидагон нерӯи руҳро намоиш дода, ба мусофирон дараки марг мерасониданд.

Сантяго ва Кимиёгарро ба бошишгоҳ оварда, ба хаймае тела доданд, ки мислашро Сантяго ҳанӯз надида буд ва ҳардуро назди пешво рост гузоштанд. Перомуни ӯ сарлашкаронаш меистоданд.

-Инҳо ҷосусанд,- маълумот дод яке аз онҳое, ки бандиёнро оварда буд.

-Не, мо ҳамагӣ мусофирему халос.

-Се рӯз муқаддам шуморо дар бошишгоҳи душманони мо мушоҳида карда буданд. Шумо бо кадоме аз ҷанговарон сӯҳбат мекардед.

-Ман роҳи биёбонро медонам ва аз рӯи ситораҳо пешгӯӣ карда метавонам,- ба ҷои ҷавоб гуфт Кимиёгар. -Лекин дар бораи он ки шумори душманони шумо чӣ қадар асту онҳо ба кадом самт равонаанд, бароям чизе маълум нест. Ман фақат дӯсти худро то бошишгоҳи шумоён гусел мекардаму бас.

-Набошад, чӣ касе аст ин?- пурсид пешво.

-Кимиёгар,- ҷавоб дод Кимиёгар. -Ӯ тамоми нерӯҳои табииро медонад ва мехоҳад, ки ба шумоён истеъдоди фавқулоддаи худро намоиш бидиҳад.

Сантяго ҳарфе нагуфта, бо ҳарос гӯш менамуд.

-Аҷнабӣ дар кишвари мо чӣ кор мекунад?- пурсид сарлашкари дигар.

-Вай барои қабилаи шумо пул овардааст, - посух гуфт Кимиёгар, пеш аз он ки ҷавон имкони даҳонкушоӣ биёбад, ҳамёни ӯро ба пешво дароз намуд.

Вай тиллоро хомӯшона қабул кард. Бар ивази он силоҳи бисёре харидан мумкин буд.

-«Кимиёгараш» боз чист?- пурсид кадоме аз сарлашкарон.

-Ин одаме, ки табиат ва оламро медонад. Хостан ба ӯ кофист, ки бошишгоҳи шуморо бо ҳамин як нерӯи шамол ҳам маҳв бикунад.

Арабҳо қоҳ-қоҳзанон хандиданд. Онҳо одат кардаанд, ки ба неруи ҷанг бовар бикунанд ва бовар надоштанд, ки шамол марговар буда тавонад. Лекин дилҳояшон аз ҳарос фишор хӯрд. Ҳамаи онҳо мардуми биёбон буданд ва аз соҳирон метарсиданд.

-Ман дидан мехоҳам, ки ин чӣ хел ба вай муяссар мешавад,- гуфт шахси аз ҳама олимақомашон.

-Ба мо се рӯз мӯҳлат бидеҳ. Баъди он шарики ман барои ба шумоён намоиш додани қудрати худ ба шамол мубаддал мешавад. Агар ин кор ба ӯ даст надиҳад, мо ҳаётамонро лом нагуфта, ба дастатон медиҳем.

-Чизеро додан мумкин нест, ки бе он ҳам, аллакай дар дасти ман аст,- омирона таъкид намуд пешво.

Вале ба се рӯз интизор шудан розигӣ дод.

Сантяго аз тарс моту мабҳут ва карахт шуда монд. Ба Кимиёгар лозим омад, ки ӯро аз дасташ гирифта, берун барорад.

-Ба онҳо нишон надеҳ, ки метарсида бошӣ. Онҳо мардуми пурҷасорат ҳастанд ва аз тарсую буздилҳо нафрат менамоянд. Қудрати сухангӯй ба Сантяго на ҳамоно баргашт. Онҳо дар бошишгоҳ озодона қадам мезаданд. Арабҳо фақат аспҳояшонро кашида гирифтанд. Ва дигарбора олам бисёрзабона буданашро намоиш дод: биёбоне, ки пештар барояшон беҳудуд ва озод менамуд, акнун ба зиндон табдил ёфта буд, ки аз он фирор кардан илоҷ надошт.

-Ту ба онҳо тамоми пуламро додӣ!- гуфт ӯ. -Ҳамаи пулҳоеро, ки барояшон як умр кор карда будам!

-Онҳо бароят чӣ даркор, модом ки мурдан лозим меояд? Бе ин ҳам пулҳои ту бароят се рӯзи барзиёд ҳадя намуданд. Одатан пул, ҳатто, барои як лаҳза боздоштани марг кор намеояд.

Вале Сантяго чунон тарсида буд, ки ба маъно суханони ҳакимона алҳол сарфаҳм рафта наметавонист. Вай намедонист, ки чӣ гуна ба шамол мубаддал мешавад кас кимиёгар набуд ӯ.

Кимиёгар бошад, ба сарбозе фармуд, ки чой биёрад ва аз он чанд қатра ба банди дастони ҷавон пош дода, ким- чӣ дуо хонд. Ва ӯ ҳамоно эҳсос бинмуд, ки аз пайкараш чӣ тариқа ҳарос дур гардид.

-Ин қадар ноумед нашав,- бо нармии ғайримуқаррарӣ гуфт Кимиёгар. -Ту фақат ҳанӯз вақт наёфтай, ки бо дили худ гуфтугӯ бикунӣ.

-Ман, охир, ба шамол табдил шуда наметавонам!

-Ҳар касе, ки аз паи Тақдири Худ меравад, ҳамаи чизро медонаду аз ӯҳдаи ҳама корҳо мебарояд. Фақат як чиз иҷрои орзуро номумкин месозад, ин тарси ноомад.

-О, аз ноомад наметарсам ман. Танҳо чӣ тавр ба шамол мубаддал шуданро намедонам.

-Омӯхтанат лозим меояд. Ҳаётат ба ҳамин кор вобаста.

-Агар натавонам чӣ?

-Он гоҳ ту мемурӣ. Вале ба Тақдири Худ пайгирӣ карда мурдан хеле беҳтар аст, аз он ки монанди ҳазорон касон, ҳатто аз мавҷудияти Роҳ гумоне ҳам набурда, тарки олам бикунӣ. Воқеан, ғам махӯр. Одатан марг нерӯҳои ҳаётӣ ва ҳассосии касро дучанд менамояд.

Рӯзи якум гузашт. Дар биёбон задухӯрди шадид доир шуду ба бошишгоҳ ярадоронро оварданд. «Аз марг чизе тағйир намеёбад»,- аз дил гузаронд Сантяго. Ба ҷои аз сафбаромадагон дигарон истоданд ва ҳаёт идома ёфтан гирифт.

-Ту метавонистӣ, дертар бимирӣ, дӯстам,- ба рафиқи шаҳидшудааш рӯй оварда мегуфт яке аз сарбозҳо. Ҳозир не, баъди ҷанг. Вале бо вуҷуди ин аз аҷал ҷои гурез нест.

Қарибии бегоҳӣ ҷавон ба ҷустуҷӯи Кимиёгар баромад.

-Ман ба шамол мубаддал шуда наметавонам,- гуфт ба ӯ.

-Ба хотир биёр, ки ба ту чӣ гуфта будам: олам ин ҳамагӣ як ҷузъи дидашавандаи Худованд аст. Кимиёгарӣ бошад, мукаммалии рӯҳониро ба моддӣ бармегардонад.

-Ту худат чӣ кор мекунӣ?- пурсид Сантяго.

-Ба шоҳинам таом медиҳам.

-Барои чӣ? Агар ман ба шамол табдил шуда натавонам, моро мекушанд.

-Моро не, туро,- ҷавоб дод Кимиёгар. -Ман-ку ба шамол табдил ёфта метавонам.

Рӯзи дуюм ҷавон ба қуллаи шахи назди қароргоҳ саркашида баромад. Посбонҳо ӯро беқилуқол роҳ доданд: онҳо аллакай шунида буданд, ки соҳире пайдо шудааст, ба шамол табдил ёфта метавонад ва мекӯшиданд, ки «Аз бало ҳазар»- гӯён хешро аз ӯ дуртар бигиранд. Ба болокориаш биёбон аз зиндон ҳам бадтар буд.

Ва тамоми рӯз то бегоҳ Сантяго ба биёбон чашм дӯхта, наззора мекард. Ба дили худ гӯш меандохт. Биёбон бошад, ба тарсу ҳароси ӯ гӯшу ҳуши худ банд карда буд.

Онҳо бо як забон бо ҳам гуфтугӯ мекарданд.

Ҳангоме, ки рӯзи сеюм фаро расид, пешво ҷанговарони худро ҷамъ овард.

-Мо мебинем, ки ин ҷавон чӣ хел ба шамол табдил меёбад,- гуфт вай.

-Мебинем,- посух дод Кимиёгар.

Сантяго онҳоро ба он ҷое бурд, ки дина тамоми рӯзашро гузаронида буд. Сипас хоҳиш намуд, ки ҳамагон бинишинанд.

-Каме бардошт кардан лозим меояд,- гуфт ӯ.

-Барои мо фарқ надорад,- ҷавоб гуфт пешво. -Мо мардуми биёбонем.

Сантяго ба уфуқ нигарист. Дар пеш кӯҳҳо буданду талҳои рег ва шаххо; рустаниҳое, ки гӯё дар ҷои тасаввурнопазир илоҷи зистан дарёфта, шоху барг паҳн менамуданд. Пеши назараш биёбоне мехобид - ӯ боғои он ин қадар моҳҳо қадам бизаду танҳо ҷузъи ночизашро омӯхта тавонист. Ва дар роҳи он Британӣ, корвонҳоро вохӯрд, ба ҷанги қабилаҳо шоҳид гардид, ободонро, ки дар он ҷо панҷоҳ ҳазор бех нахли хурмо мерусту сесад чоҳ дошт, Фотимаро дучор шуд.

-Хайр,- пурсид ӯро биёбон,- ба ту боз чӣ даркор? Магарману ту дина он чӣ бояд ба ҳам наззора накардем?

-Дар ким-куҷое, миёни регзорони ту фарде зиндагӣ мекунад, ки ман дӯсташ медорам,- ҷавоб дод Сантяго. -Ва гоҳ, ки ман назар сӯи ту меафганам, ман ӯро ҳам мебинам. Ман ба назди вай баргаштан мехоҳам, барои ин бошад, ба ман кӯмаки ту лозим аст. Ман бояд шамол шавам.

-Хуб, ҳамин «ишқ»-аш чист? -пурсид биёбон.

-Ишқ, ин ҳамон лаҳзае аст, ки дар фазои ту шоҳин ба парвоз меояд. Барои вай ту мисоли марғзор ҳастӣ. Вай ҳеҷ гоҳ бесайд барнамегардад. Шоҳин шаххои ту, талҳои ту ва кӯҳҳои туро медонад. Ту бошӣ, нисбати ӯ боҳиммату беминнат ҳастӣ.

-Минқори шоҳин маро абгор мекунад,- посух гуфт биёбон.- Солҳои сол ман он чиҳоро парвариш менамоям, ки сайди ӯ мешаванд, бо қатраҳои аз нархи зар гаронтари обам ташнагиашонро мешиканам, маконҳоеро нишон медиҳам, ки дар он ҷойҳо аз гуруснагӣ мераҳанд. Сонӣ чӣ - аз фазо шоҳин сарозер мегардад айни он вақте ки ман табли шодмонӣ заданӣ мешавам, ки дар регзоронам риштаи ҳаёт канда нест, вай тифли нозпарварамро дар чанголи худ мебарад.

-Охир, ту онҳоро маҳз барои ӯ офаридаӣ. Барои он ки шоҳинро таом бидиҳӣ. Шоҳин бошад, одамро сер менамояд. Одам чӣ, ӯ ягон вақт регҳои туро ғизо медиҳад ва дар регзоронат дубора ҳаёт нафас мекашаду барои шоҳин сайд мерӯяд. Ҳамин хел халқ шудааст олам.

-Оё ҳамин аст ишқ?

-Бале, ин аст ишқ. Ин ҳамон аст, ки сайдро ба шоҳин табдил медиҳаду шоҳинро ба одам, одамро бошад - ба биёбон. Ин ҳамон аст, ки қурғошимро ба тилло мегардонаду тиллоро боз таҳти замин пинҳон медорад.

-Ман маънои гапҳои туро намефаҳмам,- ҷавоб дод биёбон.

-Набошад, ин нуктаро бифаҳм: дар як гӯшаи регзорони ту маро духтаре интизор аст. Барои ҳамин ман бояд ба шамол мубаддал шавам.

Биёбон чанд муддат хомӯш монд.

-Ман ба ту регҳоямро медиҳам, ки шамол онҳоро ба само бардошта, бӯрон карда тавонад. Вале ин кам аст. Дар танҳой ман худам коре карда наметавонам. Аз шамол ёрӣ пурс.

Шамолаки заифе бархост. Сарлашкарон аз дур наззора менамуданд, ки чӣ гуна ҷавон бо ким-киҳое бо забони барояшон номафҳум гуфтугӯ менамояд.

Кимиёгар табассум мекард.

Шамол ба Сантяго наздик гашта, маҳин-маҳин ба рӯяш расид. Вай сӯҳбати ҷавонро бо биёбон мешунид, аз ин ҷост, ки шамолҳо умуман ҳама чизро медонанд. Онҳо дар тамоми олам гаштугузор мекунанд ва эшон маконе надоранд, ки он ҷо тавлид шуда бошанд ва мақоме нест, ки ҳамон ҷо бимиранд.

-Ба ман ёрӣ деҳ,- ба вай гуфт ҷавон. -Боре ман аз ту садои дилнавози маҳбубаамро шунида будам.

-Ба ту бо забони биёбон ва шамол гап заданро кӣ ёд дод?

-Дили ман,- посух гуфт Сантяго.

Номҳои зиёде дошт шамол. Дар ин ҷо ӯро «сирокко» мегуфтанд ва арабҳо гумон мекарданд, вай аз он кишварҳое парида меояд, ки он ҷо об фаровон асту мардумони сияҳпӯст зиндагӣ доранд. Дар ватани Сантяго онро «левантӣ» меномиданд, зеро ақида доштанд, ки гӯё вай реги биёбон ва бонгҳои ҷангҷӯёнаи мағрибиёнро меоварда бошад. Шояд дар кишварҳои дур, ки он ҷо барои гӯспандон чарогоҳҳо нестанд, одамон бар он буда бошанд, ки ин шамол дар Андалус тавлид меёбад. Вале шамол дар ягон ҷо зоида намешавад ва дар ягон ҷое намемирад, бинобар ин вай аз биёбон зӯртар аст. Тавре шавад, ки дар биёбон чизе бирӯяд, ин аз дасти одамон меояд: онҳо дар ин ҷо, ҳатто, подаҳои гӯспанд чаро дода метавонанд, вале барои ром кардани шамол зӯрашон намерасад.

-Ту шамол шуда наметавонӣ,- гуфт шамол. -Аслу бунёд ва моҳияти ману ту гуногун аст.

-Нодуруст,- посух гуфт Сантяго. -То даме, ки ман ҳамроҳи ту дар рӯи олам по мезадам, ба ман асрори кимиёгарӣ ошкор гашт. Акнун ҳам шамолҳо, ҳам биёбон, ҳам уқёнусҳо, ҳам ситорагон ва ҳамаи он мавҷудоте, ки Чархи Гардун доро аст, бо ман махлут, яъне яктан шудаанд. Ману туро ҳамон як Даст халқ кардааст ва руҳи ҳардуямон як аст. Ман мехоҳам, ба сони ту бошам, мехоҳам, ба ҳама гӯшаю сӯроххо роҳ ёбам, болои баҳрҳо парвоз бикунам, кӯҳ-кӯҳ регро ҳаво диҳам, ки ганҷинаам ниҳон кардаанд, садои ҷонбахши маҳбубаамро гирифта оварам.

-Ман боре сӯҳбати туро бо Кимиёгар гӯш кардам,-гуфт шамол.- Вай мегуфт, ки ҳар кас Роҳи худро дорад. Ба одам қудрати шамол шудан надодааст Худо.

-Ақаллан лаҳзаҳои башумор ба ту табдил шуданамро ба ман ёд деҳ. Ана, баъди ин ҳардуямон имконоти беҳудуди одаму шамолро дурустакак муҳокима хоҳем кард.

Шамол бас кунҷков буду ин хел зотро ҳанӯз вонахӯрда. Вай мехост, ки дар мавзӯи сӯҳбаташон боз бештар баҳс бикунанд, вале дар ҳақиқат ҳам тасаввуроте надошт, ки чӣ гуна одамро ба шамол мубаддал кардан мумкин. Охир, вай бисёр корҳоро метавонист. Метавонист, биёбонҳо ба вуҷуд оварад, дарахтони садсола ва бешаеро бо исту бист решакан бисозад, дар болои шаҳрҳо ба парвоз ояд, ки дар он ҷойҳо садои мусиқӣ ва доду фарёди номафҳум бар фалак дакка мезананд. Вай чунин меҳисобид, ки дар олам аз ҳама чиз бартару авлотар аст, мана, ҳоло бошад, ин нохун барин одам пайдо мешаваду эълом медорад, ки вай, яъне шамол боз ба корҳое қобилият дорад, ки...

-Ин «ишқ» ном дорад,- гуфт Сантяго мушоҳида карда, ки шамол, аллакай ба иҷро намудани хоҳиши ӯ тайёр аст. -Ҳангоме, ки дӯст медорӣ, чунон қобилияте пайдо менамой, ки ҳар кию ҳар чӣ лозим бошад, шуда метавонӣ. Вақте ки дӯст медорӣ, комилан фаҳмидан лозим нест, ки чиҳо рӯй медиҳанд, зеро ки ҳамаи он дар ботини мо рӯй медиҳанд, аз ин хотир одам, бешак, ба шамол мубаддал шуда метавонад. Албатта, агар шамол ба ӯ кӯмак бикунад.

Шамол басе мағрур буд ва бинобар ин суханони Сантяго вайро мулзам намуданд. Вай ба сахттар вазидан даромад ва реги биёбонро чарх занонда, боло бардоштан гирифт. Вале охири охирон иқрор гардид, ки тамоми оламро тай зада бошад ҳам, аз ӯҳдаи одамро ба шамол мубаддал кардан намебарояд. Ишқро ҳам бошад, сарфаҳм намеравад.

-Ба ман рост омадааст, бубинам, ки чӣ гуна одамон дар бораи ишқу муҳаббат сухан ронда, ба осмон рӯ меоваранд,- гуфт шамол аз он дарқаҳр шудаю ғуррида, ки ба оҷизияш иқрор шуданаш лозим омадааст. -Шояд ба ту ҳам ба осмон рӯй овардан лозим будагист. Чӣ гуфтӣ?

-Ин фикри хуб,-розӣ шуд Сантяго. -Танҳо ту ба ман кӯмак бикун: чунон регро бардор, ки парда гардаду ман ба офтоб нигоҳ карда тавонам, то баногаҳ аз нураш кӯр нашавам.

Шамол боз сахттар вазид, тамоми фазоро чангу рег фаро гирифт ва офтоб ба лагани заргун мубаддал гардид.

Онҳое, ки дар бошишгоҳ ба ин ҳама наззора мекарданд, қариб ягон чизро фарқ карда наметавонистанд. Мардумони биёбон феълу хӯи чунин шамолро медонистанд ва онро «самум» меномиданд. Он барои эшон мудҳиштар аз тӯфони баҳр маҳсуб мешуд - воқеан, ин мардум дар умри сар баҳрро надида буданд. Аспон ба шиҳакашӣ пардохтанду рег ба силоҳҳои сарбозон бархӯрда, садо мебаровард.

Яке аз сарлашкарон ба пешво рӯй овард:

-Кифоя будагист?

Онҳо дигар Сантягоро дида наметавонистанд. Рӯйҳояшон бо рӯймолҳои сафед то худи чашмонашон пӯшида буд ва дар чашмон бошад, тарсу воҳима лона гирифта.

-Тезтар инро бас кардан даркор,- гуфт сарлашкари дигар.

-Бигзор, Аллоҳ тамоми қудрати худро намоиш диҳад,- ҷавоб гардонд пешво. -Ман дидан мехоҳам, ки чӣ хел одам шамол мешавад.

Лекин вай номи буздилони ҳароси худ зоҳиркардаро ба хотир гирифт Ва қарор дод, ки баъди фурӯ нишастани бӯрон ҳатман ҳардуяшонро аз мансаб маҳрум бикунад, чунки ба мардумони биёбон тарсу ҳарос ошно нест.

-Шамол ба ман хабар дод, ки ту ишқро медонӣ,- ба хуршед муроҷиат намуд Сантяго. -Агар ин хел бошад, пас Руҳи Оламро ҳам бояд донӣ - охир, он аз меҳру муҳаббат халқ карда шудааст.

-Ман аз ин ҷо Руҳи Оламро мебинам,- ҷавоб гуфт офтоб. -Вай ба руҳи ман муроҷиат менамояд ва мо ҳарду якҷоя рустаниҳоро водор месозем, ки сар бардоранду қад биронанд, гӯспандонро маҷбур месозем, ки барои ҷустани сояҷой аз ҷое ба ҷои дигар раванд. Аз ин ҷо ва ин аз олами шумо басе дур аст - ман дӯст доштанро омӯхтаам. Ман медонам, агар як сари мӯй ба Замин наздиктар шавам, тамоми мавҷудоти зиндаи он маҳв мегардад ва

Рухи Олам аз ҳастияш бозмемонад. Ва мо аз дур ба ҳамдигар назар меафканем ва аз дур якдигарро дӯст медорем. Ман ба Замин ҳаёту гармӣ мебахшам, он бошад, ба ман маънои мавҷудият ва ҳастии маро ҳадя менамояд.

-Ту ишқу муҳаббатро медонӣ,- такрор кард Сантяго.

-Ман Руҳи Оламро медонам, чунки дар ҷаҳонгардии адонашаванда дар Чархи Гардун ману вай пайваста сӯҳбат менамоем. Ӯ ба ман нақл намуд, ки мушкилии сахташ дар чист: то ин дам фақат сангу рустаниҳо медонистаанд, ки ҳама чизи олам ягона аст. Барои ҳамин зарурат нест, ки оҳан ба сони мис бошаду мис аз ягон ҷиҳат аз тилло фарқ накунад. Дар ин олами ягона ҳар чиз рисолати аниқу дақиқи худро доро аст ва агар Дасте, ки ин ҳамаро навиштааст, дар рӯзи панҷуми Офариниш бозмеистод, ҳамаи мавҷудот ба ягона Оҳанги Олам табдил меёфт. Валекин рӯзи шашум ҳам буд.

-Ту доной,- ҷавоб гардонд ҷавон,- чунки ҳамаро аз дур мебинӣ. Вале ту намедонӣ, ки ишқ чист. Агар рӯзи шашуми Офариниш намебуд - одам халқ карда намешуд. Ва мис онҷунон ки мис аст, бозмондан мегирифт, қӯрғошим бошад, қӯрғошим мемонд. Оре, ҳар киро Роҳи худ ҳаст ва он ягон рӯз, ҳатман тай карда хоҳад шуд. Ана, барои ҳамин ба ягон чизи дигар табдил шудан зарур аст, ки Роҳи нав оғоз карда шавад. Ва ин то замоне идома хоҳад ёфт, ки оқибат Руҳи Олам, ҳақиқатан ҳам ба ягон чизи ягона мубаддал бишавад.

Офтоб ба андеша фурӯ рафта, сипас рӯшантар гардид. Шамол низ, ки аз ин сӯҳбат роҳат мекард, сахттар вазон шуд, то ки Сантягоро аз нурҳои чашмгири офтоб ҳимоя бинамояд.

-Ана, барои ҳамин ҳам кимиёгарӣ вуҷуд дорад,- давом дод Сантяго. -Ба он хотир, ки ҳар кас ганҷинаи хештанро кофтаю биёбад ва бихоҳад, ки беҳтар аз пешина бошад. Қӯрғошим рисолати худро то он даме ба ҷо меоварад, ки ба олам лозим бошад, сонӣ он боястӣ ба тилло бадал гардад. Ҳамин хел мегӯянд кимиёгарон. Ва онҳо исбот менамоянд, вақте мо нисбат ба он ки ҳастем, беҳтар шудан мехоҳем, тамоми чизҳои атрофи мо низ беҳтар мешаванд.

- Ту аз куҷо ёфтӣ, ки ман ишқу муҳаббатро намедониста будаам?- пурсид офтоб.

-Охир, агар дӯст дорӣ, на монанди биёбон дар як ҷо истодан, на ба сони шамол гирдогирди олам беист давидан ва на мисоли ту ба ҳама чиз аз дур назар кардан мумкин нест. Ишқ ин қувваест, ки Руҳи Оламро дигаргун ва беҳтар месозад. Вақте ки

ман ба он бори нахуст ворид шудам, ӯ ба назарам мукаммал намуд. Лекин дертар ман дидам, ки Руҳи Олам ин инъикоси ҳамаи мо будааст, ман дидам, ки дар он ҳам шӯру шавқ ҷӯш мезанаду ҷангҳои дохилӣ дам ба дам аланга мегиранд. Ин мо ӯро сер мекардаем ва замин, ки мо дар он умр ба сар мебарем, беҳтар мегардад ва ё бадтар вобаста ба он будааст, ки мо беҳтар мешавем ва ё бадтар.

-Хайр, ту аз ман чӣ мехоҳӣ?

-Ба ман барои шамол шуданам ёрӣ бидеҳ.

-Табиат медонад, ки дар олам аз ман донотар дигар касе нест,- ҷавоб дод офтоб. -Вале ман ҳам намедонам, ки ту чӣ гуна ба шамол мубаддал бишавӣ.

-Пас ман ба кӣ муроҷиат бикунам?

Офтоб лаҳзае ба андеша рафт: шамол, ки ба гуфтугӯяшон гӯш фароз доштааст, ҳамоно ба тамоми олам ҷор хоҳад зад, ки доноии хуршеди ҷаҳонафрӯз чандон беҳудуд ҳам набудааст. Сонияи аз ин ҷавоне, ки бо Забони Ягона ҳарф мезанад, рӯй тофтану фирор кардан камоли беақлӣ мебуд.

-Муродатро аз Дасте, ки ин ҳамаро Навиштааст,- бипурс,- гуфт Офтоб.

Шамол аз тантанаю шодӣ фарёд зад ва бо нерӯи гӯшношунид вазида рафт. Чандин хаймаҳо канда шуда, ба ҳаво париданд, аспони лаҷомбаста расан канда, хештанро ба чаҳор тараф заданд, одамони болои шах қароргирифта ба ҳамдигар часпиданд, то ки бод хас барин парронда набарадашон.

Сантяго ба Дасте, ки ин ҳамаро Навиштааст, рӯй овард ва худи ҳамон лаҳза эҳсос намуд, ки чӣ гуна Чархи Гардун ба хомӯшистон мубаддал гардид. Ӯ натавонист, хомӯшии онро вайрон бикунад.

Сипас аз дили ҷавон нерӯи Ишқ мисоли фаввора берун ҷаст ва Сантяго ибодат кардан гирифт. Ӯ дар ибодати худ ягон чиз хоҳиш накард ва умуман на калимае бар забон оварду на шукргузорӣ намуд, ки гӯспандҳояш мудом чарогоҳ меёфтанд, на талаб намуд, ки ба дӯкони булӯрфурӯш бештар харидорон бифиристад ва на илтиҷо кард, ки духтараки дар биёбон вохӯрдааш ӯро то охир мунтазир бишавад. Дар хомӯшии фароомада ӯ фаҳмид, ки биёбон, шамол ва офтоб низ аломатҳои бо ин Даст зоҳиркунандаро ҷуста, меёбанд, онҳо ҳам мекӯшанд, ки аз паи Тақдири худ бираванд ва навиштаҷоти дар яке аз тарафҳои зумуррад сабтгаштаро дарк бинамоянд. Ҷавон фаҳмид, ки ин аломатҳо дар тамоми рӯи Замин ва ҳам коинот пош дода

шудаанд ва аз дидани онҳо ягон моҳият ва сабаб зоҳир намегардад. На биёбон, на шамолҳо, на офтоб ва на одамон намедонанд, ки онҳо барои чӣ офарида шудаанд. Танҳо дар ихтиёри Дасти ин ҳамаро Офарида барои тамоми эҷодаш сабаб вуҷуд дошт ва танҳо ҳамин Даст ба мӯъҷизаофаринӣ қодир аст: уқёнусҳоро хоҳад, ба биёбон табдил медиҳаду одамро - ба шамол. Зеро танҳо Ӯ мефаҳмид, ки ҳар як хосташ Чархи Ѓардунро ба он ҷое майлон медиҳад, ки дар он ҷо шаш рӯзи Офариниш ба Офариниши Бузург мубаддал мегардад.

Ва ҷавон ба Руҳи Олам ворид гардид ва бидид, ки он танҳо ҷузъи Руҳи Худованд аст, Руҳи Худованд бошад - руҳи шахсии худаш. Ва он қодир аст мӯъҷизаҳо эҷод бинамояд.

Самум он рӯз ончунон вазид, ки ягон маротиба чунин навазида буд. Ва аз насл ба насл қиссаи ҷавоне нақл карда хоҳад шуд, ки бо худи пешвои абарқудрати биёбон дар набард шуда, ба шамол табдил ёфт ва саҳл монда буд, ки тамоми бошишгоҳро маҳв ва ба хоки сияҳ яксон бикунад.

Ҳангоме, ки оқибат шамол хомӯш гардид, ҳама он сӯе нигаристанд, ки ҷавон меистод, вале аллакай ӯ дар он ҷо набуд. Вай дар дигар канори бошишгоҳ, дар паҳлӯи посбоне меистод, ки нимаи танаш дар рег ғӯтида буд.

Қувваи муғона ҳамаро дар ҳарос афганд. Танҳо ду нафар табассум менамуданд: Кимиёгар, бо ифтихори бепоён аз шогирди худ ва пешвои қабила - вай мефаҳмид, ки ин шогирд қудрату тавоноии Худовандро дарк намудааст.

Рӯзи дигар вай Сантяго ва Кимиёгарро рухсат дода, чаҳор тарафатон қибла гуфт ва яке аз сарбозони хешро ба роҳбаладии эшон бидод.

Онҳо тамоми рӯз роҳ гаштанд ва вақте ки сиёҳӣ фуромадан гирифт, Кимиёгар сарбозро бозгашт фиристода, аз асп поён шуд.

-Ба давомаш худат танҳо меравӣ,- гуфт ӯ ба Сантяго. -То аҳромҳо се соатина роҳ мондааст.

-Ташаккур, ба ту,- посух дод ҷавон. -Ту ба ман Забони Ягонаро омӯхтӣ.

-Ман фақат ба ту он чизҳоеро хотиррасон намудам, ки ту худат бе ман ҳам медонистӣ.

Кимиёгар ба дарвозаи ибодатгоҳи қибтӣ тақ-тақ зад. Назди вай роҳиби сияҳпӯше баромаду онҳо кӯтоҳакак дар чӣ хусусе муколама намуданд ва Кимиёгар таклиф намуд, ки Сантяго ба дарун дарояд.

-Ман гуфтам, ки ту ба ман кӯмак мекунӣ.

Дар ошхонаи ибодатгоҳ Кимиёгар ба оташдон алав гиронд. Роҳиб пораe қӯрғошим гирифта овард ва Кимиёгар қӯрғошимро ба зарфи филизӣ ниҳода, онро болои оташ гузошт. Вақте қӯрғошим об шуд, вай аз ҷайбаш тухми зарди шишагиро ба даст гирифт, аз он порояке на бештар аз сараки сарсӯзан ҷудо намуда, он парахаро бо пашминае молиш бидод ва ба болои қӯрғошими обшуда андохт.

Маҳлул монанди хун сурх гардид. Кимиёгар дегро аз оташ гирифта, то хунук шудани он бо роҳиб дар хусуси ҷанги биёбон сӯҳбат кард.

-Метарсам, ки он хеле кашол меёбад,- гуфт вай.

Роҳиб ғам мехӯрд: барои ҷанг шуда корвонҳо кайҳо инҷониб дар Ғиза истодаанд. «Вале ҳамааш аз хости Худо»,- илова намуд ӯ фурӯтанона.

-Ҳақ,- гуфт Кимиёгар.

Вақте ки дег оқибат хунук шуд, Сантяго ва роҳиб бо ваҷд ба ҳамдигар нигоҳ карданд: қӯрғошим, ки шакли гирдаи зарфро дошт, ба тилло мубаддал шуда буд.

-Наход, ман ҳам ягон вақт ба ин кор омӯхта мегардам?- пурсид ҷавон.

-Ин Роҳи ман буд - на азони ту. Ман танҳо хостам, ба ту намоиш диҳам, ки ин кор имконпазир аст.

Онҳо боз ба дарвозаи ибодатгоҳ баргаштанд ва дар он ҷо Кимиёгар гирдаи тиллоро ба чор ҳисса тақсим намуд.

-Инаш ба ту,- гуфт вай якеро ба рӯҳонӣ дарозкунон. -Барои он ки ҳамеша ҳоҷиёнро хушҳолона истиқбол мекардӣ.

-Барои дилкушодиям ман беҳад мукофоти калон мегирам,- эрод гирифт роҳиб.

-Дигар асло ин тавр магӯй. Зиндагӣ тасодуфан ин суханатро шунида, бори дигар кам медиҳад,- ҷавоб дод Кимиёгар ва ба ҷониби Сантяго рӯй овард: - Ана, инаш барои ту бар ивази он тиллоҳое, ки ба пешво насиб гардид.

Ҷавон ҳам мехост, бигӯяд, ки ин тилло аз бохтааш хеле бештар аст, вале дам фурӯ баст.

-Инаш ба ман,- давом дод Кимиёгар. -Ман бояд ба хона баргардам, дар биёбон бошад, ҷанг меравад.

Пораи чорумро вай боз ба роҳиб дароз кард:

-Инаш ҳам барои Сантяго. Шояд даркор шуда монад.

-Охир, ман барои ганҷина меравам!- хитоб кард ӯ. -Ва ман хеле наздик расидаам.

-Ва ман боварӣ дорам, ки ту онро меёбӣ,- гуфт Кимиёгар.

-Пас тилло ба ман чӣ лозим?

-Барои он ки ту, аллакай ду маротиба ҳамаи пасандозатро аз даст додаӣ. Бори нахуст туро қаллоб фанд дод, навбати дуюм пешво ғоратат намуд. Ман араби фартути хурофотпараст ҳастам ва ба дурустии зарбулмасаламон эътиқод дорам, ки таъкид менамояд: «Чизе, ки як бор ҳодис шудааст, метавонад, дигар ҳеҷ такрор наёбад. Вале ҳар он чӣ ду бор рух додааст, албатта бори сеюм ҳам такрор мешавад».

Онҳо ба аспон савор шуданд.

-Ба ту мехоҳам, қиссаи хобҳоро нақл бикунам,- оҳиста гуфт Кимиёгар. -Ба ман ҷафстар асп бирон.

Ҷавон ҳамоно иҷро кард.

-Хуш, ки бошад, буд - набуд дар Руми Қадим дар айёми императории Тиберий, як марди некдил буд, ки ду писар дошт. Яке сарбоз гашту барои адои хизмат ба дуртарин минтақаи империя равона гардид. Дуюмӣ шеърнависӣ пеша намуд, ки аз чакидаҳои илҳомаш тамоми Рум ба ваҷд меомад .

Боре мӯйсафед дар хоб бидид, наздаш фариштае аз осмон омада, ба ӯ пайғом расонд, ки суханони яке аз писаронаш дар тамоми олам шӯҳра гашта, баъди чандин садсолаҳо низ мардум онро вирди забонашон хоҳанд кард. Мӯйсафед аз шодмонӣ гиря кард: сарнавишт ба ӯ басе меҳрубон ва боҳиммат буд, зеро хурсандии олие бахшид, ки онро танҳо падар метавонад, эҳсос бикунад.

Дере нагузашта ӯ вафот кард - мехост, кӯдакеро аз зери чархи вазнини ароба халос бинамояд, вале худ зери чарх гирифтор омад. Азбаски умри поку беолоиш ба сар бурда буд, рост ба осмон бурдандаш, ки дар он ҷо пайғомбарандаи наздаш ҳозиршударо вохӯрд.

-Ту одами хуб ва некдил будӣ,- гуфт вай ба ӯ. -Зиндагии ту лаболаб бо меҳру муҳаббат, маргат арзанда буд. Ман метавонам, ҳама гуна хоҳиши туро ба ҷо оварам.

-Ҳаёт ҳам ба ман меҳрубон буд,- ҷавоб дод мӯйсафед. -Вақте ки ту ба хобам даромадӣ, ман ҳис намудам, ки ҳамаи ҷаҳду ҷадалҳоям беҳуда набудаанд. Зеро шеърҳои писари ман аз насл ба насл хоҳанд гузашт. Барои худам чизи пурсиданӣ надорам, вале ҳар падар аз шаъну шӯҳрати оне, ки ба дунё оварда, илм омӯхта, панду андарзҳо гуфтааст, ифтихор хоҳад кард. Барои ҳамин ман мехостам, ки дарояндаи дур суханони писари худамро шунида тавонам.

Пайғомбаранда ба китфи ӯ даст расонд ва ҳардуи онҳо дар як чашм пӯшида кушодан дар оянддаи дур - дар шаҳри бузурге, миёни ҳазорҳо одамони бо забони номафҳум гуфтугӯкунанда қарор ёфтанд.

Мӯйсафед дубора аз шодӣ оби дида равонд.

-Ман медонистам, ки шеърҳои писари ман асрҳои аср зинда мемонанд,- ашколуд гуфт ӯ. -Ба ман бигӯй, ки кадом мисраъҳои ӯро ҳамаи ин мардум такрор менамоянд.

Пайғомбаранда мӯйсафедро меҳрубонона ба хараке нишонда, худаш аз паҳлӯяш ҷой гирифт.

-Шеърҳое, ки ту мегӯй, дар тамоми Рум шӯҳра гаштанд ва ҳама онҳоро дӯст медоштанду аз шуниданашон роҳат мекарданд. Вале шоҳигарии Тиберий ба охир расиду онҳоро фаромӯш карданд. Одамон суханони писари дигари туро такрор менамоянд.

Мӯйсафед бо нобоварӣ ба пайғомбаранда синча намуд.

-Вай дар яке аз музофотҳои дурдаст хизмат мекард,- идома дод фаришта. -Ва сардори сада шуд. Вай ҳам боадолату некдил буд. Боре як тан аз ғуломонаш бемор гардид. Вай дар дами марг буд. Писари ту шунида, ки табиби ҳозиқе пайдо шудааст, ба ҷустуҷӯи вай афтод. Ва дар роҳ фаҳмид, ки ин табиб Писари Худованд будааст. Вай одамонеро вохӯрд, ки аз дасти Ӯ шифо ёфтаанд, таълимоти Ӯро гӯш кард ва ҳарчанд, ки сарвари садаи румӣ буд, ба дини Ӯ гаравид. Ва боре субҳгоҳон дар назди Ӯ ҳозир шуда, ҳикоят намуд, ки ғуломаш бемор шудааст. Ва Омӯзгор - чунонки ин одамро меномиданд - омодагӣ медид, ки ба аёдати вай биравад. Лекин сарвари сада одами пурэътиқод буд ва ба чашмони Омӯзгор нигариста, вай фаҳмид, ки назди Писари Худо истодааст. Ана, он вақт писари ту суханоне бар забон ронд, ки асрҳои аср аз ёдҳо намераванд. Вай чунин гуфт:

«Худро ранҷа макун, Худовандо, зеро ман лоиқ нестам, ки Ту ба хонаи ман бидарой. Валек сухане бигӯй ва ғуломи ман сиҳат хоҳад шуд».

Кимиёгар асп биронд.

-Ҳар одам дар рӯи замин, ба кадом коре, ки машғул мешуда бошад, дар таърихи олам мақоми бузургеро ба ҷо меоварад. Ва одатан дар ин бора, ҳатто, намедонанд ҳам.

Ҷавон табассум кард. Замонҳое ӯ ба худ тасаввур карда наметавонист, ки масъалаҳои моҳияти ҳаёт барои чӯпон ба ин андоза муҳим мегарданд.

-Алвидоъ,- гуфт Кимиёгар.

-Алвидоъ,- ҷавоб дод ҷавон.

Сантяго дар биёбон дуним соат роҳ гашта, ба гуфтаҳои дилаш бодиққатона гӯш мекард. Маҳз дил бояд ба ӯ ҷои ниҳонии ганҷинаҳоро нишон медод.

«Он ҷое, ки ганҷинаҳост, дили ту дар ҳамон ҷост»,- бигуфт ба ӯ Кимиёгар.

Лекин дил аз дигар боб сухан мекард. Он бо ифтихор саргузашти чӯпонеро нақл менамуд, ки барои ба ҳақиқат мӯбаддал сохтани хоби ду карат дидааш аз баҳри гӯспандонаш баромада буд. Дар бораи Роҳи Худ ва бисёр чизҳои мақбулшудааш хотиррасон мекард дар хусуси онҳое, ки ба ҷустуҷӯи заминҳои нав ва ё соҳибҷамолон равона шуда, ба хурофот ва таассуби ҳамзамононашон муқобил баромадаанд. Вай аз кашфиётҳои бузургу дигаргуниҳои сутург ва китобҳои олӣ суханҳо гуфт.

Ва ҳамин ки Сантяго бо давони тал роҳ оғоз карда буд, ки дил ба ӯ пичиррос бизад:

«Бодиққат бош. Дар он ҷое, ки туро гиря мегирад, ман мешавам, яъне ганҷинаи ту ҳам».

Ҷавон ба оҳистагӣ боло мешуд. Дар осмони ситоразор дубора моҳи пурра ҳувайдо гардид. Ӯ як моҳи тамом дар биёбон роҳ паймуд. Моҳтоб талро равшан мекард ва сояҳо ончунон мӯъҷизасон бозӣ мекарданд, ки биёбон ба назар мисоли баҳри пурмавҷ мерасид, ва Сантяго он рӯзро ба хотир овард, ки бо Кимиёгар хайрухуш карда, лигомро сар дод ва аспашро ба ихтиёри худаш гузошт. Моҳ хомӯшии биёбон ва роҳи дар қафомондаро, ки ҷӯяндагони ганҷинаҳо боз тай хоҳанд кард, рӯшаноӣ мебахшид.

Ҳангоме, ки пас аз чанд дақиқа ӯ ба қулла расид, ногаҳон дилаш бо эҳтирос сахт-сахт ба тапиш афтод. Пеши чашмони ӯ аз фурӯғи моҳтоб ва сапедии регҳо босалобатона аҳромҳо сар мекашиданд.

Сантяго ба зону афтод ва гирён шуд. Ҷавон ба Худованд шукру сипос намуд, барои он ки Ӯ иноят фармуд, то ба Тақдири Худ бовар бикунад, ки он варо бо Мелҳисиддиқ, тоҷири булӯр, бо Британӣ, бо Кимиёгар ва - аз ҳама муҳим - бо зани биёбонӣ, бо зане вобихӯронад, ки водор бисохт, бар он эътимод ҳосил бинамояд, ки ишқу муҳаббат ҳеҷ гоҳ одамро аз Роҳаш ҷудо наменамояд .

Аҳромҳо аз баландии ҳазорсолаҳо ба ҷавон назар медӯхтанд. Акнун ӯ, агар бихоҳад, метавонад, ба ободон баргардад, Фотимаро ба занӣ гирифта, ба гӯспандбониаш машғул бишавад. Охир, Кимиёгар, ки Забони Ягонаро медонаду қӯрғошимро ба тилло

мубаддал сохта метавонад, дар биёбон зиндагӣ дорад-ку. Ба Сантяго зарур нест, ки ба касе санъати хешро намоиш бидиҳад, нафаре нест, ки бо меваҳои фаросати худ варо ба ҳайрат оварад: ӯ аз паи Тақдири худ пай зада, ба ҳамаи чизҳои барояш зарурӣ омӯхта гардид ва тамоми он чизҳоеро, ки орзӯ мекард, имтиҳон намуд.

Вале ӯ ганҷинаи худро мекофт ва корро ҳамон вақт ба итмомрасида ҳисобидан мумкин мешавад, ки гавҳари мақсуд ба даст омада бошад. Ҷавон дар қулла меистоду мегирист ва гоҳе, ки ба поён нигарист, бидид: дар он ҷое, ки ашки дидагонаш мечаканд, гамбуски саргинғелон мехазад. Дар муддати пайзаниаш дар биёбон Сантяго огоҳ шуда буд, ки дар Мисри Қадим ин ҷонвари қудсӣ рамзи Худо будааст.

Боз як аломат барояш аён гардид ва ҷавон ба кофтан шурӯъ карданӣ шуд, лекин пеш аз он савдогари булӯрро ба ёд овард ва фаҳмид, ки вай ҳақ набудааст: ба ҳеҷ кас муяссар намешавад, ки аҳромро дар рӯи ҳавлии худ бисозад, ҳатто агар тамоми умрро ба масраф дода, паёпай санг болои санг бичинад ҳам.

Ӯ тамоми шаб регро дар ҷои муқарраркарда кофта, лекин чизе наёфт. Аз қуллаи аҳромҳо ба ӯ хомӯшона ҳазорсолаҳо назар медӯхтанд. Вале ӯ таслим намешуд - мекофту мекофт ва бо шамол набард менамуд, ки чуқуриро ҳар замон бо рег дубора пур карданӣ мешуд. Сантяго аз ҳалоикат рафт, дастонаш хуншор шуданд, лекин боварияшро ба дил идома медод, он водор менамуд, ки ба ҳар куҷое ашки чашмонаш бичаканд, он ҷойро кофтан гирад.

Ва ногаҳон дар он лаҳзае, ки ӯ аз чуқурӣ сангҳоро берун мекард, шарфаи пой ба гӯшаш расид. Сантяго рӯй гардонида, одамонро дид- онҳо якчанд нафар буданд ва пушт ба рӯшаноӣ меистоданд, ки ба ҷурми он ҷавон наметавонист, чеҳраҳои эшонро бубинад.

-Ту ин ҷо чӣ кор мекунӣ?- пурсид яке.

Ҷавон чизе ҷавоб надод. Вуҷудашро ваҳму ҳарос фаро гирифт, зеро акнун ӯ чизҳое дошт, ки аз гум карданашон метарсид.

-Мо аз ҷанг гурехтаем,- гуфт дигаре. -Ба мо пул лозим. Ту дар ин ҷо чӣ пинҳон кардай?

-Ман ягон чиз пинҳон накардаам,- ҷавоб гардонд Сантяго.

Вале яке аз гурезаҳо ӯро аз чуқурӣ кашида баровард, дуюмӣ кисаҳояшро кофта, хӯлаи тиллоро биёфт.

-Тилло!- фарёд кашид вай.

Акнун моҳтоб чеҳраи варо рӯшан мекард ва Сантяго дар чашмони ҳаққи мардумхӯр марги хештанро бидид.

-Дар он ҷо боз буданаш мумкин!- гуфт дуюмӣ.

Онҳо маҷбур сохтанд, ки Сантяго чуқуркобиро идома диҳад ва ба ӯ лозим омад, ки ба фармон итоат бикунад. Вале ганҷинаҳо набуданд ва он гоҳ ғоратгарон ба лату кӯби Сантяго пардохтанд. Онҳо ӯро то он даме заданд, ки дар осмон нахустин нурҳои рӯшаной падидор шуданд. Либосҳояш лахту пора гаштанд ва ӯ эҳсос бинамуд, ки маргаш фаро расидааст.

Ба ӯ суханони Кимиёгар ёдрас шуданд: «Ба ту пул чӣ даркор, агар мурдан лозим меомада бошад? Пул, ҳатто лаҳзае маргро боздошта наметавонад».

-Ман ганҷина мекобам!- дод зад Сантяго.

Ӯ базӯр лабҳои кафидаю варамидаашро ҷунбонида, ба ғоратгарон нақл намуд, ки дар хобаш ду маротиба ганҷинаро бидид, ки дар пояи аҳромҳо пинҳон карда шудааст.

Оне, ки сарвари яғмогарон маҳсуб мешудааст, дуру дароз хомӯш гашт ва сипас ба яке аз зердастонаш рӯй оварда гуфт:

-Ӯро сар деҳ. Дигар ягон чиз надорад, ин хӯларо бошад, аз ким-куҷои дигар duздидааст.

Сантяго ба замин парӯ ғалтид. Сарвар мехост, ба чашмони ӯ бинигарад, лекин нигоҳи ҷавон ба аҳром равона шуда буд.

-Рафтем аз ин ҷо,- гуфт сарвар ба дигарон ва сипас ба Сантяго рӯй овард:

-Ман ҷонатро бо ту мондам, то бифаҳмӣ, ки ба ин андоза аҳмақ будан нашояд. Дар он ҷое, ки ту ҳозир қарор дорӣ, ман худам ду сол муқаддам як хобро чандин маротиба дидам. Ва ба хобам даромад, ки ман бояд ба Испан равона шавам, дар он ҷо калисои вайронаро кофта биёбам, ки дар он ҷо чӯпонҳо бо гӯспандҳои худ барои шабгузаронӣ қарор мегирифтаанд, дар он ҷое, ки дар хонаи либоси роҳибон тутанҷири бузург рӯидааст, зери ҳамон дарахт ганҷина ниҳон меистодааст. Лекин ман чандон аҳмақ нестам, ки фақат барои чанд маротиба такрор шудани ҳамон як хобам биёбонро убур карда гузарам.

Бо ин суханон ғоратгарон ба роҳи худ рафтанд.

Сантяго бо душворӣ ба по хеста, бори охир ба аҳромҳо назар кард. Онҳо ба ӯ табассум менамуданд ва ӯ ҳам табассум кард, аз эҳсоси он ки дилаш аз бахту саодат лабрез буд.

Ӯ ганҷинаи хешро дарёфта буд.

## ОХИРСУХАН

Ҷавонро Сантяго меномиданд. Аллакай қариб тамоман торик шуда буд, ки ӯ ба калисои нимвайрона рафта расид. Дар хонаи либоси ибодатгоҳ мисли пешина тутанҷир расорасӣ дошт, аз роғаи гумбази сӯрохгашта, мисли пешина, ситораҳо ба чашм мерасиданд. Ӯ ба хотир овард, ки боре бо подаи худ дар ин ҷо шабгузаронӣ карда буд ва агар хоби дидааш сарфи назар шавад, шаб оромона гузашт.

Ҳоло ӯ боз дар ҳамин ҷо қарор дошт. Дар ин карат ӯ ба ин ҷо пода ронда наовард. Дар дасти ӯ бел буд.

Ӯ ба осмон дурандароз нигоҳ кард ва баъд аз тӯрбааш қумқумаи майро бароварда, қулте бинӯшид. Ба ёд овард, ки боре шабона дар биёбон ҳамин тариқа ба осмон наззора менамуд ва бо Кимиёгар май менӯшид. Ба ёд овард, ки чӣ қадар роҳҳо дар қафо монданд ва андешид, ки Худованд бо чӣ роҳҳои пурмӯъҷиза барояш ҷои ганҷинаро нишон дод.

Агар ӯ ба хобаш бовар намекард, лӯлизани кӯҳансол, Мелҳисиддиқ, ғоратгаронро дучор намеомад...

«Рӯйхат беҳад дароз мешавад. Лекин роҳ бо аломатҳо нишона карда шуда буд ва ман наметавонистам, раҳгум бизанам»,- андешид ӯ.

Бехабар аз худ хобаш бурд. Ва гоҳе, ки бедор гашт, аллакай офтоб басе баланд шуда буд. Сантяго таҳти решаи тутанҷирро кофтан гирифт.

«Ҷодугари пирӣ,- фикр мекард ӯ дар бораи Кимиёгар,- ту ҳамаашро пешакӣ медонистӣ. Ту, ҳатто, пораи дигари хӯлаи тиллоро барои он мондӣ, ки ман то ба ин калисо расида тавонам. Роҳиб қоҳ-қоҳзанон хандид, вақте маро бо либоси лахту пора ва пайкари абгор бидид. Магар ту наметавонистӣ, ки маро аз ин қину азобҳо халос бикунӣ?»

«Не,- бишнид ӯ дар замзамаи шамол. -Агар ман туро бохабар мекардам, ту аҳромҳоро дида наметавонистӣ. Ҳақиқатан ҳам онҳо беҳад зебоанд, ҳамту не?»

Ин садои Кимиёгар буд. Ҷавон табассум намуд ва кофтанашро идома дод. Пас аз ним соат бел ба ким-чӣ гуна чизи сахт бархӯрд ва боз баъди як соат пеши назари Сантяго сандуқчае меистод, ки аз тангаҳои қадимаи тиллоӣ лаболаб буд. Дар он ҷо сангҳои қимматбаҳо, ниқобҳои заррини бо парҳои сафеду сурх орододa, бутчаҳои сангии ёқутнишон нишонаҳои хоси зафарҳои ҷангӣ, дар бораашон мамлакат кайҳо фаромӯш кардааст, боигарие, ки соҳибаш дар бораи он ба фарзандони худ ҳарфе нагуфта буд.

Сантяго аз тӯрба Урим ва Туммимро баровард. Онҳо фақат як маротиба, ҳамон шомгоҳон дар бозор ба ӯ кор омада буданд: ҳаёт бе онҳо низ барояш аломатҳои лозимӣ мебахшид.

Ӯ сангҳоро ба сандуқча ниҳод - онҳо ҳам ҷузъи ганҷинааш буданд: сангҳо ба ӯ аз шоҳи мӯйсафед, ки дигар ҳеҷ гоҳ вонамехӯрадаш, ёдрас менамуданд.

«Ҳаёт дар ҳақиқат ҳам нисбат ба касоне, ки аз паи Тақдири худ мераванд, ҳиммати бемисл зоҳир менамояд,- андешид ӯ ва ба хотир овард, ки ба Тариф рафта, даҳяки бозёфташро ба лӯлизани кӯҳансол доданаш лозим аст. -Он қадар доно ҳастанд лулиён! Шояд аз он сабаб бошад, ки дар олам бисёр пай мезананд».

Ӯ боз ҳам накҳати шамолро эҳсос намуд. Ин шамоли «левантӣ» буд, ки аз Африқо вазида омада ва дар ин навбат вай бӯи биёбонро бо худ наёвард ва аз хавфу хатари тохтутози мағрибиҳо огаҳ накард. Акнун Сантяго дар ин бод бӯи диловези ошно, садо ва маззаи бӯсаи ба оҳистагӣ фарорасанда ва оқибат бар лабҳояш гарм-гарм мӯҳрзанандаро эҳсос намуд.

Ҷавон табассум кард: ин бӯсаи нахустини Фотима буд.

-Ман меоям,- гуфт ӯ,- ба назди ту меоям, Фотима.

*23 сентябри соли 2006 тарҷума анҷом ёфт.*
*Тарҷумаи Солеҳи Зарифзод*

## ПАУЛО КОЭЛЙО КИМИЁГАРИ СУХАН

Пауло Коэлйо аз сарҳангони машҳуртарин соҳибқаламони олами имрӯзин шинохта шудааст. Ба ин алломаи бразилиягӣ, пеш аз ҳама, асари беамсолаш «Кимиёгар», ки бори аввал соли 1988 дар ватанаш ба табъ расида буд, шӯҳрати ҷаҳонӣ оварда, бешак, соҳибашро басе рӯҳбаланд намуд ва боиси дар арсаи адабиёти ҷаҳонӣ беш аз пеш гомҳои устувор гузошта, маҳбубу писанди ҳамагон шуданаш гардид.

Пауло Коэлйо 24 августи соли 1947 дар Рио-де Жанейро дар оилаи муҳандис таваллуд ёфтааст. Роҳи Худро аз наврасӣ дар нависандагӣ медид ва ҳарчанд ки то ба ин ҷода қадамҳои маҳкам гузоштан Пауло, ба қавле ба ҳар кӯчаю дар худро бизад, оқибат ҳамаи саддҳои сикандариро рустамона паси сар намуда, ин касби пуршарафро пешаи худ намуд ва бо хости Худованд тавфиқ ёфта, ба иноятти бениҳояти яздонӣ сар ба афлок кашид.

Шояд хонандаи тоҷик огаҳӣ надошта бошад, ки солҳои шастум дар Бразилия диктатураи ҳарбӣ фарҳангро мамнӯъ эълом дошта

буд (ба сони он ки режими коммунистӣ дар кишвари мо дин ва моликияти хусусиро аз ёдҳои мардум дур карданӣ буд) ва вожаи «эҷодкор» дар радифи «коммунист», «нашъаманд», «бекор» ва «ҳомосексуал» пазируфта мешуд ва чун Пауло рағбати беандоза ба навиштан дошт, волидонаш бо нияти аз хатари мӯҳлиқ эмин доштани фарзандашон маҷбур шуданд, ӯро чанд муддат дар беморхонаи маризҳои рӯҳӣ ҷой бикунанд. Ҷавон, ки аллакай дар ниҳодаш бо хости Худованд чашмаҳои муқтадири истеъдод ҷӯш мезад, баробари аз ин даргоҳи зиндонмисол растан ҳарисона ба мутолиаи китобҳо мепардозад ва чунонки худ борҳо иқрор кардааст, аз Марксу Ленин сар карда, то адабиётҳои дину оинҳои мухталиф ва тариқату иттифоқҳои бешумор «ҳарчӣ пеш ояд, хуш ояд»- гӯён хондан мегирад. Баъди чанде худаш маҷаллаи пинҳонии «2001» таъсис дода, дар он масоили маънавӣ, диниро мавриди назар қарор медиҳад. Ба ҷуз ин ӯ ба эҷоди сурудҳои анархистӣ мепардозад ва ситораи роки бразилиягӣ Ҷим Моррисон онҳоро чунон устодона ба иҷро мерасонад, ки дар муддати кӯтоҳтарин Пауло Коэлйо ба шӯҳрати беандоза ва сарвати бузург ноил мешавад. Азбаски он ҳама корҳояш варо ба Роҳи Худ ҳамагӣ наздик мебурданду ба ин ҷодаи асил - орзуи якумрааш ҳанӯз гом наниҳода буд, Пауло дар суроғи хештан худро ба дигар гӯшаю шохаҳо мезад: рӯзноманигорӣ, коргардонӣ дар театр ва намоишноманависӣ.

Дере нагузашта мавзӯи шеърҳояш арбобони замонро ба шӯр овард ва ӯро дар фаъолияти пинҳонии зиддиҳукуматӣ муттаҳам намуда, се карат ба ҳабс гирифта, қину азоб карданд. Баъди аз маҳбасхона баромадан Коэлйо қарор медиҳад, ки мавриди ба қатори одамони муқаррарӣ даромаданаш расидааст ва аз навиштан даст кашида, баҳри мартабаёбӣ ҷаҳду талош меварзад, вале ӯро бидуни асосу сабаб аз кор меронанд ва Пауло ноилоҷ саёҳатро пеш мегирад. Мулоқоти тасодуфӣ дар Амстердам вайро ба иттиҳоди католикии ҚАМ меоварад, ки ҳанӯз соли 1492 таъсис ёфта буд. Дар ин ҷо Пауло хондани забони аломатҳоро азбар менамояд. Дар асоси оини роҳ иттиҳод ӯро ба саёҳати зиёратӣ ба Сантяго де Компостелла мефиристад. Бо пайроҳаи машҳури ҳоҷиён Коэлйо 80 километрро тай карда, таассуроташро дар китоби нахустинаш «Зиёрат» баён менамояд, ки он соли 1987 интишор мегардад. Ҳамоно баъди ин ӯ романи «Кимиёгар»-ро аз даст мебарорад, ки ба нависанда шӯҳрати ҷаҳонӣ мебахшад.

«Кимиёгар» аз давраи интишори нахустин - соли 1988 то ба ин дам китоби аз ҳама серхаридор дар тамоми таърихи Бразилия

маҳсуб мешавад ва ҳатто ба Китоби рекордҳои ҳиннес ворид гаштааст. Соли 2002 нашриёти маъруфи португалӣ «Ҷурнал де Летрас» эълом дошт, ки адади нашри «Кимиёгар» дар таърихи инкишофи забони португалӣ аз ҳамаи асарҳои ба ин забон чопшуда бартарии комил дорад.

Дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико низ шӯҳрати Пауло Коэлйо барқвор паҳн гардида, асарҳояш, бавижа, «Кимиёгар» гӯи пешоҳангӣ аз ҳама нависандагони маҳаллию хориҷӣ рабуд ва дар рӯйхати китобҳои беҳтарин мустаҳкам ҷой гирифт. Моҳи маи соли 1993 нашриёти «Ҳарпер Коллинз» ба тариқи таҷриба «Кимиёгар»-ро бо адади 50 000 ба табъ расонд, ки худи ҳамин барои нависандагони бразилиягӣ рекорд маҳсуб мешуд. Ҷон Лоудон, директори иҷроияи нашриёти мазкур дар анҷумани муаррифии нашр чунин гуфта буд: «Ин падида мисоли он хоҳад буд, ки сапедадам - дар он даме, ки ҳанӯз ҳама масти хобанд, бедор бишавию ҷаҳонороии хуршеди оламгирро тамошо бикунӣ. Бардошт бикунед, дур нест, ки ҳамагон бедор бишаванд ва ба дидори офтоб мушарраф гарданд». Ташаббуси «Ҳарпер Коллинз» Коэлйоро басе шодмон намуд ва ӯ иқрор кард, ки «Ин барои ман лаҳзаи хос аст».

Пешгӯии корманди нашриёти мазкур паёмбарона гардид ва асарҳои Пауло Коэлйо дар Амрико маҳбуби ҳамагон шуданд. Ҷулия Робертс дар филми мустанади «Пауло Коэлйо - кимиёгари сухан», ки Дискавери / Поло де Имаҳем истеҳсол намудааст, бо эҳтироси бениҳоят чунин мегӯяд: «Ин (китоби «Кимиёгар» дар назар аст) гӯиё мусиқист! Ончунонки ӯ менависад, олиҷаноб аст!»

Ҳофизаи пуршӯҳрат Мадонна дар мусоҳибааш дар маҷаллаи олмонии «Зонтаг-Актуал» бо меҳру муҳаббати бепоён чунин мегӯяд: ««Кимиёгар» китоби олиҷанобест перомуни соҳирӣ, орзуву ганҷинаҳо, ки мо дар ҳама ҷо меҷӯему дар остонаи дари хештан дарёфташон менамоем».

Ҳамин тариқа «Кимиёгар»-и Пауло Коэлйо дар бузургтарин мамолики китобхони олам - Фаронса, Олмон, Испан, Италия, Португалия, Австралия, Чин дили миллионҳо дӯстдорони адабиёти асилро тасхир намуда, солҳои тӯлонӣ дар сархати хонотарин китобҳои ин кишварҳо ҷойгир шуд. Воқеан, аз соли 1988, аз замони нахустин нашри «Кимиёгар» асарҳои ин нависанда ба 52 забон тарҷума шуда, дар 140 мамлакати олам бо адади афсонавии беш аз 35 миллион манзури хонандагон шуданд.

Аз шӯҳрати беамсоли китобҳои Коэлйо мукофоту ҷоизаҳои бешуморе дарак медиҳанд, вале ба ҷои номбар кардани онҳо ба самъи хонандагони гиромии тоҷик чанд нуктаи аҷиберо пешкаш

карданӣ ҳастем, ки аз шахсияти нотакрор будани ин аллома бештар дарак медиҳанд. Соли 1997 дар ярмаркаи китоби Франкфурт ноширон бар шарафи Пауло Коэлйо шабнишинӣ оростанд, ки дар он аз ҷумла табъи дарпешистодаи байналмилалии романи «Кӯҳи панҷум» қайд карда шуд. Нашри мазкур моҳи марти соли 1998 амалӣ карда, тантанаҳои калони он дар Париж доир гардиданд. Паулоро комёбияш дар намоиши китоб («Салон дю Ливр») ба ваҷд овард, ки дар он ҷо нависанда дар бадали ҳафтуним соат барои талабгорон дар китобаш соядаст навишт. Баъди ҳамаи ин нашири китоб ба шарафи Пауло Коэлйо дар Осорхонаи Лувр зиёфати бегоҳӣ орост, ки ин на ба ҳар эҷодкор муносиб дида мешавад.

Ба шӯҳрати беандозаи аллома гувоҳии дигар соли 2000 ба Эрон ташриф овардани Пауло Коэлйо афзуд. Аз соли 1979 сар карда муаллифи «Кимиёгар» нахустин нависандаи номусулмон буд, ки ин давлати исломиро ба таври расмӣ зиёрат бинамуд. Ӯро ҳаводорони асарҳои ноб дар ватани бузургтарин сухангӯёни олам бо эҳтиром ва бузургдошти арзанда истиқбол намуданд. Вай ҳамчунин дар ин ҷо огоҳ гардид, ки миллионҳо нусхаи асарҳояш бидуни иҷозат (Эрон ҳеҷ гоҳ шартномаҳои байналмилалиро оид ба ҳуқуқи муаллифӣ ба имзо нарасонида буд) дастраси ҳаводоронаш шуда будаанд. Дигар нуктаи аҷиб он аст, ки Пауло инчунин нахустин муаллифи номусулмон гардид, ки барои чопи асарҳояш дар ин мамлакат бо ҳаққи қалам сарафроз гардонида шуд. Ҳазорҳо нафар ҳаводорони сӯҳбатҳои дилпазираш дар анҷуманҳои бузург аз суханрониҳои ӯ ба ваҷд омаданду садҳо ҳазор бо дилу ҷон соядастро дар китобҳои ба форсӣ нашршудааш соатҳо мунтазирӣ кашиданд.

Пас аз ду соли ин ҳодиса қадамзании бардамонаи Пауло Коэлйо дар Русия баргузор гардид. Аллома ба ин мамлакати бузург якбора панҷ китобашро муаррифӣ намуд, ки ҳанӯз то ташрифаш дар Русия ҳамаи онҳо - «Иблис ва хонум Прим», «Кимиёгар», «Китоби Сарбози Олам», «Вероника мурданӣ мешавад» ва «Кӯҳи панҷум» панҷ сатри болотарини рӯйхати китобҳои хонотаринро банд карда буданд. Ҳамагӣ дар бадали ду ҳафта дар кишвари паҳнои Рус беш аз 250 000 нусха китобҳои Пауло Коэлйо ба фурӯш рафтанд ва адади солонаи он ба миллион рафта расид. Дар бузургтарин мағозаҳои китоби Русия бо иштироки нависанда чорабиниҳои аҷибе доир гардиданд, ки на ҳамаи ҳаводорони истеъдоди Пауло Коэлйо имкони дар онҳо ширкат карданро ёфта тавонистанд. Дар муаррифии асарҳои ӯ собиқ

президентони Русия - Елсин, Горбачев ва Путин ширкат варзиданд. Ногуфта намонад, ки дар чунин чорабиниҳо Путин ба нависандаи фарзона дар ҳузури ҳазорҳо ҳаводоронаш иқрор кард, ки «Кимиёгар» китоби рўимизии ў аст.

Пауло Коэлйо алҳол дар айни камолоти эҷодӣ аст ва мардумони заршиноси тамоми ақсои олам дуои ҷонашро карда, ба умеди он ҳастанд, ки минбаъд ин кимиёгари асили сухан бо ганҷинаҳои навтарини бозёфтааш ба чашмҳо нуру ба дилҳо сурур хоҳад бахшид.

***Мутарҷим***